ISSN 2410-2903

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАЦИОНАЛЬНЫЙ ЦЕНТР ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА
ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

NATIONAL LEGISLATION CENTER UNDER THE
PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

# ҚОНУНГУЗОРӢ
# ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО
# LEGISLATION

**№ 2 (38), 2020**

**апрел – июн**

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла инчунин дар Базаи маълумотҳои таҳлилии – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Нашрияи мазкур дар ҳамкории муштарак бо Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр мешавад.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкории иқтисодӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

* * *

Журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

Данное издание публикуется совместно с Программой GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

В розничную продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

Нашркунанда:
giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**

**Раҳимзода Маҳмад Забир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член корреспондент Национальной Академии наук Республики Таджикистан

**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор

**Бахриддинзода Субҳиддин Эсо,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент (заместитель главного редактора)

**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
доктор юридических наук, доцент

**Букалерова Людмила Александровна,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
доктор юридических наук

**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор

**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор

**Шонасридинов Назриддин,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**Меликов Умрилло Асадуллоевич**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
доктор юридических наук

**МУҲАРРИРОН:** Искандаров С.
**РЕДАКТОРЫ:** Таиров С.С.

**ШӮРОИ МАШВАРАТӢ**
**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук.

**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике-полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор.

**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Генеральный прокурор Республики Таджикистан.

**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
профессор, академик Национальной Академии наук Таджикистан.

**Шермуҳаммад Шоҳиён,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Председатель Верховного суда Республики Таджикистан.

**Қаландарзода Мавлуда Сатторӣ,**
Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Председатель Высшего экономического суда Республики Таджикистан.

**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
Уполномоченный по правам человека в Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент.

**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
Начальник Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент.

**Худоёрзода Бахтёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент.

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода намекунад. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо бар зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Точки зрения редакционной коллегии и авторов не всегда совпадают. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

**МУНДАРИҶА** **СОДЕРЖАНИЕ**

**12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**

***Шарофзода Р.Ш.*** Таъсири ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 6

**12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)**
**12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)**

***Диноршох А.М., Солехзода Г.Д.*** К вопросу о понятии социального государства ..........
***Мирзамонзода Х.М.*** Конституционные основы построения органов судебной власти в Республике Таджикистан ........ 13
***Бобоев Ф.*** Правосознание граждан как основной элемент правовой культуры общества ........ 19
***Муродзода У.У.*** Сравнительно-правовой анализ понятия «пытки» в Республике Таджикистан и Российской Федерации: конституционно-правовые аспекты ................ 27

33

**12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ**
**12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО**

***Қурбонализода Ф.*** Баъзе аз масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак ба озодии сухан ........................
***Бобохонов Ҳ.З.*** Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 37
***Наботов С.Х.*** Реҷаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкори инфиродӣ .................................... 42
***Муминзода О.С.*** Рушди қонунгузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар Иттиҳодияи Шӯравӣ ........ 48

51

**12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ**
**12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**

***Бобокалонов Ғ.М.*** Ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат ........

57

**12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ**

**ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ**
**12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО**

***Соҳибов М.М.*** Мушкилиҳои танзими ҳуқуқии баҳои замин: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ........................................ 63
***Фархудинов Ҷ.*** Оид ба баъзе масъалаҳои рушди муносибатҳои суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ........................................ 75

**12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО**
**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

***Маҳмашарифзода А.М.*** Танзими ҳуқуқии муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ........................................ 82
***Косимова М.А.*** Некоторые вопросы предупреждения женской преступности на современном этапе ........................................ 87

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**

***Хоҷаева Н.*** Оид ба махсусияти пайдоиш ва рушди намудҳои алоҳидаи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ........................................ 92

**12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО**
**12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**

***Махмадшозода Ф.А.*** Перспективы ратификации Республикой Таджикистан Конвенции о равноправии граждан страны и иностранцев и лиц без гражданства в области социального обеспечения ........................................ 101

**ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ЗАРУБЕЖНАЯ ПРАКТИКА**

***Петер Квоста*** Доступ к (административному) суду к вопросу о предпосылках обжалования в административном судопроизводстве Австрии ........................................ 108
***Вячеслав И.С. А.В. Серебренникова. Владимир Г.С.*** К 100-летию со дня рождения профессора Юрия Матвеевича Ткачевского: жизненный, боевой и творческий путь (10.06.1920, 30.12.2016) ........................................ 117

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН**
**ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**

***Шарифзода Ф.Ш.*** Экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо воситаи таъмини самаранокии қонунгузорӣ ........................................ 124
***Абдураҳимзода Ф.*** Танзими ҳуқуқии муносибатҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................ 130
***Ёров А.*** Танзими ҳуқуқии реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................ 134

***Султанова Ф.*** Танзими ҳуқуқии қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад ........ 139
***Асозода Ф.Ҳ.*** Нақши занон дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ........ 143
***Одинаев Ш.Х.*** Танзими меъёрӣ ва техникии заминсозӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 148

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**

***Давлатзода Д.*** Ваҳдати миллии тоҷикон ........ 154

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

Навигариҳои соҳаи қонунгузории граждани ........ 158
Навигариҳои қонунгузорӣ дар соҳаи молия ........ 158
Навигариҳои қонунгузорӣ дар соҳаи экологӣ ........ 159

## 12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ
## 12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ



**Шарофзода Р.Ш.,**
*мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.*
*E-mail: www-rustam-tj@mail.ru*
*Тел.:(+992)901-00-07-70*

# ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо***: *ҷаҳонишавӣ, қонунгузорӣ, низоми қонунгузорӣ, ҳуқуқи миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, манфиатҳои миллӣ*

***Ключевые слова***: *глобализация, законодательство, система законодательства, националь-ное право, международное право, национальные интересы.*

***Keywords***: *globalization, legislation, system legislation, national right, international right, national interests.*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли қонунгузории давлатҳои муосир дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки шаклҳои гуногуни зуҳурот доранд, бо роҳҳои гуногун ба низоми қонунгузории миллӣ таъсир мерасонанд. Ҳамаи шаклҳои ҷаҳонишавӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва дигар) ба низоми қонунгузории миллӣ таъсир мерасонанд, чунки бо истифода аз тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ паҳн мешаванд. Чунончи, танзими иқтисоди ҷаҳонӣ, бозори ҷаҳонии меҳнат, фаъолияти ташкилотҳои фаромиллии иқтисодиву молиявӣ ва ниҳодҳои дигари иқтисодии ҷаҳонӣ бо меъёрҳои муайяни байналмилалӣ ва фаромиллӣ ба роҳ монда мешавад. Воситаҳои ҳуқуқӣ дар ҷараёни ҷаҳонишавии фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва дигар низ истифода мешаванд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ қонунгузории миллӣ ба қоидаҳо ва меъёрҳои иқтисоди глобалӣ тавассути ширкати давлат дар Созмони ҷаҳонии савдо ва дигар ташкилотҳои иқтисодиву молиявии фаромиллӣ мутобиқ карда мешавад. Мутобиқгардии қонунгузории миллӣ ба равандҳои дигари ҷаҳонишавӣ низ мушоҳида мешавад. Сатҳи мутобиқгардии низоми қонунгузории миллӣ ба ҷаҳони глобалӣ аз сатҳи инкишоф ва паҳншавии равандҳои глобалӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, дар шароити рушди босуръати ҷомеаи иттилоотии глобалӣ раванди мутобиқгардии қонунгузории миллӣ, пеш аз ҳама қонунгузории иттилоотӣ ба меъёрҳо, принсипҳо, қоидаҳои ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ ба мушоҳида мерасад.

Тавре мушоҳида мешавад, имрӯз низоми қонунгузории миллӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Табиист, ки дар ҷаҳони глобалӣ қонунгузории миллӣ бо сарҳади дохилӣ маҳдуд шуда наметавонад. Густариши робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, илмӣ, техникӣ, технологӣ, иттилоотӣ, экологӣ, ҳарбӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ зарурати риоя ва истифодаи меъёрҳо ва қоидаҳои пазируфташудаи ҷаҳони глобалиро талаб мекунад. Дар ин шароит низоми қонунгузории миллӣ бо истифода

аз меъёрҳои тартиботи ягонаи ҷаҳонӣ, ки бо саъю кӯшиши давлатҳо ва созмонҳои фаромилливу минтақавӣ пойдор гаштааст, инкишоф меёбад.

Айни замон равандҳои нави ҷаҳони имрӯза, аз он ҷумла таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ дар назди низоми қонунгузории миллӣ вазифаҳои навро пеш мегузоранд. Аз ҳалли ин вазифаҳои ҳаётан муҳим рушди на танҳо қонунгузории миллӣ, балки умуман ҷамеа вобстагӣ дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ низоми муносибатҳои ҷамъиятии анъанавӣ, аз ҷумла оилавӣ, меҳнатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар тағйир меёбанд. Дар робита бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати танзими ҳуқуқии онҳо ба миён меояд.

Инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ имрӯз бо роҳҳои зерин сурат мегирад:

1) тағйири муносибатҳои ҷамъиятии анъанавӣ, ки дар заминаи арзишҳо ва меъёрҳои оилавӣ, одату анъанаҳо пойдор гаштаанд;

2) тағйири муносибатҳои анъанавӣ дар соҳаи муомилот, истеҳсол, мубодила ва тақсими маҳсулот, фаъолияти меҳнатӣ ва дигар, ки қаблан бо санадҳои муайяни қонунгузорӣ танзим мешуданд;

3) ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, алалхусус, дар ҷомеае, ки аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар мегузарад, ё дар он ислоҳоти куллии соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа гузаронида мешавад;

4) паҳн шудани муносибатҳо ва равандҳои нави ҷамъиятӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ бидуни сарҳади ҷуғрофӣ.

Табиист, ки сенарияи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки болотар зикр гардид, танзими ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, таъсиррасонии самараноки ҳуқуқиро тақозо менамояд. Дар акси ҳол низоми иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, аз он ҷумла низоми қонунгузорӣ халалдор мегардад. Назму суботи ҷомеа, тартиботи ягонаи дохилидавлатӣ, рушди усутувори ҷомеа, пеш аз ҳама, дар заминаи танзими ҳуқуқӣ имконпазир мегардад. Барои ҳамин, имрӯз истифодаи оқилона ва бамавриди тарзу воситаҳои самараноки танзими ҳуқуқӣ бештар эҳсос мешавад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои самарабахши танзими ҳуқуқӣ маҳсуб мешаванд. Ҳоло нақш ва нуфузи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳамаи давлатҳо, аз он ҷумла дар кишварҳои дорои ҳуқуқи англосаксонӣ баланд шуда истодааст. Бо дарназардошти ҳамин омилҳо низоми қонунгузории миллӣ ҳоло инкишоф меёбад.

Низоми қонунгузорӣ барои танзими муносибатҳои тағйирёбанда ва нави ҷамъиятӣ имконоти васеъ дорад. Айни замон роҳҳои гуногуни истифодаи санадҳои қонунгузорӣ ҷой доранд. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, такмили онҳо, ба принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани ин санадҳо, мураттабсозии қонунгузорӣ, аз ҷумла инкорпоратсия ва кодификатсияи қонунгузорӣ аз ҷумлаи роҳҳои маъмулии истифодаи қонунгузорӣ дар танзими ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад.

Дар ҳаёти имрӯза ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгузорӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҷаҳонишавӣ дар натиҷаи хусусияти умумиҷаҳонӣ пайдо намудани муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ташаккул ёфта, васеъ паҳн мешавад. Ин муносибатҳо, аз он ҷумла робитаи байни давлатҳо бидуни сарҳади давлатӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ ривоҷ меёбанд. Ҷаҳонишавӣ сарҳади миллӣ ва ҷуғрофӣ надорад. Бештари муҳаққиқон аз ин андеша пуштибонӣ мекунанд [1, с. 29-31]. Бар замми ин, таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ дар муқоиса бо таҳдидҳои қаблии ҷаҳонӣ дар натиҷаи истифодаи васеи дастовардҳои рушди илмӣ-техникӣ, технологияҳои иттилоотӣ, захираҳои молиявию иқтисодӣ, табиӣ шаклҳои нави зуҳурот пайдо мекунанд [9, с. 29].

Бар замми ин, ҷаҳонишавӣ муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Аз ин хотир, намояндагони соҳаҳои ҷудогонаи илми муосир заминаҳои гуногуни паҳншавии ҷаҳонишавиро муайян ва таҳлил мекунанд. Чунончи, ба андешаи иқтисодчиён ҷаҳонишавии иқтисодӣ асосан ба туфайли ташкили бозори молиявии фаромиллӣ ташаккул ёфтааст. Дар илми фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба ҳайси заминаҳои ҷаҳонишавӣ ҳамагонии арзишҳои башарӣ ва паҳаншавии ниҳодҳои демократӣ эътироф мешаванд. Ҳамзамон аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки табдил ёфтани ҷаҳони муосир ба системаи глобалӣ маънои

ҷаҳонишавиро дорад. Ҷаҳонишавӣ ба ҳайси идеологияи навтарини ҷаҳонӣ, ки фазои ҷомеаи ҷаҳонро муайян мекунад, арзёбӣ мегардад [4, с. 64].

Дар натиҷаи робитаи байни ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ падидаи нав бо номи «интернатсионализатсияи ҳуқуқ» ба миён омадааст, ки шаклҳои зайл дорад: гармонизатсия, унификатсия, ретсепсия, имплементатсия в стандартизатсия [5, с. 14]. Дар раванди гармонизатсия санадҳои қонунгузорӣ ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ карда мешаванд. Дар паёмади унификатсия меъёрҳои ягона ба низоми ҳуқуқии ду ва зиёда давлатҳо тавассути бастани шартномаҳои байналмилалӣ ворид карда мешаванд. Дар натиҷаи ретсепсия принсипҳо, меъёрҳо, институтҳои ҳуқуқии як ё якчанд давлат дар низоми ҳуқуқии миллӣ истифода мешаванд. Дар ҷараёни стандартизатсия, ки солҳои охир васеъ паҳн шудааст, стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон, экология, моликияти зеҳнӣ, мубориза бо терроризм, маводи нашъадор, коррупсия ба низоми қонунгузории миллӣ ворид карда мешаванд. Дар раванди имплементатсия меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми қонунгузории миллӣ бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ворид карда мешаванд [5, с. 11-14].

Низоми қонунгузорӣ, ки ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқӣ мебошад, мавриди таъсири ҷаҳонишавӣ қарор дорад. Шаклҳо ва роҳҳои зерини таъсири ҷаҳонишавӣ ба низоми қонунгузорӣ ҳоло бештар мушоҳида мешаванд:

- таъсири мутақобилаи низомҳои қонунгузории давлатҳо дар фазои глобалӣ;
- густариши робитаҳои байнидавлатӣ (тавассути қабули меъёрҳо ва қоидаҳои ягонаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ., муборизаи муштарак бо ҷинояткории фаромиллӣ ва ғ.);
- ҳамгироии давлатҳо дар соҳаи қонунгузорӣ (унификатсия ва гармонизатсияи қонунгузорӣ);
- қабули санадҳои қонунгузории намунавӣ ва дигар меъёрҳои ҳамоҳангсозанда дар доираи иттиҳодҳои байнидавлатӣ (ИДМ, Созмони ҳамкории Шаҳай ва дигар).

Бо таъсири ҷаҳонишавӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ тамоилҳои нав мушоҳида мешаванд. Яке аз онҳо универсализатсияи ҳуқуқ (ташаккули ҳуқуқи ҳамагонӣ) мебошад, ки дар натиҷаи наздикшавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ бо мақсади таъмини тартиботи ҳуқуқии ягонаи ҷаҳонӣ ташаккул меёбад. Ин ақида дар адабиёти илмӣ васеъ паҳн шудааст [13, с. 16-29].

Тамоили дигар бо инкишофи (тағйири) сохти дохилии (таркибии) низоми қонунгузорӣ робита дорад. Бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҳуқуқӣ дар дохили низоми қонунгузории миллӣ раванди ташаккули соҳаҳои нави қонунгузорӣ, ба соҳаҳои мустақил ҷудо шудани соҳаҳои анъанавии қонунгузорӣ вусъат меёбад. Тамоили мазкур дар қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ дар солҳои 1990-ум ба мушоҳида расида буд. Дар ин давра соҳаҳои анъанавии қонунгузорӣ ба соҳаҳои мустақил ҷудо мешаванд. Чунончи, қонунгузории таъминоти иҷтимоӣ аз қонунгузории меҳнатӣ, қонунгузории буҷавӣ аз қонунгузории маъмурӣ ҷудо мешавад [7, с. 385-386].

Айни замон бо баробари васеъ гардидани равандҳои ҷаҳонишавӣ сохти таркибии низоми қонунгузории миллӣ тағйир меёбад. Дар низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузории давлатҳо воҳидҳои нави комплексӣ дар шакли соҳаҳои интегративии (ҳамоҳангшудаи) қонунгузорӣ ташаккул меёбанд. Дар адабиёти илмӣ ин соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузориро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1) соҳаҳои пурра ташаккулёфта ва пазируфташуда, аз қабили ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи иттилоотӣ ва дигар; 2) соҳаҳои интегративии ҳуқуқ, ки дар натиҷаи ҳамгироии ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд: ҳуқуқи сулҳ, ҳуқуқи амният, ҳуқуқи муҳоҷиратӣ, ҳуқуқи рушди устувор ва дигар; 3) соҳаҳои насли нав, ки дар натиҷаи универсализатсияи ҳуқуқ (ҳуқуқи ҳамагонӣ) ва конвергенсияи ҳуқуқи байналмилаливу миллӣ ташаккул ёфта, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллиро дар бар мегиранд: ҳуқуқи иктисодӣ, ҳуқуқи иҷтимоӣ [13, с. 16-29].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ дар инкишофи низоми қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ тамоилҳои дигар низ ба мушоҳида мерасанд.

Дар адабиёти илмӣ бештар ба тамоилҳои зерин ишора карда мешавад: эътирофи тафовути ҳуқуқи умумӣ ва ҳуқуқи хусусӣ; ворид гардидани муносибатҳои корпоративӣ ба предмети танзими ҳуқуқӣ; истифодаи унсурҳои (танзими) шартномавӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи ҳуқуқ, аз ҷумла дар ҳуқуқи оилавӣ ва меҳнатӣ; мустақилияти ҳуқуқи оилавӣ дар таносуб бо ҳуқуқи гражданӣ ва дигар [7, с. 386].

Дар шароити афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ як қатор соҳаҳои қонунгузорӣ, аз қабили қонунгузории зиддикоррупсионӣ, зиддинашъадорӣ, зиддитеррористӣ ва дигар аҳамияти ҳаётан муҳим пайдо мекунанд. Ҳоло соҳаҳои зикршудаи қонунгузорӣ бо дарназардошти афзоиши хатарҳо такмил дода мешаванд.

Соҳаҳои нави ҳуқуқ ва қонунгузорӣ ташаккулу инкишоф меёбанд, ки аз доираи низоми ҳуқуқии миллӣ берун баромада, аҳамияти байналмилалӣ пайдо мекунанд. Яке аз онҳо ҳуқуқи варзишӣ ва қонунгузории варзиш мебошад. Ба андешаи А.А. Соловёв, ҳуқуқи варзишӣ холо бо ҳуқуқи иттилоотӣ ва ҳуқуқи тиҷоратӣ робитаи зич дошта, ба ҳуқуқи варзишии байналмилалӣ табдил ёфта истодааст [8, с. 11-13].

Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Айни замон таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ҳоло бештар мушоҳида мешавад. Ҷаҳонишавӣ боиси маҳдуд гардидани соҳибихтиёрии давлати миллӣ мегардад, ба анъанаҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, шуури ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад, барои ворид гардидани фарҳанги бегона ба фазои миллӣ мусоидат менамояд. Таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ (терроризм, экстремизм, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, ҷанги иттилоотӣ ва дигар) ба амнияти миллӣ (шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, экологӣ) таъсир расонида, рушди устувори ҷомеаро халалдор месозанд. Аз ин хотир, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ вазифаи ҳаётан муҳим мебошад. Тавре В.С. Нерсесянс таъкид мекунад, ширкат дар равандҳои ҷаҳонишавӣ истифодаи «шаклҳои аз лиҳози илмӣ асоснок ва самараноки ифода, ҳифз ва амалисозии манфиатҳои миллиро дар ҷаҳони тағйирёбанда ва пурихтилоф талаб мекунад» [3, с. 38].

Барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ чораҳо, тарзу воситаҳои гуногуни иқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, ҳарбӣ, технологӣ, ҳуқуқӣ ва дигар истифода мешаванд. Дар байни онҳо қонун, ки барои ифода ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ имконияти зиёд дорад, нақши ҳалкунанда мебозад.

Қонун яке аз воситаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи ифода ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ нуфузи қонун баланд мешавад. Ба андешаи бештари муҳаққиқон болоравии нақши қонун дар шароити ҷаҳонишавӣ бо он муайян мегардад, ки қонун унсури ибтидоии ҳамгирой ва наздикшавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ мебошад, бо тартиби махсус қабул мешавад, дар давлати ҳуқуқбунёд нуфузи баланд дорад [2, с. 32].

Қонунгузорӣ яке аз воситаҳои самараноки ҳифзи манфиатҳои миллӣ маҳсуб мешавад. Нақши ҳалкунандаи қонунгузорӣ дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ бо омилҳои зайл собит мегардад:

1. Қонунгузорӣ, ки хусусияти динамикӣ дошта, бо дарназардошти тағйироти куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шароити нав мутобиқ мешавад, барои ифода ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ имкониятҳои васеъ дорад.

2. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти давлат буда, бо иштироки мақомоти босалоҳияти давлат, аз ҷумла Президент, парламент, Ҳукумат, мақомоти дигари марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба сомон мерасад ва барои ҳимояи манфиатҳои давлатӣ имкониятҳои бепоён дорад. Давлат, ки субъекти асосии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ манфиатдор аст. Фаъолияти қонунгузорӣ бошад, бо иштироки мақомоти олии қонунгузор сурат мегирад. Дар фаъолияти қонунгузорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути амалисозии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ фаъолона иштирок мекунад. Субъектони дигари ташаббуси қонунгузорӣ низ иштирокчии бевоситаи фаъолияти қонунгузорӣ мебошанд.

3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ мебошанд, аз тарафи субъектони босалоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ (асосан мақомоти давлатӣ) қабул гардида, манфиатҳои миллиро ифода мекунанд. Ин санадҳо чун сарчашмаи аввалиндараҷаи ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла муносибатҳои алоқаманд бо манфиатҳои миллӣ (дар соҳаи оиладорӣ, тарбияи фарзанд, фаъолияти фарҳангӣ ва дигар) нақши ҳалкунанда доранд.

4. Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун Қонуни асосии давлат мақоми воло дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои аввалиндараҷаи миллиро, ки бо соҳибистиқлолии давлат, музаффариятҳои истиқлолияти давлатӣ, рамзҳои миллӣ, забони давлатӣ (тоҷикӣ), дахлнопазирии ҳудуди давлат, тамомияти арзии кишвар, асосҳои сохтори давлатӣ ва идоракунии давлатӣ робита доранд, бевосита ифода мекунад. Конститутсия нисбат ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нуфузи бештар дошта, имкон намедиҳад, ки нишондоди ҳуқуқи байналмилалии ба манфиатҳои миллӣ мухолиф ба низоми ҳуқуқии миллӣ ворид гардад.

5. Қонун дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нуфузи бештар дошта, доираи васеи муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро танзим мекунад. Дар Тоҷикистон қонунҳои миллӣ, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул шудаанд, ки бевосита манфиатҳои миллиро ифода ва ҳифз мекунанд. Қонунҳои дигари Тоҷикистон (дар соҳаи ҳифзи мероси фарҳангӣ, тарбияи ҷавонон, забони давлатӣ, хизмат давлатӣ ва дигар) низ воситаи ҳуқуқии ифода ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ маҳсуб мешаванд.

6. Имконияти ифода ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз сифати қонун, аз ҷумла риояи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ, тарзу воситаҳои дар қонун истифодашавандаи танзими ҳуқуқӣ, самаранокии танзими ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, таъмини сифати қонун заминаи аввалиндараҷаи ифода ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ маҳсуб мешавад [10, с. 48-55; 11, с. 227-237; 12 с. 133-142].

6. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар заминаи Конститутсия ва қонунҳо қабул гардида, табиист, ки манфиатҳои миллиро ба инобат мегиранд, барои ҳифзи онҳо мусоидат менамоянд. Меъёрҳо ва принсипҳои аввалиндараҷаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки манфиатҳои миллиро ифода мекунанд, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба инобат гирифта мешаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Бабай А.Н., Кораблин К.К., Алексеева Т.Г. Глобализация наркопреступности как фактор, обусловливающий модернизацию российского антинаркотического законодательства // Наркоконтроль. – 2012. – № 4. – С. 31-35.

2. Макогон Б.В. Тенденции развития национального законодательства в условиях глобализации // Бизнес в законе. – 2012. – № 2. – С. 32-35.

3. Нерсесянц В.С. Процессы универсализации права и государства в глобализирующемся мире // Государство и право. – 2005. – № 5. – С. 33-39.

4. Панарин А. Глобальное информационное общество: вызовы и ответы // Власть. – 2001. – №1. – С. 61- 64.

5. Рассказов Л.П. Влияние глобализации на современное российское право // Юристъ-Правоведъ. – 2014. – №2 – С.12-16.

6. Рассказов Л.П. Глобализация и ее влияние на современное российское право // Научный журнал КубГАУ. – 2015. – № 111 (07). – С. 1-20.

7. Саидов А.Х. Сравнительное правоведение (основные правовые системы современности): учебник. – М.: Юристъ, 2003. – 448 с.

8. Соловьев А.А. Основные тенденции развития законодательства о спорте в свете процессов глобализации // «Спорт: экономика, право, управление». – 2012. – № 4. – С. 11-13.

9. Сотиволдиев Р.Ш. Концептуальные основы познания глобальных вызовов в контексте развития цивилизационной теории А. Тойнби // Правовая жизнь. – 2018. – № 2 (24). – С. 15-29.

10. Сативалдыев Р.Ш. Теоретико-методологические проблемы понятия законодательства // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – Душанбе, 2015. – № 3/5 (173). – С. 48-55.

11. Сативалдыев Р.Ш. Понятие качества закона в рамках многообразия методологических подходов // Вестник ТНУ: Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – 2/8 (2015). – С. 227-237.

12. Сативалдыев Р.Ш. Критерии качества закона // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. Серия социально-политических и общественных наук. – 2016. – 2/11 (220). – С. 133-142.

13. Умнова И. А. Отрасли права нового поколения в условиях глобализации права и усиления взаимодействия международного публичного и конституционного права // Наука и образование. – 2013. – № 1 (32). – С. 16-29.

**Анотатсия**

**Таъсири ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгуории Ҷумҳурии Тоҷикитсон» моҳият, ҳадафҳо, шаклҳои зуҳуроти ҷаҳонишавӣ, таъсири он ба инкишофи қонунгузории миллӣ таҳқиқ карда мешавад. Омилҳои муайянкунандаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ чун прдмети танзими ҳуқукӣ, зарурати такмили қонунгузорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, самтҳои асосии инкишофи низоми қонунгузорӣ муайян ва таҳлил карда мешаванд. Робитаи байни ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, шаклҳои интернатсионализатсияи ҳуқуқ, роҳҳои инкишофи низоми қонунгузории миллӣ дар шароити таъсири меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таҳлил карда мешавад. Тағйироти ҷиддии сохти дохилии низоми қонунгузорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вазифаҳои қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳқиқ карда мешавад. Нақши қонун ва имкониятҳои низоми қонунгузории миллӣ дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ муайян ва таҳлил карда мешавад.

**Аннотация**

**Влияние глобализации на развитие законодательства Республики Таджикистан**

В статье «Влияние глобализации на развитие законодательства Республики Таджикистан» ракрывается сущность, цели, формы проявления глобализации, ее влияние на развитие национального законодательства. Выялены факторы, обуславливающие развитие общественных отношений как предмета правового регулирования, совершенствования законодательства в условиях глобализации, анализированы основные тенденции рразвития законодательной системы. Исследованы взаимовлияние национального права и международного права, формы интернационализации права, пути развития национальной системы закондательства под влиянием норм и принципов международного права. Анализированы кардинальные перемены в структуре системы законодательства в условиях глобализации и задачи законодательсьва в регулировании общественных отношений. Выялены и анализированы роль закона и возможности системы национальной системы законодательства в защите национальных интересов.

**Anotation**

**Impact of globalization on the development of the legislation of the Republic of Tajikistan**

In article «Influence globalization on development legislation Republics Tajikistan» it is analysed essence, purposes, the forms of the manifestation globalization, her(its) influence upon development national legislation. Vyyaleny factors development of the public relations as subject of the legal regulation, improvements legislation in condition globalization, are analysed main trends development legislative system. Explored influence national right and international right, the forms international right, way of the development of the national system legislation under influence of the rates and principle of the international right. Cardinal change are Analysed in structure of the system legislation in condition globalization and problems legislation in regulation of the public relations. Vyyaleny and is analysed role of the law and possibility of the system of the national system legislation in protection national interest.

## 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
## 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)



**Диноршох Азиз Мусо,**
*заведующий кафедрой конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридической науки, профессор*
*E-mail: dinorshoev@gmail.com*



**Солехзода Г.Д.,**
*аспирант кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета*
*E-mail: gulnora.555@mail.ru*

# К ВОПРОСУ О ПОНЯТИИ СОЦИАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА

***Калидвожаҳо:*** *мафҳуми давлати иҷтимоӣ; давлати иҷтимоӣ; давлат; сиёсати иҷтимоӣ; адолат; қонунгузорӣ.*

***Ключевые слова:*** *понятие социального государства; социальное государство; государство; социальная политика; справедливость; законодательство.*

***Key words:*** *the concept of a social state; social state; state; social politics; justice; legislation.*

С приобретением независимости в Республике Таджикистан произошли коренные изменения во всех сферах жизнедеятельности государства и общества, в том числе и в социальной области. В первые годы социальная сфера в Таджикистане переживала глубочайший кризис. Причиной подобной ситуации стали в первую очередь, вспыхнувшая гражданская война в начале 90-х годов, а также переход на рыночную экономику. В результате социальная сфера превратилась в одну из уязвимых сфер в деятельности государства. Понадобилось более десятка лет для того, чтобы вывести эту сферу из глубочайшего кризиса.

Основу данному процессу положило принятие Конституции Республики Таджикистан 6 ноября 1994 года, в статье 1 которой было закреплено положение о том, что Республика Таджикистан является социальным государством, которое создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека. После этого встал вопрос

определения вектора социального и общественного развития. Долгое время в республике пытались найти оптимальную модель построения социального государства, для чего изучался передовой мировой опыт. Сейчас Республика Таджикистан находится на этапе формирования целостной социальной политики, которая охватывает концептуальные, нормативные и эмпирические основы.

В этой связи, актуальность исследований социального государства определяют не только вытекающие из них важные политические последствия, но и их значение для теории и практики.

Следует отметить, что в соответствующей юридической и иной литературе относительно понятия «социальное государство» существует множество мнений и трактовок. Так, с философской точки зрения «социальное государство» определяется как «особый тип современного высокоразвитого государства, в котором обеспечивается высокий уровень социальной защищенности всех граждан, посредством активной деятельности государства по регулированию социальной, экономической и других сфер жизнедеятельности общества, установлению в нем социальной справедливости и солидарности. Социальное государство знаменует высокий уровень сближения целей и гармонизацию отношений государственных институтов и общества» [16]. Ученые в области социологии определяют социальное государство, как «особый тип государства, возникший в результате широкого исторического компромисса разнонаправленных политических и социальных сил в интересах всех слоев общества, основанного на осознании зоны объективных общих интересов контрагентов социального противоборства и необходимости ее дальнейшего расширения с помощью активной, опирающейся на экономическую эффективность и политическую стабильность, социальной политики» [17, с. 23].

Среди определений, которые встречаются в юридической литературе можно выделить узкую и широкую трактовку данного понятия. Узкий подход заключается, в том, что авторы указывают только на обязанность государства создать необходимые условия для жизни и обеспечить социальную справедливость. В частности, М.В. Баглай определяет, что «социальным называется государство, которое берет на себя обязанность заботиться о социальной справедливости, благополучии своих граждан, их социальной защищенности» [3, с. 118-119]. В.П. Пугачев и А.И. Соловьев под социальным государством понимают «государство, стремящееся к обеспечению каждому гражданину достойных условий существования, социальной защищенности, соучастия в управлении производством, а в идеале примерно одинаковых жизненных шансов, возможностей для самореализации личности в обществе» [12, с. 254].

В широкой трактовке авторы конкретизируют те или иные области, в обеспечении которых государство должно принимать активное участие. Так, Н.А. Волгина даёт следующее понятие социального государства – «это государство, политика которого направлена на создание условий, обеспечивающих достойную жизнь и свободное развитие человека. Основные направления, по которым реализуется принцип социального государства – охрана труда и здоровья людей, установление гарантированного минимального размера оплаты труда, обеспечение государственной поддержки семьи, материнства, отцовства и детства, инвалидов и пожилых граждан, развитие системы социальных служб, установление государственных пенсий, пособий и иных гарантий социальной защиты» [4, с. 19]. В.Д. Дзодзиева, определяет социальное государство как «государство, которое гарантирует каждому своему гражданину достойные условия существования и стремится к созданию примерно равных жизненных шансов в области получения образования, занятости, здравоохранения и самореализации личности в целом, это государство, осуществляющее в обществе социальную справедливость» [7, с. 222].

В свою очередь авторы книги «Основы социального государства» отмечают, что «Социальное государство – это правовое демократическое государство, которое провозглашает высшей ценностью человека и создает условия

для обеспечения достойной жизни, свободного развития и самореализации творческого (трудового) потенциала личности. Под достойной жизнью человека понимается его материальная обеспеченность на уровне стандартов современного развитого общества, доступ к ценностям культуры, гарантированность прав личной безопасности, а под свободным развитием человека – его физическое, умственное и нравственное совершенствование» [6, с. 51, 77, 416].

Проблематика понятия социального государства, также актуальна и в таджикской правовой науке, так как разработка таджикской модели социального государства, и на её основе конкретной государственной социальной политики, механизмов защиты и социальной поддержки может опираться на концептуальные научные знания. Данный вопрос в научной среде Таджикистана является достаточно новым явлением, которое вошло в научный оборот в начале 2000-х годов. Теоретическая разработка проблем социального государства в отечественной науке в настоящее время только начинается. Основной вклад в изучение данного вопроса в Таджикистане принадлежит А.Х. Маликовой [10]. Также необходимо указать на работы Р.Ш. Сотиволдиева, А.И. Имомова и Дж. З. Маджидзода. Больше внимания в отечественной науке уделяется проблематике защиты социальных прав человека. Данный вопрос изучен такими отечественными учеными как Б.А. Сафарзода [14], Д.С. Рахмон [13, с. 13] и т.д.

В этой связи, разработка широкого круга проблем, связанных с исследованием теории и практики социального государства, выявление и показ особенностей и проблем его формирования в современном Таджикистане, приобретают несомненную научную актуальность.

Отечественные исследователи, изучая вопрос о социальном государстве, опираются на богатый теоретический материал зарубежных исследователей по данному вопросу, который нами был изложен выше, и соотносят эти научные познания с условиями Таджикистана. При этом, давая характеристику формирования социального государства, они дают как общепринятые признаки, так и выделяют на их взгляд главные особенности, которые присущи социальному государству в Таджикистане. Так, А.Х. Маликова в своей работе «О Проблеме формирования социального государства в Таджикистане» даёт следующее определение понятия социального государства – «это правовое, демократическое, светское государство с социально ориентированной политикой, создающей условия и обеспечивающей возможности каждому для занятости, доступности образования, здравоохранения, современного жилья, неприкосновенности частной собственности, получения заработной платы и пенсии, способствующие достойной жизни и свободному развитию» [10, с. 116]. Раскрывая содержание данного авторского определения понятия «социальное государство» А.Х. Маликова отмечает, что «в предлагаемом определении выделен такой критерий социальности государства в Таджикистане, как неприкосновенность частной собственности» [10, с. 117]. По её мнению, соблюдение права на собственность в Таджикистане имеет немаловажное значение для формирования социального государства в республике.

В свою очередь, С.М. Салохидинова определяют социальное государство, как «государство, главной задачей которого является достижение такого общественного прогресса, который основывается на закрепленных правом принципах социального равенства, всеобщей солидарности и взаимной ответственности» [1, с. 150]. При этом, в качестве главной особенности при формировании социального государства она выделяет социальные права, под которыми понимает «гарантированные Конституцией неотъемлемые права человека и гражданина в социальной и духовной сферах, дающие личности возможность свободно развиваться, вести достойный уровень жизни и защищать свои интересы» [9, с. 36]. Иными словами, С.М. Салохидинова в качестве системообразующего элемента социального государства выделяет гарантированность социальных прав человека [9, с. 36].

Р.Ш. Сотиволдиев и А.И. Имомов давая определению социального государства и определяя её особенности, делают упор на форми-

ровании в государстве социально-экономической политики государства. Так, А.И. Имомов отмечает, что «провозглашение Республики Таджикистан социальным государством означает формирование в стране, соответствующей социально-экономической политики государства, которая должна быть направлена на создание условий, обеспечивающих достойную жизнь и свободное развитие человека» [2, с. 40]. Развивая эту мысль Р.Ш. Сотиволдиев отмечает, что «социальное государство представляет собой наивысшую форму государственности, которая реализуется посредством активной социально-экономической деятельности государства, с целью создания достойных условий жизни и свободного развития каждого человека» [15, с. 303]. Исходя из определений, которые дают данные авторы можно констатировать, что они определяют социальное государство как противовес существующей в государстве рыночной экономике. Посредством создания достойных условий для жизни, государство должно нивелировать возникающий в процессе рыночной экономики разрыв в уровне жизни населения.

Заслуживает внимания позиция, высказанная М.А. Гоибзода, которая отмечает, что «Республика Таджикистан конституционно декларирует себя в качестве социального государства, которое обязано в силу своего статуса, проводить развернутую и действенную социальную политику, выражающуюся как в механизме правового регулирования, так и в организации надлежащего государственного управления». Далее она отмечает, что «социальное государство в том смысле, в котором оно трактуется Конституцией, должно стремиться лишь к максимально возможному в условиях демократической страны равномерному содействию благосостояния всем гражданам и к максимально возможному равномерному распределению жизненного бремени». Для этого, государство должно разрабатывать соответствующее законодательство в социальной сфере, которое на правовом уровне регламентируют базовые общественные отношения в сфере социальных гарантий в государстве, возникающие в процессе создания условий для нормального материального и духовного развития человека [5, с. 32].

При этом большинство из перечисленных авторов подчеркивают, что на сегодняшний день Республика Таджикистан далека от необходимого уровня реализации социальной политики, которая является отражением провозглашённого конституционного принципа построения социального государства. В частности, А.Х. Маликова отмечает, что «Республика Таджикистан ни юридически, ни фактически социальным государством пока не является. Конституционное провозглашение какой-либо страны социальным государством еще не дает основания для юридического факта признания этой страны таковым. Без принятия должного набора нормативных правовых актов, направленных на реализацию конституционного положения, нельзя признать государство социальным с законодательной, юридической точки зрения, опираясь только на его конституционное провозглашение» [10, с. 12]. Схожее мнение высказанно и А.И. Имомовым, который отмечает, что «к сожалению республика ныне очень далека от предоставления необходимой гарантии проведения социальной политики. Поэтому настоящая конституционная норма скорее носит программное значение и по мере достижения Таджикистаном определенного уровня социально-экономического развития, она приобретает реальное содержание и лишь тогда всерьез можно рассуждать об этом свойстве Республики Таджикистан» [2, с. 40].

Анализируя высказанные точки зрения, следует обратить внимание на ряд положений. Во-первых, в большинстве своем они высказаны в период, когда гражданская война в Таджикистане только была завершена и естественно экономические возможности государства не позволяли формировать социально ориентированную экономическую политику государства. По прошествии времени ситуация в этом направлении кардинально стала меняться и уже существуют существенные положительные сдвиги в этом направлении. Конечно, до достижения конечного результата еще далеко, но год от года наблюдается положительная динамика. Этому способствует и

сформированная в государстве четкая социально-экономическая политика государства, которую реализует Правительство Республики Таджикистан. На важность решения этого вопроса обращает внимание и Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон. Так, в своем послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.12.2019 года он подчеркнул, что «за последние 7 лет рост экономики страны ежегодно обеспечивался в среднем на уровне 7 процентов, а объем валового внутреннего продукта возрос с 45,6 миллиарда сомони в 2013 году до 78 миллиардов в 2019 году. Общий объем доходной части бюджета в этот период с 12 миллиардов сомони в 2013 году достиг 23 миллиардов сомони в 2019 году. За прошедшие годы денежные доходы населения увеличились более чем в 2 раза, а средняя заработная плата одного работника на 2,4 раза. Уровень бедности снизился до 27,5 процента, а средняя продолжительность жизни повысилась до 75 лет» [11].

Во-вторых, существенно изменилась и ситуация с правовым регулированием социальной сферы. В частности, следует отметить тенденцию к консолидации и кодификации социального законодательства (например, принятие и введение в действие Кодекса здравоохранения Республики Таджикистан 30 мая 2017, разработке Кодекса об образовании и т.д.). Это даёт возможность создать упорядоченную систему социального законодательства, способствующую улучшению правового регулирования в сфере образования, здравоохранения, обеспечения жильем и предоставления социальных гарантий.

Исходя из всего вышеизложенного, мы можем дать следующее определение социального государства – это государство которое основной своей функцией признаёт создание достойного уровня жизни населения и снижение социального неравенства, утверждения в обществе социальной справедливости, поддержку социально незащищенных групп населения, минимизацию социальных рисков, обеспечение всеобщей доступности основных социальных благ и свободного развития человека.

**Список литературы:**

1. Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан: учебник / Под общей редакцией А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2017. – С. 150.

2. Ашурбой Имомов, Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998). – Душанбе, 1998. – С. 40.

3. Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации / М.В. Баглай: учебник для юридических вузов и факультетов. – М., ИНФРА-М: Норма, 1997. – С. 741.

Таким образом, правосознание граждан как основной элемент правовой культуры общества играет ключевой фактор в развитии правовой системы любого государства:

1) исследования правовой культуры как объективной необходимости формирования правового сознания человека в условиях становления гражданского общества, имеет главное значение для понимания диалектического процесса развития личности и ее культуры.

2) проблема состоит в исследовании состояния общей и правовой культуры как ценностной проблемы гражданского общества в правовом государстве.

3) исследование проблем правовой культуры имеет также актуальное, на сегодняшний день, значение для самосознания общества и личности для правового сознания.

**Список литературы:**

1. Смирнов В.В. Политическая и правовая культура как фактор действия закона // Драма российского закона. – М., 1996. – С. 126.

2. Новый юридический словарь справочник. – Смоленск, 1999. – С. 50.

3. Каминская В.И., Ратинов А.Р. Правосознание как элемент правовой культуры // Правовая культура и вопросы правового воспитания. – М., 1974. – С. 43.

4. Иванников И.А. Концепция правовой культуры // Правоведение. – 1998. – № 3. – С. 14.

5. КЗ РТ «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан» от 25 июля 2005 г., № 107.

6. КЗ РТ «О судах Республики Таджикистан» от 26 июля 2014 г, № 1084.

7. Лопата П. Глобализм – главная угроза безопасности России и мира // Диалог. – 2004. – № 2. – С. 73.

8. Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры. – Душанбе, 2014. – С. 87.

9. Сальников В.П., Степашин С.В., Хабибулин А.Г. Государство как феномен и объект типологии: теоретико-методологический

анализ. СПб., 2001. – С. 39.
10. Нерсесянц В.С. Философия права. – С. 349, 354-355.
11. Косарев А.И. Великая модернизация глобализма. – С. 282.
12. Мартышин О.В. Теория государства и права в постсоветское десятилетие. Некоторые итоги // Ежегодник российского права – 2000. – С. 94.
13. Сухарев А.Я. отв. ред. Правовые системы стран мира: энциклопедический словарь. – М., 2000. – С. 625.

**Аннотация**

**Правосознание граждан как основной элемент правовой культуры общества**

В статье автор рассматривает правосознание граждан как основной элемент правовой культуры общества. В ходе анализа современного таджикского правосознания, рассматриваются важнейшие условия его формирования, а также отражение национального правосознания в правотворческой и правоприменительной деятельности.

**Аннотасия**

**Шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамчун унсури асосии фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа**

Дар мақола муаллиф шуури ҳуқуқии шаҳрвандонро ҳамчун унсури асосии фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа мешуморад. Дар ҷараёни таҳлили шуури ҳуқуқии муосири тоҷик шартҳои муҳимтарини ташаккули он, инчунин инъикоси шуури ҳуқуқии миллӣ дар қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ карда мешаванд.

**Annotation**

**Legal awareness of citizens as the main element of the legal culture of society**

In the article, the author considers the legal consciousness of citizens as the main element of the legal culture of society. In the analysis of modern Tajik legal consciousness, the most important conditions for its formation are examined, as well as the reflection of national legal consciousness in lawmaking and law enforcement.



**Муродзода Умед Уктам,**
ведущий специалист отдела законодательства по государственному устройству, судебным и правоохранительным органам Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан
E-mail: murodzoda.umed@mail.ru

# СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ПОНЯТИЯ «ПЫТКИ» В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ: КОНСТИТУЦИОННО - ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ

**Ключевые слова:** *преступление; пытка; деяние; человек; право; насилие; мучение; физическое насилие.*
**Калидвожаҳо:** *ҷиноят; шиканҷа; амал; шахс; қонун; зӯроварӣ; азоб; зӯроварии ҷисмонӣ.*
**Keywords:** *crime; torture; act; person; law; violence; torment; physical violence.*

Пытки долгое время являлись разрешенной практикой многих государств. У них всегда было двоякое предназначение: 1) получение необходимых сведений, которые скрывает допрашиваемый; 2) причинение мучительных страданий в ходе смертной казни. Запрет пыток получил своё широкое закрепление в текстах конституций стран мира. Республика Таджикистан и Российская Федерация не являются исключением. Одни страны выводят данный запрет из содержания таких основных прав, как право на жизнь или право личной неприкосновенности. В других государствах запрет на пытки является продолжением принципа охраны и защиты достоинства человека.

Согласно толковому словарю Ожегова – «пытка» 1) физическое насилие, истязание при допросе. Пытки в фашистских застенках. 2) нравственное мучение, терзание [1].

В научной среде существуют различные толкования понятия «пытки» и хотелось бы привести несколько определений представленных некоторыми авторами в своих работах:

П. Кривошеин предлагает такое определение: «Пытка» – систематическое или непрерывное либо регулярно повторяемое на протяжении долгого времени причинения сильной физической боли и (или) глубоких нравственных страданий человеку в целях понуждения его и близких ему лиц к даче сведений или совершению иных действий, грубо противоречащих воле этого человека, а так же в целях наказания или иных противоправных целях [2, с. 43].

В.Г. Вениаминов дает следующее определение: «Пытка» – совокупность намеренных деяний, сопровождающихся нанесением потерпевшему физических или психических страданий и совершаемых с целью принуждения потерпевшего к определенному поведению выгодному виновному [3].

И. Дворянсков, предлагает более кардинальные изменения, а именно внесения в Уголовный кодекс отдельной статьи, в частности, «Применение пытки» и понимая под пыткой – любое умышленное, противоправное воздействие на личность вопреки ее воле, причиняющее ей физические или психические страдания, совершаемое должностным лицом, органа следствия, дознания, сотрудником уголовно-исполнительной системы, прокурором в целях запугивания, принуждения к чему-либо (подавления воли), дискриминации потерпевшего либо другого лица [4, с. 21].

С.Александрова считает, что пытки и ее практика представляет собой «элемент культуры (искусства) уголовного судопроизводства современной России» [5].

С точки зрения А.М. Диноршоева пытки –

это намеренное бесчеловечное обращение, вызывающее весьма серьезные и жестокие страдания [6, с. 45].

Р.Б. Головкин, отмечает, что в нынешней ситуации происходит расширение среды правового обеспечения прав и свобод человека и гражданина. Признаются новейшие производные от главных прав и связанных с ними отношений. Последовательно происходит более доскональная регламентация уже имеющихся прав и свобод [7, с. 313].

В Республике Таджикистан с приобретением независимости произошли кардинальные изменения в системе законодательства. За последние годы было принято значительное количество нормативных правовых актов, которые гарантируют обеспечение реализации и защиты прав и свобод человека [8, с.5].

Одна из таких гарантий заложена в ч.2 ст. 18 Конституции Республики Таджикистан, которая устанавливает что неприкосновенность личности гарантируется государством. Никто не может быть подвергнут пыткам, бесчеловечному обращению и наказанию.

В Конституции РФ данный вопрос регулируется в статье 21 «Достоинство личности охраняется государством. Никто не должен подвергаться пыткам, насилию, другому жестокому или унижающему человеческое достоинство обращению или наказанию.»

Анализ содержания данных норм показывает, что по сущности эти нормы имеют одинаковое значение. Однако в вышеуказанной норме Конституции РФ дополнительно перечислен ряд элементов вытекающих из смыслового понятия пыток.

В целом правовое изучение данного вопроса даёт основание заключить, что целью предусмотренных норм в Конституциях обеих стран является защита и обеспечение неприкосновенности и достоинства личности. Также эти нормы выступают в качестве гарантии реализации права на жизнь и других основных прав и свобод, которые закреплены в основных законах государств.

Реализация прав и свобод индивида зависит от гарантий культурного, социально-экономического, политического, материального, организационного и юридического характера, которые устанавливаются и обеспечиваются государством[9, с. 91].

Конституция занимает главенствующую позицию в рамках регулирования уголовного законодательства, так как связь уголовного законодательства и Конституции реализуется в двух основных направлениях:

- в рамках конституционных отношений создается необходимая база реализации уголовно-правовых отношений;

- уголовное законодательство основывается на Конституции, но при этом оно детализирует и уточняет права и обязанности личности и государства в рамках уголовно-правовой охраны правопорядка[10, с.82].

В этом ключе, целесообразным считаем рассмотреть уголовное законодательство как юридическую гарантию, которая установлена государством с целью обеспечения реализации вышеуказанных норм Конституции.

Понятие «пытки» приведено в примечании к статье 143 Уголовного кодекса Республики Таджикистан и имеет квалифицирующее значение. В соответствии с этим пытки – это умышленное причинение физических и (или) психических страданий, совершенное лицом, производящим дознание или предварительное следствие, или иным должностным лицом либо с их подстрекательства, или с молчаливого согласия либо с их ведома другим лицом с целью получить от пытаемого или третьего лица сведения или признания или наказать его за действие, которое совершило оно или третье лицо или в совершении которого оно подозревается, а также запугать или принудить его или третье лицо или по другой причине, основанной на дискриминации любого характера, наказывается лишением свободы на срок от пяти до восьми лет с лишением права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью сроком до пяти лет.

В Уголовном кодексе Российской Федерации законодательно зафиксировано понятие «пытки» и регулируется двумя его статьями в частности: п. «Д» ч. 2 ст. 117 и ч. 2 ст. 302.

Так, под пыткой в п. «Д» ч. 2 ст. 117 УК РФ понимается причинение физических или нравственных страданий в целях понуждения

к даче показаний или иным действиям, противоречащим воле человека, а также в целях наказания либо в иных целях.

Другим же моментом является принуждение к даче показаний с применением пытки. Так в ч.2 ст. 302 УК РФ принуждение подозреваемого, обвиняемого, потерпевшего, свидетеля к даче показаний либо эксперта, специалиста к даче заключения или показаний путем применения угроз, шантажа или иных незаконных действий со стороны следователя или лица, производящего дознание, а равно другого лица с ведома или молчаливого согласия следователя или лица, производящего дознание, соединенное с применением насилия, издевательств или пытки, наказывается лишением свободы на срок от двух до восьми лет.

Из сопоставления двух последних формулировок видно, что в Республике Таджикистан пытки охвачены одной статьей Уголовного кодекса, однако в Российской Федерации регулируются двумя вышеназванными статьями, что указывает на наличие существенных отличий этих законов.

В примечании к ст. 117 УК РФ таким субъектом может быть всякое лицо, как должностное, так и иное, данное определение относится к преступлению против личности — истязанию. О пытке как способе принуждения к даче показаний подозреваемого, обвиняемого, свидетеля указывается в ч. 2 ст. 302 УК РФ. Думается, что определение пытки, данное в примечании к ст. 117 УК РФ, не совсем подходит к преступлению против государственной власти, коим является принуждение к даче показаний.

Это говорит о том, что Уголовное законодательство в Республике Таджикистан важное внимание уделяется именно субъекту, совершившему данное преступление, и выделяет конкретный субъект – должностное лицо. Уголовное законодательство Российской Федерации указывает, что субъектом может быть всякое лицо, как должностное, так и иное.

Таким образом, изучив имеющиеся материалы и проведя сравнительно-правовой анализ, сопоставив Конституции и уголовное законодательство Республики Таджикистан и Российской Федерации мы пришли к выводам, что каждое определение под пыткой подразумевает причинение страданий и целью этому является принуждение к определенному поведению. В уголовном законодательстве Республики Таджикистан субъектом пыток выступает лицо, производящее дознание или предварительное следствие, или иное должностное лицо, однако Уголовный кодекс Российской Федерации «пытки» регулирует двумя статьями, где в одной статье субъектом может выступать любое лицо, в другой статье прямо не говорится и не выделяется категория «должностное лицо», однако упоминается о «следователях или лицах, производящих дознание», что ведёт к логическому умозаключению и выявлению категории «должностное лицо».

Запрет пыток не формулируется как самостоятельное субъективное право, а определяется как гарантия соблюдения иных основных прав человека. В зависимости от национальной концепции защиты прав граждан запрет пыток «привязан» либо к праву на жизнь, либо к праву на личную неприкосновенность, либо к гарантиям соблюдения указанных прав.

Вопрос определения пыток на законодательном уровне представляется требующим детального изучения, так как имеет довольно много спорных и проблемных моментов. В этой связи можно сделать вывод о том, что данная проблема сегодня является нерешенной и требует внимания и проработки со стороны ученых-юристов в рамках научных работ.

**Список литературы:**

1. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка: 80.000 слов и фразеологических выражений. – 4-е изд., – М., 1997. – 236 с.

2. Кривошеин П. Пытка: понятие, признаки // Уголовное право. – 2005. – С. 43.

3. Вениаминов В.Г. Уголовная ответственность за побои и истязания: дисс. канд. юрид. наук. – Саратов, 2005.

4. Дворянсков И. Уголовная ответственность за пытку и иное бесчеловечное или унижающее достоинство обращение с заключенными // Уголовное право. – 2003. – № 4. – С. 21.

5. Смолькова И.В. Пытка как «Способ получения» признательных показаний обвиняемого, Адвокатская практика, 2013, № 4 // Консультант Плюс, 2004 - 2015. – URL: http: // consultant.ru.

6. Права человека: учебно-методический комплекс // Под общей ред. д.ю.н., проф. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2020. – С. 45

7. Головкин Р.Б. Кодификация прав человека как одно из средств обеспечения их реализации // Кодификация законодательства: теория, практика, техника: материалы Международной научно-практической конференции (Н. Новгород, 25-26 сентября 2008) / Под ред. В.М. Баранова, Д.Г. Краснова. Н. Новгород, 2009. – С. 313.

8. Саидзода И.Х «Право граждан на обращение и его реализация в РТ». – Душанбе, 2016. – С. 5.

9. Саидзода И.Х «Право граждан на обращение и его реализация в РТ». – Душанбе, 2016. – С. 81.

10. Арутюнов Э.К., Улитин И.Н. Взаимосвязь конституционного права и уголовного права // Проблемы современной науки и образования, ООО «Олимп». – С. 82.

**Аннотация**

**Сравнительно-правовой анализ понятия «пытки» в Республике Таджикистан и Российской Федерации: конституционно-правовые аспекты**

В статье авторами рассматривается конституционное содержание запрета пыток в современном мире. Анализируются конституционные нормы Республики Таджикистан и Российской Федерации, предусматривающие запрет на пытки.

**Аннотатсия**

**Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии мафҳуми «шиканҷа» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия: ҷанбаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ**

Дар мақола аз ҷониби муаллифон мазмуни конститутсионии манъи шиканҷа дар ҷаҳони муосир баррасӣ карда мешавад. Меъёрҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ки манъи истифодаи шиканҷаро пешбинӣ мекунанд, таҳлил карда мешавад.

**Annotation**

**Comparative legal analysis of the concept of «torture» in the of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation: constitutional and legal aspects**

The authors consider the constitutional content of the prohibition of torture in the modern world. The constitutional norms of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation, providing for a ban on torture, are analyzed.

## 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО



***Қурбонализода Фурқат,***
*муовини сардори шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИ КӮДАК БА ОЗОДИИ СУХАН

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории кӯдак; кӯдак; синну сол; қонунгузории оилавӣ; ҳуқуқ ба изҳори ақида; розигӣ.*

***Ключевые слова:*** *законодательство о ребёнке; ребенок; возраст; семейное законодательство; право на выражение мнения; согласие.*

***Keywords:*** *child law; child, age; family law; right to express opinion; consent.*

Ҳар як давлат, аз ҷумла Тоҷикистон ба ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, бахри таъмину муҳайё намудани шароити зиндагии арзанда барои кӯдакон тамоми чораҳои заруриро меандешад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» баён доштанд, ки «фарзанд – меваи умри инсон мебошад ва ҳеҷ фард то охири умраш набояд худро аз масъулият дар назди фарзанд канор гирад» [2].

Дар моддаи 30 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар кас озодии сухан кафолат дода шудааст [3].

Мавриди қайд аст, ки озодии андеша (ақида, фикр) зинаи ибтидоии озодии сухан аст [4, с. 164].

Ҷиҳати амалишавии ин меъёр дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи кӯдак ба изҳори фикри худ танзим гардидааст.

Ҳамзамон, тибқи моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор дорад. Давлат барои ҳифз ва таълиму тарбияи кӯдакон ғамхорӣ менамояд. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ва таълиму тарбияи онҳо ғамхории махсус зоҳир карда, барои кӯдакон шароити муносиб фароҳам меорад.

Дар мақолаи мазкур асосҳои ҳуқуқии ҳуқуқи кӯдак ба изҳори ақидаи худ мавриди баррасӣ қарор гирифта, қонунгузории миллӣ, байналмилалӣ, адабиёти илмӣ ва таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории баъзе аз кишварҳои Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Мавриди зикр аст, ки кӯдак ин шахсияте мебошад, ки аз маҷмӯи ҳуқуқҳои субъективие, ки чун қоида тавассути намояндагони қонуниаш амалӣ менамояд, бархӯрдор аст [6, с. 36].

Кӯдак ҳамоно баъди таваллуд ба қайд гирифта мешавад ва аз лаҳзаи таваллуд барои гирифтани ном, донистани падару модар ва аз ғамхории онҳо баҳра бурдан ҳуқуқ дорад,

инчунин ҳуқуқ дорад ақидаву фикри худро озодона баён намояд [7, с. 86].

Ҳуқуқи кӯдакон ба изҳори фикри худ дар асарҳои олимони ватанӣ аз қабили С.Н. Тагаева [8], Ҳ.Н. Ҳиматов [9], О.М. Юнусова [10], Н.Ш. Қурбонализода (Н.Ш. Қурбоналиев) [11], М.С. Қаландарзода [12] ва Б.Т. Худоёрзода (Б.Т. Худоёров) [13] мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ҳуқуқӣ кӯдакон дар таносуб бо шахсони болиғ тибқи қонунгузорӣ маҳдуд аст. Барои қобилияти пурраро ба даст овардан талаботҳои мушаххас пешбинӣ шудааст. Чунин талаботҳо аҳамияти худро доранд.

Масалан, равоншиносони муосир ба он ақидаанд, ки дар давраи ҷаҳонишавии глобалӣ давомнокии кӯдакӣ мутаносибан маҳдуд мешавад [14].

Аллакай кӯдак дар синни 1-3 - солагӣ мустақилият дошта, ба худ эътимод меорад ва худро ҳамчун шахси мустақил мебинад, ҳамзамон комилан тобеи волидон мебошад. Кӯдак аз 3 - солагӣ фикри худро оид ба тамоми масъалаҳое, ки ба манфиати ӯ дахл доранд, озодона изҳор менамояд. Вобаста ба муайян намудани синну соли кӯдак, ки барои изҳори фикри ӯ аҳамияти ҳуқуқӣ дорад дар миёни олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Масалан, В.И. Абрамов қайд менамояд, ки фаҳмиши кӯдак оид ба хислати иҷтимоии рафтори ӯ ва қобилияти қарор қабул кардан аз 16 - солагӣ ба миён меояд [15, с. 28]. А.И. Пергамент чунин ишора намуд, ки барои мустақилона ҳал намудани тамоми масъалаҳо зарур аст, ки кӯдак ба балоғат расида бошад, ки синну соли кӯдак аз 12-солагӣ барои ҳалли тамоми масъалаҳое, ки ба ӯ дахл доранд, дар қонунгузорӣ дарҷ карда шавад [16, с. 98].

Г.В. Богданова дуруст зикр менамояд, ки маҷмӯи ҳуқуқи кӯдак на танҳо ҳуқуқи бо Кодекси оила пешбинигардида, балки ҳуқуқи бо Конвенсияи оид ба ҳуқуқи кӯдак муайянгардидаро низ дарбар мегирад [17, с. 30].

Мутобиқи моддаи 13 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 пешбинӣ шудааст, ки кӯдак ҳуқуқ дорад ақидаи худро озодона баён намояд; ин ҳуқуқ, ки истифодаи озодонаи иттилоот, қабули ирсоли он ва ҳар навъ андешаро дар бар мегирад, новобаста ба сарҳадҳо, дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё чопӣ, дар шакли асарҳои санъат ё бо ёрии воситаҳои дигар, мувофиқи интихоби кӯдак амалӣ мешавад.

Тавре қайд намудем, яке аз баҳсҳои мавзӯи имрӯза дар миёни олимони ҳуқуқшинос масъалаи ҳуқуқи кӯдак барои озодона изҳор намудани фикри худ мебошад, ки дар моддаи 57[1] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, № 683 [18] дар чунин шакл муқаррар гардидааст: «Кӯдак ҳуқуқ дорад дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои оилавӣ, ки ба манфиатҳои ӯ дахл доранд, фикри худро озодона изҳор намояд, ҳамчунин дар рафти мурофиаҳои судӣ ва маъмурӣ иштирок намояд. Ба инобат гирифтани фикри кӯдаки аз синни даҳсола боло ҳатмӣ мебошад, ба истиснои мавридҳое, ки ин хилофи манфиатҳои ӯ мебошад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти васоят ва парасторӣ ё суд метавонанд танҳо бо ризоияти кӯдаки аз синни даҳсола боло қарор қабул намоянд. Муассисаҳои таълимии томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва падару модар бояд барои озодона изҳор намудани фикри кӯдак дар ҷомеа ва оила шароит фароҳам оваранд».

Манфиати кӯдак талаб мекунад, ки ӯ ҳуқуқ дорад дар оилаи солим дар тарбияи падару модар бошад, бо онҳо ва хешу табори наздик дар муошírати доимӣ ва ғайра бошад. Дар ин маврид кӯдак дар ҳалли масъалаҳои зикргардида озодона изҳори ақида карда метавонад. Фикри кӯдак танҳо дар он маврид ба инобат гирифта мешавад, ки агарбар хилофи манфиаташ набошад [19, с. 137].

Дар моддаи мазкур вазъи ҳуқуқии кӯдакро ҳамчун шахси мустақил ва баробарҳуқуқ эътироф намуда, дар ҳолатҳои дигар ба инобат гирифтани фикри кӯдак ҳангоми қабул намудани қарор аз ҷониби суд ҳатмӣ мебошад.

Дар қисми 1 ва 2 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» аз 18 марти соли 2015, №1196 [20] пешбинӣ шудааст, ки ҳар як кӯдак ба

озодии сухан ва изҳори ақидаи худ, озодии виҷдон ва инкишофи фаъолнокии ҷамъиятӣ, ба гирифтан ва интишор кардани иттилооти ба синни ӯ мувофиқ, иштироки ихтиёрӣ дар ташкилотҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад. Мақомоти давлатӣ ба ташкилотҳое, ки фаъолияташон ба инкишоф додани шахсияти кӯдак, фаъолнокии ҷамъиятӣ ва эҷодкории ӯ дар соҳаи илм, техника, адабиёт, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг ва варзиш, инчунин ташкили истироҳати кӯдак равона шудааст, мусоидат менамоянд.

Масалан, дар барномаҳои телевизиони наврасону кӯдакон «Баҳористон» ва дигарон дар онҳо кӯдакон ва наврасон иштирок намуда, ҳуқуқи мазкурро дар амал татбиқ мекунанд [21, с. 64].

Дар фарқ аз Тоҷикистон дар Федератсияи Россия Қонуни Федералии «Дар бораи кафолатҳои асосии ҳуқуқи кӯдак дар Федератсияи Россия» аз 24 июли 2009, №124-ФЗ [22] қабул карда шудааст, ки аз 4 боб 25 модда иборат аст. Дар Қонуни болозикр масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак барои изҳори ақида танзим нагардидааст. Аммо, дар моддаи 57 Кодекси оилаи Федератсияи Россия аз 29 декабри соли 1995, №223-ФЗ [23] пешбинӣ шудааст, ки тибқи он кӯдак ҳуқуқ дорад фикри худро ҳангоми ҳалли ягон масъала дар оила, ки ба манфиати ӯ таъсир мерасонад, озодона баён намояд, инчунин дар ҳама гуна мурофиаҳои судӣ ё маъмурӣ шунида шавад.

Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи ҳифзи кӯдак» аз 26 апрели соли 2001, №2402-III [24] қабул карда шуда, аз 8 фасл ва 37 модда иборат мебошад. Дар моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ки ҳар як кӯдак ба озодии изҳори ақидаи шахсӣ, ташаккули нуқтаи назари худ, инкишофи фаъолияти ҷамъиятии худ ва гирифтани иттилооте, ки ба синну солаш мувофиқ аст, ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ озодии ҷустуҷӯ, гирифтан, истифода, паҳн ва нигоҳ доштани маълумотро дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё дигар шакл, ба воситаи асарҳои санъат, адабиёт, ахбори омма, алоқа (компютерӣ, шабакаи телефонӣ ва ғайра) ё дигар воситаҳои интихоби кӯдакро дарбар мегирад.

Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 8 августи соли 2002, №345 [25] аз 29 модда иборат мебошад. Дар қисми 1 моддаи 11 Қонуни мазкур дарҷ шудааст, ки ҳар як кӯдак ба озодии сухан, изҳори ақида, озодии виҷдон, рушди фаъолияти ҷамъиятӣ, гирифтан ва паҳн кардани маълумоте, ки ба синну солаш мувофиқ аст, иштироки ихтиёрӣ дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин дигар шаклҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва маҷлисҳои осоишта, ки қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон иҷозат додааст, ҳуқуқ дорад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон қонунгузории кӯдак кодификатсия гардида, Кодекси Ҷумҳурии Қиргизистон «Дар бораи кӯдакон» аз 10 июли соли 2012, №100 [26] аз 5 фасл, 12 боб ва 104 модда иборат аст. Дар моддаи 4 Кодекси болозикр мавриди амал қарор дода шудааст, ки яке аз принсипҳои асосии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ин таъмини ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати баён намудани фикри худ ҳангоми қабули қарор, ки ба тақдири ӯ дахл дорад, амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин, дар моддаи 11 Кодекси мазкур кафолатҳои асосии ҳуқуқи кӯдак барои озодона изҳор намудани фикри худ муқаррар гардидааст. Кӯдак ҳуқуқ дорад ба ҳама гуна масъалаҳо, ки ба манфиатҳои ӯ дахл доранд, фикри худро озодона изҳор намояд. Кӯдак ҳуқуқ дорад дар мурофиаҳои судӣ, маъмурӣ ва дигар мурофиаҳо бевосита ё ба воситаи намояндаи қонунӣ тибқи тартиби муқурраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок намояд. Бояд қайд намуд, ки зимни омӯзиши Кодекси мазкур муайян гардид, ки таъмини ҳуқуқи кӯдак ба изҳори фикри худ бо дарназардошти ҳатмии қабули қарор, ки ба ӯ дахл дорад манфиати беҳтарини кӯдак ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, масъалаи ҳуқуқи кӯдак ба изҳори фикри худ дар Федератсияи Россия дар асоси Қонуни амалкунанда ба танзим доварда нашудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, масъалаи ҳуқуқи кӯдак ба изҳори ақида чи тавре қайд намудем, танзим гардидаанд.

Ҳамин тариқ ҳуқуқи кӯдак ба изҳори фикри худ, зинаи ибтидоии ҳуқуқ ба озодии сухан буда, ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкии

кӯдакро ташкил менамояд ва аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст.

Мақсад аз пешбинӣ намудани чунин ҳуқуқ дар сатҳи қонун қонеъ намудани манфиатҳои беҳтарини кӯдак мебошад. Амалишавии он дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, инчунин чопи мавод, ҷустуҷӯ, гирифтан, истифода намудан ва паҳни онҳо сурат мегирад.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Суханронӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 14.12.2010с. [Захираи электронӣ]. URL: http:// president.tj/node/400 ва аз 08.04.2011с. [Захираи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ru/node/1320 (санаи дархост: 11.06.2020с.).
2. Манбаи дастрас: URL: http://mmk.tj/ legislation (санаи муроҷиат: 21.06.2020с.).
3. Абдуллоев Н., Ализода З.М., Асадов А.О., Бобоев У.Х., Бобохонов Б.К., Имомов А.И., Искандаров З.И., Маҳмудов М.А., Менглиев Ш.М., Муродов Д.Ҳ., Назаров Т.Н., Раҳимов М.З., Ойев Х.О., Салимзода Ш.О., Сотиволдиев Р.Ш., Тағойназаров Ш.Т., Тоҳиров Ф.Т., Фаттоев С.С., Холиқов А.Ғ., Хоҷаев И., Худоёров Б.Т., Ҳамидов Х., Шарипов Т.Ш., Шонасурдинов Н.Ш., Шоҳиён Ш. Тафсири илмию оммавии Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – С. 164.
4. Қаландарзода М.С. Хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... н.и.ҳ. – Душанбе, 2020. – С. 36.
5. Мӯинова М. Ҳуқуқу уҳдадориҳои ноболиғон ва баъзе муаммоҳои иҷтимоӣ дар байни онҳо // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ноболиғон: масоил ва роҳҳои ҳалли он» / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимзода М.З. – Душанбе, 2013. – С. 86.
6. Тагаева С.Н. Теоретические проблемы семейно-правовой ответственности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. – Душанбе, 2014. – 374 с.
7. Химатов Х.Н. Проблемы правового регулирования имущественных отношений супругов: по материалам Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2008. – 194 с.
8. Юнусова О.М. Административно – правовая защита прав и законных интересов несовершеннолетних в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 185 с.
9. Курбоналиев Н.Ш. Проблемы защиты гражданских информационных прав ребенка в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 195 с.
10. Қаландарзода М.С. Хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореферати дисс. … н.и.ҳ. – Душанбе, 2020. – С. 36.
11. Худояров Б.Т. Защита прав и интересов детей по семейному праву Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2000. – 191 с.
12. Болотова А.В., Молчанова О.П. Психология развития и возрастная психология. – М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2012.
13. Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 28.
14. Пергамент А.И. Опека и попечительство. – М., 1966. – С. 98.
15. Богданова Г.В. права и обязанности родителей и детей. – М., 2003. – С. 30.
16. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143.
17. Маҳмудов М., Худоёров Б. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С. 137.
18. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии



№3, мод. 218.
а И.Ш., Ашӯрзода А.А., аффорзода И., Саидзода И., Ҳамроқулзода Б.А. мҳурии Тоҷикистон «Дар ои кӯдак» / Зери таҳрири Ҷумҳурии Тоҷикистон иён – Душанбе: ЭР-граф,

20. Манбаи дастрас: URL: https://zakonbase.ru/zakony/o-pravah-rebenka/ (санаи муроҷиат: 23.06.2020с.).

21. Манбаи дастрас: URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_8982/ (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.).

22. Манбаи дастрас: URL: https://meget.kiev.ua/zakon/zakon-ob-ohrane-detstva/ (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.).

23. Манбаи дастрас: URL: https://zakon.uchet.kz/rus/docs/Z020000345_ (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.).

24. Манбаи дастрас: URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/203700 (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.).

25. Манбаи дастрас:URL: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=20749 (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.).

**Аннотатсия**

**Баъзе аз масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак ба озодии сухан**

Дар мақолаи мазкур қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ба изҳори озодии сухан мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон андешаҳои худро доир ба ҳуқуқи кӯдак ба озодии сухан иброз намуда, ҳамзамон таҳлили-муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ИДМ оид ба ҳуқуқи кӯдак ба озодии сухан гузаронида шудааст.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы прав ребёнка о выражении собственного мнения**

В статье рассмотрено законодательное закрепление права ребенка на выражение своего мнения. Автор характеризует мнение ребенка наличием определенной правовой значимости, а также проведен сравнительно правовой анализ законодательных актов и законодательства стран СНГ прав ребёнка о выражении собственного мнения.

**Annotation**

**Some questions about children's rights to express their own opinion.**

The article considers the legislative consolidation of the child’s right to express his opinion. The author characterizes the opinion of the child by the presence of a certain legal significance and also comparative legal analysis of legislative acts and legislation of the CIS on the child’s right to express his opinion direction.

**Бобохонов Ҳамза Зиёратшоевич,**
*сармутахассиси бахши таҳлили таъсири танзимкунии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ ХУСУСИГАРДОНИИ ФОНДИ МАНЗИЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *хусусигардонӣ; фонди манзили давлатӣ; қонунгузории манзил; шартномаи кирояи манзил; моликияти давлатӣ; ҳуқуқи моликият; ашёи ғайриманқул; ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият.*

***Ключевые слова:*** *приватизация; государственный жилищный фонд; жилищное законодательство; договор жилищного найма; право собственности; недвижимая вещь; возникновение права собственности.*

***Keywords:*** *privatization; state housing fund; housing legislation; housing tenancy agreement; right of ownership; immovable thing; occurrence of right of ownership.*

Баррасӣ ва таҳлили бевоситаи масъалаи хусусигардонии фонди манзил бояд баъзе масъалаҳо ба монанди: хусусигардонӣ ва моҳияти он, заминаҳои объективии хусусигардонӣ, мақсад ва ҳадафҳои давлат оид ба хусусигардонии объектҳои гуногуни моликияти давлатӣ, барнома [1] ва стратегияҳои давлатӣ [2] оид ба хусусигардонӣ ва дигар паҳлуҳои алоқаманд бо тағйирёбиҳои низоми сиёсию иқтисодии давлат, диққат дода шавад. Маҳз дар заминаи таҳлили чунин ҳампайвастагӣ ва омезиши паҳлуҳои зикргардида, метавон ҷузъиётҳои хусусигардонӣ, аз ҷумла хусусигардонии фонди манзилро ба пуррагӣ ошкор кард.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи хусусигардонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва иваз шудани низоми сиёсӣ, хусусан низоми иқтисодии давлат вобастагии зич дорад. Дар низоми иқтисодии давлате, ки моликияти хусусӣ мавриди инкор қарор гирифтааст, масъалаи хусусигардонӣ умуман ҷой дошта наметавонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тӯли зиёда аз 70 сол ба ҳайати ИҶШС шомил буд, ба монанди дигар давлатҳои собиқ дорои иқтисоди нақшавӣ буда, давлат эҳтиёҷоти худ ва мардуми шӯравиро тавассути корхонаҳои давлатӣ бо молу маҳсулот ва дигар неъматҳо таъмин менамуд.

Маҳз истиқлолияти давлатӣ замина гузошт, ки тағйиротҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд оянд. Дар низоми чунин тағйиротҳо вобаста ба мавзӯи баррасишаванда, иваз шудани низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят чашмрас мебошад. Бо иваз шудани низоми иқтисодии кишвар дар назди давлат як қатор масъалаҳо, ки ҳалли воқеию низомнок ва бо нигоҳи муосир танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятиро талаб мекарданд, гузошта шуд. Дар низоми ҳуқуқии қаблан амалкунанда, муносибатҳои иқтисодии давлат аз нигоҳи ташкилӣ-ҳуқуқӣ мураккаб ба назар намерасид, чунки аксари молу мулк дар моликиятии давлат қарор дошт ва давлат тавассути корхонаҳои давлатӣ ҳадафҳои иқтисодии худро амалӣ мекард. Манзури муаллиф аз он иборат аст, ки дар низоми иқтисодии қаблан амалкунанда муносибатҳои молу мулкӣ ва танзими ҳуқуқии онҳо дар ҷӯшу хурӯш қарор надошт, чунки қисми асосии молу мулк ба субъекти ягона, яъне худи давлат тааллуқ дошт ва ҳатто корхонаҳои давлатӣ, ки бо ҳуқуқи маҳдуди ашёгӣ молу мулки ба онҳо тааллуқдоштаро соҳибӣ, истифода ва

ихтиёрдорӣ мекарданд, аз лиҳози ҳуқуқӣ чунин молу мулк низ дар моликиятии давлат қарор мегирифт.

Махсусияти дигари низоми иқтисодии нақшавӣ боз дар он дида мешавад, ки корхонаҳои давлатӣ ҳамчун субъекти асосии амаликунандаи ҳадафҳои иқтисодии давлат молу маҳсулот ва дигар ашёҳои хоми ба онҳо заруриро тавассути шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ аз дигар корхонаҳои давлатӣ дар асоси нақшаҳои аз ҷониби давлат тасдиқгардида қабул, коркард ва ба фурӯш мебароварданд. Ҳамчунин ҳангоми нокифоя ва ё ҷой надоштани молу маҳсулот ва ашёи хоми зарурӣ дар қаламрави як давлат, имконияти дастрас кардани онҳо аз қаламрави дигар давлати собиқ имконпазир буд. Метавон гуфт, ки низоми соддагардонидашудаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ, ки тамоми молу мулк дар ниҳояти кор атрофи як субъект, яъне давлат гардиш мехӯрд, ҷой дошт.

Аз сабаби он ки сиёсат ва идеологияи давлат бар зидди моликияти хусусӣ равона гардида буд, аз ин лиҳоз аз замони таъсиси ҳокимияти Шӯравӣ ва давра ба давра бо қувват гирифтан он мавқеи моликияти хусусӣ танг гардида, дар ниҳояти кор ибораи моликияти хусусӣ ва танзими ҳуқуқии он аз қонунгузории гражданӣ бо қабул гардидани Асосҳои қонунгузории граждании Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз соли 1961 ва дар заминаи он қабул кардани Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963, ба пуррагӣ хориҷ карда шуд. Бо баробари аз қонугузории гражданӣ хориҷ кардани моликияти хусусӣ ба ҷойи ӯ ибораи моликияти шахсӣ ворид гардид, ки пурра мазмуну моҳият ва таъиноти иҷтимоии махсуси худро дошт. Таъиноти иҷтимоии институти мазкур аз он иборат буд, ки ҳаҷм ва миқдори моликияти шахсӣ аз ҷониби давлат муқаррар карда мешуд ва ӯ намегузошт, ки аз лиҳози иқтисодӣ яке аз дигаре бартарӣ дошта бошад. Олимони соҳа қайд мекунанд, ки фалсафаи моликияти шахсӣ дар Иттиҳоди шӯравӣ дар он буд, ки он дар ҳудуде иҷозат дода мешуд, ки бо он манфиатҳои шахс қонеъ карда шуда, замина барои ба даст овардани даромади ғайримеҳнатӣ фароҳам оварда нашавад [3, с. 49].

Нуқатҳои зикргардида махсусияти муносибатҳои молумулкӣ ва низоми иқтисодии замони шӯравиро инъикос мекунад, ки дар он баъзе институтҳои ҳуқуқи гражданӣ аслияти худро то андозае аз даст дода, мазмуну моҳияти нав касб карданд. Масалан, инкори моликияти хусусӣ, дар низоми ҳуқуқи гражданӣ, аз ҷумла низоми ҳуқуқи моликият ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият, дар низоми ҳуқуқҳои маҳудуди ашёгӣ коркард кардани ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгии сунъӣ, ба монади ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ, ҳуқуқи идораи оперативӣ ва дигар тағйиротҳое, ки барои пешбурди низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он тартиботи ҳуқуқӣ зарур буданд, мисол шуда метавонанд.

Дар заминаи маҳз чунин тағйиротҳои куллӣ дар низоми сиёсию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, эътирофи моликияти хусусӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ба таври объективӣ масъалаи хусусигардонӣ, хусусан хусусигардонии фонди манзил мубрам гардид. Қайд кардан зарур аст, ки роҳи мазкурро натанҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ҳамаи давлатҳои собиқ Шӯравӣ пеш гирифтанд, чунки минбаъд дар алоҳидагӣ пешаи худ кардани роҳу усулҳои давлатдории шӯравӣ ғайриимкон гардид. Аз ин лиҳоз тағйиротҳои куллӣ дар қонунгузории ҳамаи давлатҳои собиқ Шӯравӣ бо хусусиятҳои ҷудогонаи худ, аммо дар заминаи эътирофи моликияти хусусӣ ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ ба чашм мерасид.

Мубрам гардидани масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусигардонӣ бо заминаҳои сиёсию иқтисодии дар боло зикргардида робитаи ногусастанӣ дорад. Соҳибистиқлолии давлатӣ арзиши ниҳоят муҳим эътироф гардида, саҳифаи нави таърихиро дар давлатдории тоҷикон оғоз кард, аммо аз дигар ҷониб давлати ҷавону тозабунёдро зарурият пеш омад, ки минбаъд самтҳои асосии фаъолияти худро қариб дар ҳама соҳаҳо тағйир диҳад. Яке аз чунин самтҳо ин хусусигардонии моликияти давлатӣ ба

ҳисоб мерафт. Метавон гуфт, ки дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ бо заминаҳои объективӣ давлат имконияти ба кор даровардани корхонаҳои давлатӣ, ки субъектони асосии амаликунандаи ҳадафҳои иқтисодии давлат ба ҳисоб мерафтанд, надошт. Аз ин лиҳоз бо мақсади ба кор даровардани корхонаҳои бекорхобида, таъмини аҳолӣ бо молу маҳсулот, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ ва аз ҳама муҳим рушди сектори хусусӣ зарурияти хусусигардонии моликияти давлатӣ пеш омад.

Дар заминаи чунин таҳаввулот дар соҳаи хусусигардонии моликияти давлатӣ, масъалаи танзими ҳуқуқии хусусигардонии фонди манзил низ мубрам гардид. Лозим ба ёдоварист, ки дар замони Шӯравӣ қисми зиёди аҳолӣ бо роҳҳои муқаррар кардани қонугузории манзил, аз ҷумла бо бастани шартномаи кироияи манзил ё иҷора дар манзилҳои давлатӣ истиқомат мекарданд. Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, хусусан қабул гардидани Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил» аз 04.11.1995 №114 [4] давлат ба шаҳрвандон имконияти ба моликияти хусусӣ даровардани чунин манзилҳоро ба вуҷуд овард. Метавон қайд кард, ки масъалаи танзими ҳуқуқии хусусигардонии фонди манзил аз ҷониби шаҳрвандони кишвар ва хусусигардонии фонди манзил ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ [5, с. 123] бо қабули қонуни зикргардида, Низомнома оид ба хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби муайян кардани арзиши масоҳати манзиле, ки ба моликияти шаҳрвандон фурӯхта мешавад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.06.1996, № 226 [6] тасдиқ гардидааст, оғоз мегардад.

Мутобиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зикргардида хусусигардонии фонди манзил аз ҷониби шаҳрвандон дар асоси принсипҳои зерин гузаронида мешавад:

а) аз ҷониби шаҳрвандон ихтиёран соҳиби моликият гардидан нисбат ба манзил;

б) бемузд ва дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун бомузд ба даст овардани манзил;

в) аз ҷониби шаҳрвандон ба даст овардани манзил танҳо як маротиба.

Нисбат ба принсипҳои зикргардида қайд кардан зарур аст, ки хусусигардонии фонди манзил ҳамчун қоида ихтиёран гузаронида мешавад. Аз мазмуни муқаррароти моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил» чунин бар меояд, ки давлат новобаста аз он, ки шаҳрванд ба мақомоти дахлдор оид ба хусусӣ гардонидани манзил муроҷиат мекунад ё не, ӯро набояд аз манзили ишғолнамудааш маҳрум кард.

Чунин танзими муносибатҳои мазкур аз ҷониби давлат боиси дастгирӣ мебошад, чунки дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ шояд баъзе шаҳрвандоне ба назар расанд, ки бо сабабҳои гуногун то ҳол манзилҳои истиқоматии ишғолнамудаашонро хусусӣ накарда бошанд, аммо онҳо воқеан дар чунин манзилҳо истиқомат менамоянд.

Аз ин лиҳоз, қонунгузор нисбат ба муҳлати хусусигардонии фонди манзил ягон муқаррарот пешбинӣ накарда, баръакс усули ҳавасандкуниро пеша карда дар моддаи 3 қонуни зикргардида муқаррар кардааст, ки шаҳрвандоне, ки соҳиби манзили хусусӣ шудаанд, мувофиқи қонунгузории ҷорӣ онро ихтиёрдорӣ, истифода ва идора мекунад ва ҳуқуқ доранд ин манзилро фурӯшанд, тухфа кунанд, мерос монанд, ба иҷора диҳанд, муомилоти дигареро ба анҷом расонанд. Моҳияти муқаррароти зикргардида аз он иборат аст, ки давлат барои ҳарчи зудтар хусусӣ гардонидани фонди манзил аз ҷониби шаҳрвандон шароит фароҳам меорад ва дар баробарин ин нисбати онҳо барои ба таъхиргузории хусусӣ кардани манзилҳои ишғолкардаашон маҳдудиятҳо муқаррар наменамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд мегардад, ки хусусигардонӣ аз як ҷониб ба шаҳрванд – соҳибмулки манзили истиқоматӣ имконият медиҳад, ки худро ҳамчун молики манзил, хонаи баландошёна эҳсос намояд ва ба ӯ шароити фаррохи истифода ва ихиёрдории чунин молу мулкро медиҳад ва аз ҷониби дигар бошад ба шаҳрванд ухдадориҳои муайянро оид ба ҳифз, супоридани андоз аз моликият, инчунин нигоҳубини манзил (хонаи баландошёна) дар ҳолати дахлдор ва таъмири он бо озодкунии масъулият оид ба андешидани чунин чораҳо аз ҷониби

корхонаҳои манзилӣ-коммуналӣ ва дигар ташкилотҳо, ки чун қоида дар ҳолати мазкур танҳо ваколати идоракунию назоратро иҷро менамоянд, вогузор менамояд [7, с. 236].

Вобаста ба масъалаи бемузд ё бамузд ба даст овардани манзил қайд кардан зарур аст, ки аз рӯи қоидаи умумӣ хусусигардонии фонди манзил бемузд ба роҳ монда мешавад, аммо дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун барои аз ҳаҷми муқарраркарда барзиёд ба даст овардани масоҳати умумии манзили истиқоматӣ маблағи муайян пардохт карда мешавад. Фонди манзили давлатӣ метавонад бо роҳи хариди бевоситаи он низ хусусӣ карда шавад.

Нисбат ба бемузд ё бамузд ба даст овардани манзил тавассути хусусигардонӣ лозим ба ёдоварист, ки қонун шартҳои махсусро муқаррар кардааст, аз ҷумла андозаи манзиле, ки бемузд ба моликияти шаҳрвандон дода мешавад, барои як кас то 18 метри мураббаъ ва барои оила бошад 9 метри мураббаъ илова мегардад.

Ҳангоми аз масоҳати умумии зикргардида зиёд будани масоҳати хонаи бепулгирандаи шаҳрванд, ӯ бояд фарқи арзиши умумии онро пардохт намояд. Нисбат ба гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандон, ки воқеан барои ғамхории иловагӣ эҳтиёҷ доранд, қонунгузор имтиёзҳои иловагӣ муқаррар кардааст. Рӯйхати чунин гурӯҳи шаҳрвандон дар моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил» муффассал муқаррар шудааст. Ҳангоми аз ҷониби онҳо хусусӣ кардани манзил қонунгузор то 20 метри мураббаъи масоҳати умумӣ кафолатро барои бемузд ба даст овардан муқаррар кардааст. Нисбат ба пардохти арзиши метри мураббаъи барзиёд аз метри мураббаъи бемузд кафолатдодашуда қайд кардан зарур аст, ки вай аз рӯи арзиши як метри мураббаъи масоҳати умумии манзиле, ки дар замони хусусигардонии хонаҳои миёнасифати ин ё он маҳал роиҷ аст, муайян карда мешавад.

Қонунгузор барои муайян кардани арзиши пардохти метри мураббаъи барзиёд чунин маҳакҳоро ба монанди: андозаи арзиши як метри мураббаъи дар ин ё он маҳалли манзили хусусишаванда ҷойгирбуда ва муайян кардани арзиш тавассути меъёри сифати миёна, муқаррар кардааст. Шартҳои иловагии муайян намудани арзиши пардохти метри мураббаъи барзиёд дар Низомномаи оид ба хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби муайян кардани арзиши масоҳати манзиле, ки ба моликияти шаҳрвандон фурӯхта мешавад ва он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.06.1996, № 226 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ гардидааст.

Нисбат ба субъекти муайянкунандаи арзиши пардохти метри мураббаъи барзиёд қонунгузор муқаррар кардааст, ки арзиши умумии хонае, ки ба моликияти шаҳрвандон мегузарад аз ҷониби комиссияҳои мустақил бо дарназардошти масоҳат ва сифатҳои истифодабарии он ва бо иштироки шаҳрвандоне, ки чунин хонаро мехаранд, муайян карда мешавад. Бо мақсади муайян кардани арзиши метри мураббаъи барзиёди манзил ва пардохти он ҳатман, бояд комиссия ташкил карда шавад. Ҳамчун қоида, чунин комиссияҳо дар назди мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ташкил шуда ва тибқи талаботи қонуни махсус ба ҳайати онҳо вакилони халқ, намояндагони ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, коллективҳои меҳнатӣ, мақомоти молия ва бонкҳо ҳатман дохил карда мешаванд.

Вобаста ба масъалаи объекти хусусигардонӣ қайд кардан зарур аст, ки он манзилҳое, ки дар ҳолати садамавӣ мебошанд, ба талаботи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддисӯхтор дар хобгоҳҳо, хонаҳои коммуналӣ, хонаҳо – ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, дар хонаҳои шаҳракҳои пӯшидаи ҳарбӣ, инчунин манзилҳои хизматӣ, хусусӣ гардонида намешавад.

Субъекти анҷомдиҳандаи хусусигардонии фонди манзили давлатӣ ин мақоми дахлдори ҳокимияти маҳаллии иҷроия ба ҳисоб меравад. Яъне, ваколатдор оид ба анҷом додани расмиёти хусусигардонӣ мақоми иҷроияи маҳалле, ки объекти хусусигардонӣ дар он воқеъ мебошад ба ҳисоб меравад. Нисбат ба объекти хусусигардонӣ, ки дар моликияти ҷумҳуриявӣ қарор дорад, қонунгузор талаботи иловагӣ муқаррар кардааст, аз ҷумла гирифтани розигии мақоми

идораи амволи давлатӣ, яъне Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар фарҷоми мақолаи мазкур қайд кардан зарур аст, ки аз лаҳзаи қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зиёда аз 24 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, аммо то кунун мубрамияти худро аз даст надодааст. Масалан, мутобиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар соли 2019 шумораи хонаҳои хусусишуда ба 292,6 ҳазор баробар аст, ки аз он 77,6 ҳазор ба аҳолӣ бепул дода шудааст, 4,2 ҳазор бо пардохти қисми пулаш ва 210,8 ҳазор ба аҳолӣ фурӯхта шудааст.

Вале бо вуҷуди ин меъёрҳои қонуни зикргардида аз ҷиҳати имлоию забонӣ ва бо дарназардошти тағйиротҳои бавуҷудомада дар қонунгузории давлат аз камбудиҳо орӣ набуда, таҳлили ҳамаҷониба ва такмилро талаб мекунанд. Масалан, дар моддаи 2-юми қонуни зикргардида ба ҷойи шартномаи кироя «шартномаи киро» истифода гардидааст, ки мутобиқи меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи мазкур мазмуну моҳияти дигарро ифода мекунад. Дар моддаи 6-уми қонуни мазкур қайд мегардад, ки шаҳрванд аз рӯзи қарор қабул кардани Раиси ВМКБ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ба манзили харидааш ҳуқуқдор мешавад.

Мутобиқи талаботи қонунгузории амалкунанда барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият нисбати манзили хусусишуда дар баробари ҷой доштани қарор, инчунин бақайдгирии давлатии он ва гирифтани шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ зарур мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки чунин такмилҳоро дигар меъёрҳои қонуни зикргардида низ талаб мекунад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Барномаи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.12.2013 №557 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ] Махзани иттилоотию ҳуқуқии «Адлия» (Санаи мурочиат: 10.03.2020 сол).
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2019 №585 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ] Махзани иттилоотию ҳуқуқии «Адлия» (Санаи мурочиат: 10.03.2020 сол).
3. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ: монография. – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2015. – 248 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил» аз 04.11.1995, № 114. [Манбаи электронӣ] Махзани иттилоотию ҳуқуқии «Адлия» (санаи мурочиат: 10.03.2020).
5. Қурбонализода Н.Ш. Ҳуқуқи манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе, 2016. – 264 с.
6. Низомнома оид ба хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби муайян кардани арзиши масоҳати манзиле, ки ба моликияти шаҳрвандон фурӯхта мешавад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.06.1996, № 226 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ] Махзани иттилоотию ҳуқуқии «Адлия» (санаи мурочиат: 10.03.2020).
7. Седугин П.И. Жилищное право: учебник для вузов. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство НОРМА, 2000. – 384 с.



**Аннотатсия**

**Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур баъзе аз заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф хусусигардонии фонди

манзилро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тағйиёбии низоми иқтисодии кишвар баррасӣ карда, паҳлӯҳои гражданӣ-ҳуқуқии онро низ мавриди таҳлил қарор додааст.

**Аннотация**

**Историко-правовые основы приватизация государственного жилищного фонда в Республике Таджикистан**

В данной статье анализируются некоторые историко-правовые основы приватизации государственного жилищного фонда в Республике Таджикистан. Автор исследует приватизацию государственного жилищного фонда в Республике Таджикистан на основе изменения экономической основы страны, также анализируются некоторые её гражданско-правовые аспекты.

**Annotation**

**Historical and legal foundations of the privatization of the state housing fund in the Republic of Tajikistan**

In this article analyzes some of the historical and legal foundations of the privatization of the state housing fund in the Republic of Tajikistan. The author examines the privatization of the state housing fund in the Republic of Tajikistan on the basis of changes in the economic basis of the country, also analyzes some of its civil law aspects.



***Наботов Сиёвуш Холмуродович,***
*докторанти (доктор-PhD) риштаи ҳуқуқи кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳт давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*E-mail: nabotov@inbox.ru*

# РЕҶАИ ҲУҚУҚИИ МОЛУ МУЛКИ СОҲИБКОРИ ИНФИРОДӢ

***Калидвожаҳо:*** *реҷа; соҳибкорӣ; молу мулк; қонунгузорӣ; соҳибкори инфиродӣ.*
***Ключевые слова:*** *правовой режим; препринимательство; имущество; законодательство; индивидуальный препринимаетль.*
***Keywords:*** *legal regime; entrepreneurship; property; legislation; individual entrepreneur.*

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ҳангоми омӯзиши танзими ҳуқуқии ин ё он намуди фаъолият ё объект, одатан чунин як категорияи ҳуқуқӣ, ба монанди «реҷаи ҳуқуқӣ» бисёр истифода бурда мешавад [2, с. 92].

Дар қонунузории Тоҷикистон дар бораи намудҳои реҷа, аз ҷумла, «реҷаи вазъияти фавқулода», «реҷаи савдои озод» [2], «реҷаи нигоҳдорӣ» [2], «реҷаи гумрукӣ» [2], «реҷаи миллӣ» ва ғайраҳо истифода мешаванд.

Бо вуҷуди истифодаи фаъоли ин категория он дар илми ҳуқуқшиносӣ ба таври кофӣ, амиқ ва пурра омӯхта нашудааст. Дар маҷмӯъ, ду роҳи асосии омӯзиши ин масъала вуҷуд дорад: умумӣ-назариявӣ ва соҳавӣ, ки мақсади он таҳлили мафҳуми реҷаи ҳуқуқӣ ва муайян кардани аломатҳои он мебошад [2, с. 99].

Дар омӯзиши масъалаҳои умумӣ-назариявии реҷаи ҳуқуқӣ олимон пеш аз ҳама ба таърифи ин мафҳум диққат медиҳанд. Ҳамин тавр, бештари онҳо аз таърифи таҳиянамудаи С.С. Алексеев иқтибос меоранд, ки: «реҷаи ҳуқуқӣ –қоидаҳои танзимкунанда, ки дар маҷмӯи василаҳои ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд, ки маҷмӯи махсуси иҷозатномаҳои мутақобила, манъкуниҳо, инчунин ухдадориҳои мусбатро тавсиф намуда, самти махсуси танзимро ба вуҷуд меоранд» [2, с. 243]. Таърифи пешниҳодкардаи С.С. Алексеев аз ҳама ҷиҳат комил мебошад [2, с. 99].

Н.И. Матузова ва А.В. Малко аломатҳои асосии реҷаи ҳуқуқро ҷудо менамоянд. Масалан, онҳо қайд менамоянд, ки: 1) онҳо дар қонунгузорӣ мустаҳкам мегарданд ва давлат онҳоро таъмин менамояд; 2) онҳо ба танзими мушаххаси соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, бо назардошти маҳдудиятҳои муваққатӣ ва фазоии баъзе субъектҳо ва объектҳои ҳуқуқ равона шудаанд; 3) тартиби махсуси танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки аз воситаҳои ҳуқуқӣ иборат буда, бо маҷмӯи муайяни онҳо тавсиф мешаванд; 4) дараҷаи мушаххас ва ё мусбатро барои ҷавобгӯи манфиатҳои шахсони ҳуқуқии алоҳида эҷод мекунанд [3, с. 16-29].

Мафҳум ва аҳамияти реҷаи ҳуқуқӣ на танҳо дар таҳқиқоти умумии назариявӣ, балки дар асарҳои бахшида ба соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ (гражданӣ, маъмурӣ, конститутсионӣ ва ғайра) баррасӣ мешавад.

Ба андешаи Э.К. Утяшова дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ истилоҳи реҷаи ҳуқуқиро кам вохӯрдан мумкин аст [2, с. 252-259]. Бо ин изҳорот У.А. Меликов розӣ нашуда, далелҳо меорад. Масалан дар истилоҳи «реҷа» дар чунин матнҳо вохӯрдан мумкин аст: «реҷаи ҳуқуқии сармоягузорӣ», «реҷаи ҳуқуқии бонкӣ ва тиҷоратӣ», «реҷаи объектҳои обӣ», «реҷаи миллӣ», «реҷаи ҳуқуқии минтақаи озоди иқтисодӣ», «реҷаи сирри тиҷоратӣ», «реҷаи дастрасӣ ба маълумот», «реҷаи ҳуқуқии дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ», «реҷаи истифодаи қувваи барқ», «реҷаи нигоҳдорӣ», «реҷаи ҳуқуқии моликият», «реҷаи моликияти муштарак», «реҷаи

фаъолияти муштарак», «реҷаи объектҳои мероси миллию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2, с. 99].

Ба андешаи У.А. Меликов олимони ҳуқуқшиносе, ки дар соҳаи ҳуқуқи граждани ва соҳибкорӣ тахассус доранд, ҳангоми баррасии ин масъала аз қисми умумӣ ба махсус мегузарад. Яъне, дар асоси фаҳмиши умумӣ-назарияии консепсияи реҷаи ҳуқуқӣ онҳо мафҳуми реҷаи ҳуқуқи гражданиро муайян менамоянд. Ҳамзамон дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ҳангоми таҳлили ин масъала ду равишро метавон пайгирӣ намуд, маҳдуд ва васеъ [2, с. 92-94].

Аксарияти олимон ҳангоми муайян кардани мафҳуми реҷаи гражданӣ-ҳуқуқӣ аз усули маҳдуд (бештар мушаххас) истифода мебаранд. Онҳо реҷаи гражданиро асосан бо объектҳои ҳуқуқи гражданӣ пайваст мекунанд.

Як қатор муллифон ин масъаларо ба таври васеъ баррасӣ намудаанд. Масалан, Р.А. Машуков дар бораи реҷаи ҳуқуқӣ навишта онро ҳамчун як ҷузъи методологияи ҳуқуқи гражданӣ ҳисобидааст. Ба ин андеша розӣ шудан душвор аст, вақте ки вай мегӯяд, ки реҷаи ҳуқуқӣ ... ба танзими фаврӣ (муваққатӣ)-и муносибатҳои гражданӣ, ки аз объектҳои алоҳидаи ҳуқуқи гражданӣ бармеояд, равона шудааст.

Чунин ақида, эҳтимолан дар фаҳмиши реҷаи ҳуқуқии марбут ба «фаъолияти фавқулода» асос ёфтааст. Чунин реҷа воқеан фаврӣ ва муваққатӣ мебошад, аммо меъёрҳои ҳуқуки гражданӣ одатан «устувор» мебошанд ва барои муҳлати номуайян қабул карда мешаванд. Реҷаҳои ҳуқуқи гражданӣ, аз як тараф муътадиланд ва аз тарафи дигар аз ҳисоби рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайдоиши омилҳои дигар онҳо тағйир ва инкишоф меёбанд ва маҳз ин равиши динамикӣ, вокуниши мувофиқро ба мушкилоти ҳуқуқии нав таъмин менамояд [2, с. 92-99].

Нуқтаи назари тамоман гуногун дар робита байни категорияи «реҷаи ҳуқуқӣ» ва «объектҳои ҳуқуқи гражданиро» В.И. Сенчищев изҳор намудааст. Вай бар ин назар аст, ки реҷаи ҳуқуқӣ мавзӯи муносибатҳои ҳуқуқист. У.А. Меликов ин ақидаро баҳснок мешуморад. Зеро реҷаи ҳуқуқӣ ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нисбат ба объекти мушаххаси ҳуқуқҳои гражданӣ нигаронида шудааст ва худи он наметавонад чунин объект бошад [2, с. 92-99].

Реҷаи ҳуқуқии объекти мушаххаси ҳуқуқҳои гражданӣ на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нисбати онҳо нигаронида шудаанд, балки дигар воситаҳои ҳуқуқиеро дарбар мегиранд, ки ба татбиқи ҳуқуқи соҳибӣ (истифода), ихтиёрдорӣ ва ихтиёрдории объекти ҳуқуқи гражданӣ мусоидат мекунанд.

Баъзан, ҳатто ба сифати чунин воситаҳои ҳуқуқӣ шартномаҳое, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудаанд, ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Тавассути шартнома, дар навбати худ, «реҷаи шартномавӣ»-и ин ё он молумулк ташаккул меёбад: иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, дар доираи меъёрҳои қонунгузорӣ, имконият доранд, ки ин ё дигар реҷаи ҳуқуқиро интихоб кунанд [2, с. 99].

Аломати дуюми реҷаҳои ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки он ба танзими соҳаҳои мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Дар соҳаи танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ ин нақши калон дорад. Масалан, дар соҳаи соҳибкорӣ «реҷаи молу мулки соҳибкор», «реҷаи савдои озод», «реҷаи гумрукӣ», «реҷаи шартномавӣ», ва ғайра зиёд ба чашм мерасад. Аммо мутаассифона ба ҳамин шева дар илми ҳуқуқ онҳо мавриди тадқиқоти илмӣ қарор дода нашудаанд.

Аз ҳамин сабаб тасмими мо барои он равона шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни натанҳо ҳуқуқҳои молумулкии соҳибкор, балки имкониятҳои ҳифз ва ҳимояи онро баррасӣ намоем ва аз таҷрибаи давлатҳои пешқадам истифода бурда, тавсияҳоеро манзур намоем, ки реҷаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкори инфродиро мустаҳкам ва қобили баҳрабардорӣ намояд. Дар ин асно ҳар як воситаи ҳуқуқиро, аз ҷумла ҳуқуқҳои молу мулкӣ, уҳдадориҳо, шартномаҳо, ҳуқуқҳои истисноӣ, ҳуқуқҳои афзалиятнок ва дигар воситаҳои ҳифзу ҳимояро баррасӣ намудан

зарур аст. Зеро соҳибкори инфиродӣ дар фарқият аз мақомоти давлатӣ ё дигар шасхони ҳуқуқӣ аз лиҳози қобилияти ҳуқуқиашро ҳимоя кардан заиф мебошанд. Маҳз реҷаи ҳуқуқии соддакардашуда барои ӯ зарур аст, ки худро ҳангоми бавуҷудоии баҳсҳои ҳуқуқӣ ҳимоя карда тавонад.

Ҳамин тариқ ба хулоса омадан мумкин, ки «реҷаи ҳуқуқии молумулки соҳибкори инфиродӣ ин маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқии муайянкунандаи соҳибӣ, истифода, ихтиёрдорӣ ва дигар имкониятҳои ҳуқуқии баҳрабарӣ аз молумулк буда, чораҳои ҳифз ва ҳимояи онҳоро дарбар мегирад».

Молу мулки соҳибкори инфиродӣ аз молумулки муштараки аъзои оила дар вақти тиҷорат аксар ҳолатҳо ҷудо карда намешавад. Аз ҳамин лиҳоз реҷаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкори инфиродӣ дар баъзе ҳолатҳо ба молу мулки шахсии соҳибкори инфиродӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба молумулки муштараки байни ӯ ва дигар аъзоёни оила асос меёбад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Алексеев С.С. Теория права. – М.: БЕК, 1995. – С. 243.
2. Меликов У.А. Правовой режим объектов гражданских прав в интернете: дис … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018.
3. Матузов Н.И., Малько А.В. Правовые режимы: вопросы теории и практики // Правоведение. – 1996. – № 1. – С. 16-29.
4. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 августа 2012 г., № 400, «Об утверждении Протокола между Правительством Республики Таджикистан и Кабинетом Министров Украины об изъятиях отдельных товаров из режима свободной торговли к Соглашению между Правительством Республики Таджикистан и Кабинетом Министров Украины о свободной торговле от 6 июля 2001 г. // ЦБПИ РТ Адлия. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. – Душанбе, 2018. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
5. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 февраля 2000 г., № 48 «Об утверждении Порядка перевода имущества предприятий в режим консервации» // ЦБПИ РТ Адлия. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2018. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
6. Таможенный кодекс Республики Таджикистан от 3 ноября 2004 г., № 1209. // ЦБПИ РТ Адлия. Версия 7.0 /М-во юстиции РТ. – Душанбе, 2018. 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
7. Утяшов Э.К. Правовые режимы: понятие, признаки, структура, метод правового регулирования // Право и политика. – 2 (170), 2014. DOI: 10.7256/1811-9018.2014.2.7303. – С. 252-259.

**Аннотатсия**

**Реҷаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкори инфиродӣ**

Дар мақолаи мазкур масъалаи реҷаии ҳуқуқии молу мулки соҳибкори инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Ҳамчунин дар мақола масъалаи истифодаи истилоҳи реҷа дар илм баррасӣ шудааст.

**Аннотация**

**Правовой режим имущества индивидуального предпринимателя.**

В данной статье рассматриваются проблемы правового режима имущества индивидуального предпринимателя в Республике Таджикистан. Также в статье рассматриваются проблемч использования термина режим в науке.

**Annotation**

**Legal regime of property of an individual entrepreneur.**

This article discusses the legal status of the property of an individual entrepreneur in the Republic of Tajikistan. And also the article discusses the problem of using the term regime in science.



**Муминзода О.С.,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқӣ нақлиёт ва истифодабарии сарватҳои таббии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ СУҒУРТАИ МАСЪУЛИЯТИ ГРАЖДАНИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ИТИҲОДИ ШУРАВӢ

***Калидвожаҳо:*** *суғуртаи масъулияти гражданӣ; Иттиҳоди Шӯравӣ; фаъолияти суғуртавӣ; декрет.*

***Ключевые слова:*** *страхование гражданской ответственности; Советский Союз; страховая деятельность; декрет.*

***Keywords:*** *liability insurance; the Soviet Union; insurance activity; decree.*

Суғуртаи масъулияти граждании соҳибони нақлиёти автомобилӣ (минбаъд – суғуртаи ҳатмӣ) яке аз намудҳои паҳншудаи суғурта дар соҳаи нақлиёти ба ҳисоб рафта, бо мақсади ҳимоя намудани манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати пайдо шудани оқибатҳои номусоид, барои ҷамъият аҳамияти зиёд дорад.

Бо мақсади муфассал таҳлил намудан, зарурияти омӯхтани раванди таърихии он ба вуҷуд меояд. Аз нигоҳи таърихи таҳқиқ намудани масъалаи мазкур ба мо имконият медиҳад, ки таҷрибаи ҳуқуқтадбиқнамоии гузаштагони худро ошкор намуда дар замони муосир истифода намоем.

Тавре Ф.С. Сулаймонов қайд мекунад: «Тамоми институтҳои ҳуқуқӣ дорои таърихи худ буда, дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ба миён омадаанд» [1]. Дар ин маврид андешаи Г.С. Азизкулова ҷолиби диққат аст: «Мутаассифона, мо аз таърих сабақи кам мебардорем. Он зоҳиран ба мо чизи каме омӯхтааст, вале ҳар қадами он исботи ҳақиқати абадист. Ҳама чизи ҷудо аз таърих эҷодшуда дер ё зуд ба нокомӣ рӯ ба рӯ мешавад. Танҳо он арзишҳое, ки аз санҷиши таърих гузаштаанд, аҳамияти доимӣ доранд» [2].

Дар таҳлили адабиётҳои ватанӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз давраҳои рушди қонунгузории ҶТ, ин давраи Итиҳоди Шуравӣ мебошад. Давраи мазур бо якчанд хусусиятҳои худ ба мо имконият медиҳад онро ба давраи мустақил ҷудо намоем. Аз ин рӯ, бо мақсади мукаммал таҳлил намудани рушди қонунгузории суғуртаи ҳатмӣ дар давраи Итиҳоди Шуравӣ зарур мебошад, ки аз падидаи суғурта оғоз намоем. Зеро намудҳои суғурта дар Итиҳоди Шӯравӣ бо як дигар зич алоқаманд буда, барои суғуртаи ҳатмӣ замина гузоштаанд.

Дар натиҷаи ба сари ҳокимият омадани болшевикҳо тавасути инқилоби октябр боиси дигаргун шудани мӯносибатҳоӣ суғуртавӣ гашт. Зеро бо дастури бевоситаи В.И. Ленин ду санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гашт, ки тамоми фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии суғуртавӣ ва ҳатто моликияти онҳо давлатӣ гардонида шуд. Асоси ҳуқуқии чунин дигаргуниҳоро, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз 23 марти соли 1918 «Дар бораи муассисаи назорати давлатӣ аз болои тамоми намудҳои суғурта [3], ба ғайр аз иҷтимоӣ ва аз 28 ноябри соли 1918 «Дар бораи ташкилотҳои суғуртавӣ» [4], дар тамоми намуд ва шаклҳояш инҳисори давлатӣ гардид, ташкил медиҳад. Л.И. Рейтман қайд менамояд, ки ислоҳоти анҷомдодашуда мутобиқи Декрети аз 28 ноябри соли 1918 бо роҳи маҷбурӣ давлатӣ гардонидани бозори суғуртавӣ буд, лекин дар воқеъ муҳаққиқ онро як намуди ғоратгарӣ мешуморад [5].

Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ моҳи декабри соли 1920 суғуртаи давлатии

молумулкӣ дар шакли пулӣ (дар ҷои он ёрии ройгони давлатӣ бо маҳсулоту озуқа ба хоҷагиҳои меҳнатии аз офати табиӣ осебдида муқаррар карда шуд) суғуртаи ҳаёт дар тамоми шаклҳо, инчунин сармояҳо ва даромадҳо бекор карда шуд. Яъне, муваққатан амалиётҳои суғуртаи шахсӣ қатъ гардида буданд.

Суғурта аз нав танҳо дар шароити сиёсати нави иқтисодӣ дар солҳои 20-ум дар Итиҳоди Шуравӣ рӯ ба инкишоф меорад. Оғози ин марҳиларо қабули декрет «Дар бораи суғуртаи молумулкӣ» аз 6 октябри соли 1921, ки дар Итиҳоди Шуравӣ суғуртаи давлатии молумулкӣ ва пеш аз ҳама ихтиёриро эҳё намуд, мешуморад [6]. Қабули декрети мазкур рушди муносибатҳои суғуртавии молумулкиро то як дараҷа замина гузошт.

Марҳилаи муҳим дар инкишофи фаъолияти суғуртавӣ ин қабули Қоидаҳо дар бораи суғуртаи давлатӣ аз тарафи КМИ (кумитаи марказии интихоботӣ) ва ИКХ (иттифоқи комисарҳои халқӣ) Итиҳоди Шӯравӣ 18 сентябри соли 1925 гардид, ки суғурта дар тамоми шакл ва намудҳояш аз монополияи давлати ИҶШС эълон кард, инчунин муқаррар намуд, ки «суғуртаи давлатӣ дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯрави аз ҷониби ташкилоти суғуртаи ягона «Госстрахом»(номи ташкилоти суғуртавӣ) амалӣ гардонида мешуд» [6] .

Дар Қоидаи соли 1925 як қатор меъёрҳои суғуртавӣ дар соҳаи ҳуқуқи нақлиёт, ки ба зудӣ тараққӣ намуд, диққати махсусро ҷалб менамояд. 10 феврали соли 1926 Шӯрои Меҳнат ва Мудофиа қарор «Дар бораи ворид кардани суғуртаи масъулияти гражданӣ дар муносибатҳои марбут бавуҷудомада» қабул менамояд, ки дар он Шӯрои Меҳнат ва Мудофиа қарор кард: «Ба Идораи Асосии суғуртаи давлатӣ ворид намудани суғуртаи масъулияти гражданӣ дар роҳҳои обӣ, ҳавоӣ ва автомобилӣ иҷозат дода шавад» [7].

Бояд қайд кард, ки дар бораи қарори номбаршуда дар адабиёти ҳуқуқӣ хело кам ёдоварӣ карда шудааст. Танҳо як нукта маълум аст, ки чунин намуди суғурта дар шакли ихтиёрӣ гузаронида мешуд. Аммо набудани шароит барои рушди суғуртаи ҳатмии Итиҳоди Шуравӣ ва дарки номуайяни моҳияти ҳамин намуди суғурта ба аз байн рафтани чунин намуди суғуртаи ҳатмӣ оварда расонд.

Аммо суғуртаи ҳатмии масъулият дар ИҶШС на он қадар хуб рушд менамуд. Зеро аҳолӣ ба сабаби набудани маблағ, имкони хариди воситаи нақлиёти автомобилиро надошт ва ин воситаи нақлиёт ба аҳолӣ чандон дастрас ҳам набуд. Воситаи нақлиёти автомобилӣ асосан дар моликияти корхонаҳои давлатӣ қарор доштанд ва ин корхонаҳо дар ҳолати расонидани зарар ба молу мулки худ дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ ба осонӣ масъалаи ҷуброни зарарро дар байни ҳамдигар ҳаллу фасл менамуданд.

Ҳамин тариқ, дар Шӯравӣ масъалаи истифодабарии суғурта дар манфиатҳои давлатӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танҳо қисман танзими худро ёфта буд. Муносибатҳои шартномавӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмӣ вуҷуд надошт, азбаски суғуртаи давлатӣ дар асоси санадҳои меъёрии муқарраркунандаи суғурта тибқи ҳар як намуди мушаххас ба амал оварда мешуд.

Дар қонунгузории Шӯравӣ ба ин намуди суғурта диққат дода намешуд. Масалан, дар Кодекси граждании соли 1922 ва Кодекси граждании соли 1964 [8], меъёрҳои танзимкунандаи суғуртаи масъулияти гражданӣ вуҷуд надоштанд. Кодекси граждании ИҶШС дар боби «Суғуртаи давлатӣ « ҳамагӣ панҷ модда дарбар мегирифт.

Дар шароити сиёсати нави иқтисод, суғуртаи шахсии шаҳрвандон низ аз нав барқарор карда шуд. Суғурта ҳанӯз дар соли 1922 ворид карда шуда, танҳо аз соли 1924, вақте ки иқтисодиёти Шуравӣ каме устувортар гардид, он бештар рӯ ба тараққиёт овард. Суғуртаи ихтиёрии ҳаёт ва суғурта аз ҳодисаҳои нохӯш, суғуртаи омехтаи ҳаёт, масъулияти суғуртавӣ дар вобастагӣ ба гум кардани қобилияти меҳнатӣ аз ҳодисаи нохӯш иҷозат дода шуд. Соли 1926 суғуртаии мусофирҳо аз ҳодисаҳои нохӯш дар роҳҳои оҳан, автомобилӣ ва ҳавоӣ, ки аз соли 1931 ҳатмӣ шуд, ба вуҷуд омад. Аз соли 1942 дар суғуртаи шахсӣ тағйирот ба амал меояд, ки дар натиҷа суғуртаи коллективӣ арзи вуҷудро гум

мекунад ва ба инфиродӣ табдил меёбад.

Агар ба тарзи дигар иброз намоем, сиёсати нави иқтисодӣ давраи эҳёи суғуртаи давлатӣ гардид. Дар ин давра шумораи суғуртакунандагон афзоиш ёфта, низоми объектҳои суғурта зиёд гардиданд, низоми тарифҳо ва имтиёзҳо барои субъектони махсус( вобаста ва ваъзи иҷтимоӣ) таъсис дода шуд.

Дар давраи баъдиҷангӣ (солҳои 1945-1961) қонунгузори ИҶШС дар бораи суғуртаи ҳатмӣ ба тағйироти муҳим дучор нагардид, вале тағйироти калон дар фаъолияти суғуртавӣ ба амал омад.

Дар солҳои 1946-1947 қоидаҳо аз рӯи тамоми намудҳои суғуртаи шахсӣ аз сар кор карда баромада мешаванд. Дар онҳо барои меҳнаткашон шароитҳои беҳтари муносиб пешбинӣ карда мешаванд.

Дар солҳои 50-ум тағйиротҳои ҷиддӣ дар якчанд намудҳои суғуртаи молумулкӣ рух медиҳад. Аз 1-уми январи соли 1956 суғуртаи ҳатмии давлатии фонди зист, инчунин суғуртаи молумулки муассисаҳои давлатии дар буҷети маҳал қарордошта ва дар пешбурди корхонаву ташкилотҳо ҷойдошта қатъ карда шуда буданд. Ҳамин тариқ, чи гунае ки Л.И. Рейтман қайд менамояд дар давраи баъдиҷангӣ зиёд ба маҳдудкунии соҳаи суғуртаи давлатӣ муайян карда шуд. Дар навбати худ суғуртаи колхозҳо, ташкилотҳои дигари ҷаъмиятӣ ва кооперативӣ, масъулияти гражданӣ, суғуртаи шахсӣ дар ҷаъмият инкишоф ёфт [9] .

Аз моҳи январи соли 1960 суғуртаи техникаи хоҷагии қишлоқ низ ба вуҷуд омад. Аммо ин меъёри муваққатӣ буд, аз баски соли 1968 суғуртаи ҳатмии тамоми намуди техникаи хоҷагии қишлоқ ва воситаҳои нақлиёти ба колхоз тааллуқдошта барқарор карда шуда буд. Худи ҳамин сол, барилова ба обеъкти суғуртаи ҳатмӣ боз ихтиёрии биноҳои ба шарҳвандон тааллуқдошта ворид карда шуд.

Марҳилаи муҳим дар инкишофи қонунгузории суғуртаи шахсӣ қабул кардани қоидаҳои нави суғуртаи омехтаи ҳаёт дар соли 1956 гардид. Дар мувофиқа бо Қоидаҳо, ба шаҳрвандон бастани шартномаҳо на танҳо то 10, 15 ва 20 сол, чи гунае ки пештар буд, балки ба муҳлати на он қадар дароз – 5 сол иҷозат дода шуд. Дар солҳои 1956-1961 дохилшавии миёнаи солонаи пардохтҳо аз рӯи суғуртаи шахсӣ 5 маротиба афзуд.

Солҳои 60-ум бо раванди тарғиботи фаъоли суғурта дар миёни аҳолӣ гузаронида шуд. Дастоварди муҳимтарин давраи қабулшавии қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 28 августи соли 1967 «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии колхозҳо», ки дар мувофиқа бо онҳо ба суғурта қариб ҳамаи молумулки колхозҳо, аз ҷумла: ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқ, биноҳо, иншоотҳо, воситаҳои нақлиёт, таҷҳизот ва ғ. ҳатмӣ дониста шуд [10]. Махсусан, дар охири солҳои 60-ум масъала дар бораи зарурати ворид сохтани суғуртаи масъулияти граждании бо истифодабарии воситаҳои нақлиёт алоқаманд дар ИҶШС-ро муҳаққиқон Н. Малеин, С. Артемов ва Д.Половинчик дар миён гузоштанд [11].

Дар солҳои минбаъда як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мукаммалсозии соҳаҳои гуногуни суғурта равонабуда қабул гардид. Ҳамин тавр, соли 1979 суғуртаи ҳатмии молумулки совхозҳо ва дигар корхонаҳои хоҷагии қишлоқи низоми Вазорати хоҷагии қишлоқи, ИҶШС дар шароити барои колхозҳо муқарраркардашуда ворид карда шуд. Баъдтар суғурта ба корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва корхонаҳои дигар вазорату идораҳо паҳн гардид.

Аз моҳи январи соли 1983 Шӯрои Олии ИҶШС санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ «Дар бораи суғуртаи мусофирҳои нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан, обӣ ва автомобилӣ» ба амал даромад [12]. Санади меърии мазкур барои рушди суғурта дар соҳаи нақлиёт аҳамияти муҳим дорад.

Аҳамияти муҳимро дар ин давра қарори Шӯрои вазирони ИҶШС «Дар бораи меъёрҳо аз рӯи инкишофи минбаъдаи суғуртаи давлатӣ ва баланд бардоштани сифати фаъолияти мақомоти суғурта» дошт, ки ба васеъ гаштани гуногуни намудҳои суғурта, мукаммалгардонии шароитҳои он мусодат намуд.

Бо сабаби рушди некӯаҳволии аҳолӣ ва

афзоиши миқдори воситаи нақлиёти автомобили шахсӣ зарурати танзими онҳо ба миён омад. Мисол, соли 1977 дар ИҶШС суғуртаи ихтиёрии воситаҳои нақлиёт пайдо гардид, ки тибқи Қоидаҳои суғурта анҷом дода мешуд. Соли 1985 боз як намуди суғуртаи воситаи нақлиёти автомобилӣ – суғуртаи ихтиёрии муштараки воситаи нақлиёти автомобилӣ , мусофир ва бағоҷ рӯи кор омад.

Қайд намудан зарур аст, ки солҳои 90-ум дар ИҶШС низоми дигари суғурта ташкил гардид. Аҳамияти бештарро дар соҳаи суғуртаи молумулкӣ, суғуртаи ҳатмии молумулки корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, инчунин суғуртаи молумулки аҳолӣ чӣ ҳатмӣ ва чӣ ихтиёрӣ, дар соҳаи суғуртаи шахсӣ тараққиёти бештарро суғуртаи ихтиёрии инфиродии суғуртаи шахсӣ ва дагар намудҳои суғурта, ки аз қабили онҳо суғуртаи мусофирон, суғуртаи нафақаҳои иловагӣ ва дигар гирифта буд.

Ҳамчунин, дар қонунгузори меъёрҳои умумии бо шароити гузаронидани суғуртаи ҳатмии алоқаманд вуҷуд надоштанд. Дар ҳар як ҳолати мушаххас ба вуҷуд омадани онҳо бо қабулкунии санади махсуси қонунгузори муқарраркунандаи уҳдадории суғурта ва шароити гузаронидани он алоқаманд буд. Оғози марҳилаи муосири инкишофи суғурта бо қабули Қонун «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС» аз 26-уми майи соли 1988 № 8998 аз тарафи Шӯрои Олии ИҶШС гардид, ки замнаи ҳуқуқии барҳамдиҳии инҳисори Суғуртаи давлатии ИҶШС ва оғози инкишофи бозоргонии суғуртаро гузошт. Қабули қонун имконият дод, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба пуррагӣ ба иқтисоди бозоргонӣ мутобиқат гардонида шавад. Дар натиҷа якумин ҷамъиятҳои саҳомии суғуртавӣ ба вуҷуд омаданд.

Ба иқтисоди бозорӣ гузаштани ИҶШС тағйири самти сиёсии он ба рушди босуръат ва пешрафти якбораи суғуртаи тиҷоратӣ боис гашт. Аз ислоҳоти иқтисодӣ иқтидори молиявии давлат хеле заиф гардида, давлат хавфҳои суғуртавиро ба зиммаи худ гирифта натавонист. Соли 1988 қонуни ИҶШС «Дар бораи кооператсия» [13] қабул карда шуд, ки дар он имконияти кооперативҳо барои таъсиси ташкилотҳои хусусии суғуртавӣ ва мустақилона муайян намудани шартҳои суғуртаи ин ё он объект пешбинӣ мегардид.

Соли 1990 Шӯрои Вазирони ИҶШС боз ду санади меъёрии ҳуқуқиро дар таърихи суғурта қабул намуд:

1) Низомнома дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд [14], ки дар он имкони таъсиси ширкатҳои суғуртавӣ дар чунин шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ муқаррар гардид;

2) Қарор «Дар бораи чораҳои аз монополияи давлатӣ баровардани хоҷагии халқ» [15], ки бевосита ба рушди рақобат дар бозори суғуртаи ИҶШС нигаронида шуда буд.

Ҳамин тавр, вобаста ба марҳилаҳои рушди қонунгузории танзимкунандаи суғуртаи ҳатмӣ дар Итиҳоди Шӯравӣ ба чунин хулоса омадан мумким аст:

1. Суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар Итиҳодияи Шӯравӣ нисбат ба дигар намудҳои суғурта рушд накарда буд ва инчунин, дар заминаи суғуртаи ихтиёрӣ ба вуҷуд омадааст;

2. Дар Итиҳоди Шӯравӣ эътироф гардид, ки бидуни суғурта муносибатҳои ҷаъмиятӣ танзин карда намешавад. Зеро саравввал баъди таъсис ёфтани Итиҳодияи Шӯравӣ аз суғурта, даст кашида шуда буд.

3. Ҳамин тариқ, давраи таърихии мазкурро метавон инҳисори (монополияи) суғуртаи давлатӣ номид, ки ба ҳамаи амалҳои давлат нигоҳ накарда натиҷаи мусбӣ надод.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёй: монография. – Душанбе, 2015. – С. 30.

2. Азизкулова Г.С. Рецензия на учебник «История государства и права Таджикистана» часть I (от древнейших времен до X в.) / авторы Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. – Душанбе, 2013. – 357 с // Правовая жизнь. – № 4 (04), 2013. – С. 167–168.

3. Декрет Совнаркома СССР от 23 марта

1918 г. «Об учреждении государственного контроля над всеми видами страхования, кроме социального», № 30. – Мод. 397.

4. Декрет Совнаркома СССР от 28 ноября 1918 г. «Об организации страхового дела». – М., 904.

5. Рейтман Л.И. Страховая монополия в СССР: взгляд из 90–х годов // Финансы СССР, 1991. – № 9. – С. 32.

6. Декрет Совнаркома РСФСР от 6 октября 1921 г. «О государственном имущественном страховании» // Мод. 554.

7. Постановление ЦИК и СНК СССР от 18сентября 1925 г. «Об утверждении Положения о государственном страховании СССР» // СЗСССР. – 1925. – № 73. – Мод. 536–537

8. Ведомости Верховного Совета РСФСР от 18 июня 1964 г., № 24. – Ст. 406; 1966. – № 32. – Ст. 771; 1973. – № 51. – Ст. 1114; 1974. – № 51. – Ст. 1346; 1986. – № 23. – Ст. 638; 1987. – № 9. – Ст. 250; 1988. – № 1. – Ст. 1; 1991. – № 15. – Ст. 494; 1992. – № 15. – Ст. 768; 1992. – № 29,01689; 1992. – № 34. – Ст. 1966.

9. Страховое дело: учебник / Под ред. Л.И. Рейтмана. – М.: Банковский и биржевой научно-исследовательский центр, 1992. – С. 399.

10. Постановление Совмина СССР от 28 августа 1967 «О государственном Обязательном страховании имущества колхозов» // Ведомости в СССР. – 1967. – № 35. – Ст. 481.

11. Малеин Н.С. Страхование гражданской ответственности // Советская юстиция. – 1962. – № 11; Артемьев С., Половинник Д. Новые виды страхования подсказывает жизнь // Советская юстиция. – 1961. – № 11. – С. 3–4.

12. Рассолова Т.М. Обязательное страхование автогражданской ответственности. – М., 2005 – С. 31.

13. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1988. – № 22. – Ст. 355.

14. Постановление СМ СССР от 19 июня 1990, № 590 «Об утверждении Положения об акционерных обществах и обществах с ограниченной ответственностью и Положения о ценных бумагах» // СП СССР. – 1990. – № 15. – Ст. 82.

15. Постановление СМ СССР от 16 августь 1990, № 835 «О мерах по демонополизации народного хозяйства» // СП СССР. – 1990. – № 24. – Ст. 114.

**Аннотатсия**

**Рушди қонунгузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар Итиҳодияи Шӯравӣ**

Дар мақолаи мазкур яке аз давраҳои рушди қонунгузории суғуртаи масъулияти соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар давраи Итиҳоди Шӯравӣ мавриди баррасӣ, қарор дода шудааст. Ба муалиф муйясар гардидааст, ки он сабабҳои дигаргун шудани муносибатҳоро дар соҳаи суғурта муайян намуда ва чунин санадҳои меъёрии қабулшударо аз 23 марти соли 1918 «Дар бораи муассисаи назорати давлатӣ аз болои тамоми намудҳои суғурта, ба ғайр аз иҷтимоӣ ва аз 28 ноябри соли 1918 «Дар бораи ташкилотҳои суғуртавӣ» дар тамоми намуд ва шаклҳояш инҳисории давлатӣ гардид ва дигаронро, таҳлил намудааст.

**Аннотатция**

**Развитие законодательства о страховании ответственности владельцев транспортных средств в Советском Союзе**

В данной статье рассматривается один из этапов разработки законодательства по страхованию ответственности владельцев транспортных средств в период существования Советского Союза. Автору удалось выявить другие причины разрыва страховых отношений и при принятии таких нормативных актов от 23 марта 1918 г. «О государственном контрольном агентстве по всем видам страхования, кроме социального страхования, 28 ноября 1918 г.». «О страховых организациях» во всех своих формах становились государственной монополией.

**Annotation**

**Development of legislation on liability insurance for vehicle owners in the Soviet Union**

This article discusses one of the stages in the development of legislation on liability insurance of vehicle owners during the period of the Soviet Union. The author was able to identify other reasons for the breakdown of insurance relations and adopt such regulations of March 23, 1918 "On the state control agency for all types of insurance, except social insurance, and from November 28, 1918." About insurance organizations «in all its forms and forms became a state monopoly and analyzed by others.

## 12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ
## 12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ



**Бобокалонов Ғоиб Мерганович,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*

# ҲУҚУҚИ АФЗАЛИЯТНОК БАРОИ ДАР КОР МОНДАН ҲАНГОМИ БЕКОР ШУДАНИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ БИНОБАР ИХТИСОРИ ШУМОРА, ВОҲИДИ КОРИИ КОРМАНДОН Ё ТАҒЙИРИ ШАРОИТИ МЕҲНАТ

***Калидвожаҳо:*** *Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; бекор шудани шартномаи меҳнатӣ; ихтисори шумораи кормандон; ихтисори воҳиди кории кормандон; тағйири шароити меҳнат.*

***Ключевые слова:*** *Трудовой кодекс Республики Таджикистан; расторжение трудового договора; сокращение численности работников; сокращение штата работников; изменения условий труда.*

***Keywords:*** *The Labor Code of the Republic of Tajikistan; termination of the employment contract; reduction in the number of employees; reduction in the number of employees; changes in working conditions.*

Мутобиқи меъёри пешбининамудаи моддаи 6 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳеҷ кас ба меҳнат наметавонад маҳдуд карда шавад, ба истиснои ҳолатҳо ва тартибе, ки бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Вобаста ба ин, танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун самти муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб ёфта, бояд барои шаҳрвандон кафолатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро дар ин самт, эҷоди шароитҳои барои ҳаёт сазовор, камолоти касбӣ ва шахсияти онҳо таъмин карда шавад.

Тибқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музд ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат ҳуқуқ дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Аз меъёрҳои зикргардида чунин бармеояд, ки ҳар як шахс ҳамчун субъект дар муносибатҳои меҳнатӣ имкониятҳои баробарро доранд. Аммо ҳолатҳое рӯй доданаш мумкин аст, ки зарурати қатъ гаштани шартномаи меҳнатиро ба миён меоранд.

Аз ин лиҳоз, қобилияти баробари субъектҳуқуқии меҳнатӣ танҳо бо ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонун маҳдуд шуданаш имкон дорад, ки мо дар мақола дар атрофи он истода мегузарем, аз ҷумла, бекор шудани шартномаи меҳнатӣ, бинобар ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат.

Яке аз асосҳои бо ташаббуси корфармо бекор намудани шартномаи меҳнатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон

махсуб меёбад (сархати якуми қисми 1 моддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон). Бо ташабуси корфармо бо корманд бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори воҳиди корӣ ё шумораи кормандон дар сурате асоснок ва қонунӣ эътироф мегардад, ки агар шартҳои муайян риоя шуда бошанд. Якум, ихтисори воқеии шумора ё воҳиди кории кормандон ҷой дошта бошад. Воқеан ҷой доштан ё надоштани ихтисори шумора ё воҳиди кории кормандон бо ҷадвали воҳидҳои кории ташкилот, ки бо тартиби муқарраргардида тасдиқ шудааст, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо, ки дар бораи шумораи кормандон ё воҳидҳои кории кормандонро шаҳодат медиҳанд, собит мешавад. Дуюм, ба корманд дар ҳамон ташкилот кори дигар пешниҳод шуда бошад. Сеюм, дар хусуси бо ин асосҳо бекор намудани шартномаи меҳнатӣ, корманд бо гузоштани имзо ду моҳ қабл дар хусуси аз кор озод намудани ӯ огоҳонида шуда бошад. Чорум, корфармо бо сабаби ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон бекор намудани шартномаи меҳнатиро бо Кумитаи иттифоқи касаба ё дигар намояндагони кормандон мувофиқа карда бошад. Панҷум, меъёрҳое, ки дар муқаррароти моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, бояд риоя шуда бошад [1].

Дигар ҳолат бошад зимни тағйир ёфтани шароити меҳнат махсуб меёбад. қабл аз таҳлили он бояд, мафҳуми худи шароити меҳнатро донист. Тибқи сархати 70 қисми 1 моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми шароити меҳнат, шартҳои пардохти музди меҳнат, бамеъёрдарории меҳнат, реҷаи вақти кор ва вақти истироҳат, тартиби ҷобаҷогузории касб (вазифа), васеъкунии ҳудуди хизматрасонӣ, иҷрои вазифаи корманди муваққатан ҳузурнадошта, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, шароити техникӣ, омилҳои истеҳсолӣ-иҷтимоӣ ва дигар шартҳои бо созиши тарафҳо мувофиқашударо мефаҳманд.

Бидуни розигии корманд тағйир додани шароитҳои муҳими меҳнат мумкин нест, ба ғайр аз мавридҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат. Масалан, тибқи қисми 1 моддаи 31 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корфармо метавонад дар иртибот бо тағйиротҳои ташкилӣ ва технологии меҳнат якҷониба шароитҳои муҳими меҳнатро тағйир диҳад (аммо бидуни тағйири касб, ихтисос, квалификатсия ва мансаби корманд). Корфармо дар ин маврид вазифадор аст, ки вобастагии бевоситаи тағйироти ташкилию технологии меҳнат ва тағйир додани шароитҳои муҳими меҳнатро собит созад. Дар акси ҳол, аз ҷониби корфармо тағйир додани шароитҳои муҳими меҳнат, ки онҳоро ҷонибҳои шартномаи меҳнатӣ муайян намуда буданд, ғайриқонунӣ дониста мешавад.

Қисми 2 моддаи 31 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти анҷом додани машварати пешакии корфармо ва мақомоти намояндагии кормандони ташкилотро ҷиҳати тағйир додани шароитҳои муҳими меҳнати баъзе гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон пешбинӣ намудааст. Чунин муқаррарот кафолати муҳимест дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кормандон ҳангоми тағйир додани шароитҳои муҳими меҳнат.

Шарти муҳиме, ки онро корфармо ҳангоми тағйир додани шароитҳои муҳими меҳнат бояд риоя намояд, огоҳсозии хаттии кормандон мебошад, ки 2 моҳ қабл аз тағйир додани шароитҳои меҳнат, сурат мегирад (қисми 3 моддаи 31 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) Ҳадаф аз муқаррар намудани чунин муҳлат он аст, ки корманд имкон дошта бошад, таи ин муҳлат дар хусуси давом додан ё надодани кор дар шароитҳои нав ба хулосаи муайян биёяд. Агар корманд барои идома додани кор дар шароитҳои нави меҳнат розӣ нашавад, он гоҳ шартномаи меҳнатӣ бо ӯ қатъ карда шуда, ба корманд кумакпулии аз корравӣ дар ҳаҷми на камтар аз ду маоши миёнаи моҳона пардохта мешавад.

Ба корманд ҳуқуқ дода шудааст, ки дар хусуси аз ҷониби корфармо тағйир додани шароитҳои муҳими меҳнат ба суд арзи норизоӣ намояд.

Дар қисми 4 моддаи 31 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон дар мавриди тағйир ёфтани шароитҳои меҳнат пешбинӣ шудааст,

ки он баҳри нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ ва пешгирӣ намудани аз кор озодкунии оммавии кормандон нигаронида шудааст. Кафолати мазкур дар он ифода меёбад, ки корфармо метавонад бо розигии мақомоти намояндагии дахлдори кормандони ташкилот бидуни риояи мӯҳлати думоҳаи огоҳсозӣ, шароити меҳнатии кормандонро тағйир диҳад (моддаи 37 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнатро моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар тағйир ёфтани технология, ташкили истеҳсолот ва меҳнат, кам шудани ҳаҷми кор, ки боиси ихтисор шудани шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат гардидааст, ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ба кормандоне дода мешавад, ки дорои дараҷаи баландтари ихтисос ва ҳосилнокии меҳнат мебошанд [2].

Эзоҳ: мазмуни қисми 1 моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд азислоҳоти техникӣ дар мақола ҷой дода шудааст.

Аз мазмуни меъёрҳои моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ду омили афзалиятро ҷуда намудан қобили қабул мебошад.

Ба омили якуми афзалият, манфиатҳое, ки дорои хусусияти мутлақ мебошанд, мансубанд. Чунин бартарӣ ба он корманде маҳсуб дониста мешавад, ки маҳсулнокӣ ва малакаи баландтар дорад. Қонунгузорӣ ягон рӯйхати мушаххаси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маҳсулнокии баланди меҳнатро муқаррар накардааст. Ба онҳо мумкин аст чунин маълумотҳоро дохил намуд: савияи дониш, малака, маҳорати дахлдор, нишон додани сифати баланди кори иҷрошуда, корманде, ки вазифаҳоро бо масъулияти баланд иҷро мекунад, ё бартарии зиёди иҷрои корҳоро дар муқоиса бо корманде, ки вазифаҳои шабеҳро иҷро мекунад, кордонӣ ва малакаи тавассути омодагии махсус ва таҷрибаи кории андӯхташудае, ки барои иҷрои навъи муайяни фаъолияти меҳнатӣ дар доираи касби мазкур зарур аст, инчунин, метавон дар ин самт далелҳои дар бораи ҳавасмандии кормандро ба инобат гирифтан мумкин аст ва ғайра.

Инчунин, ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дониши махсус, дараҷа, ихтисос ё касб, тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандро барои ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ба инобат гирифта мешавад. Омили дуюми афзалият, танҳо бо маҳсулнокии меҳнати баробар ва дараҷаи тахассус муайян карда мешавад.

Дараҷаҳои тахассусии корманд ин нишондиҳандаҳои меҳнатии шахсе, ки дорои таҳсилоти касбӣ, доир ба назария ва амалияи самти ихтисос, дониш, малака ва маҳорати касбиро соҳибшуда, мақоми мутахассиси дараҷаи баландро бадастоварда, супоришҳои боз ҳам масъулиятнокро бо риояи меъёрҳои коркард ва бо тамоми талаботҳо оид ба сифати кор иҷро мекунад, байни ҳамкорон ва роҳбарият ба боварӣ ва эҳтиром сазоворшуда, дорои ҳаҷми баланди музди меҳнат гардидааст, мебошанд.

Дар сурати баробар будани дараҷаи тахассус ва ҳосилнокии меҳнат, ҳуқуқи афзалиятноки дар кор мононданро кормандоне доро мебошанд, ки дар қисми 2 моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар шудаанд.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баробар будани тахассус ва самаранокии меҳнат афзалият ба инҳо дода мешавад:

– ба кормандоне, ки ду ва зиёда аъзои оилаи ғайриқобили меҳнат доранд;

– ба шахсоне, ки дар оилааш дигар корманди музди меҳнати мустақилдошта мавҷуд нест;

– ба кормандоне, ки дар ҳамон ташкилот собиқаи зиёди корӣ доранд;

– ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо

нашуда, ихтисоси худро аз рӯи тахассуси дахлдор дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ баланд мебардоранд ва шахсоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро ба итмом расонидаанд, ба шарте, ки баъд аз хатми таҳсил дар давоми ду сол аз рӯи ихтисос кор кунанд;

– ба шахсоне, ки дар ҳамон ташкилот ҷароҳати меҳнатӣ гирифтаанд ё ба бемории касбӣ гирифтор шудаанд;

– ба маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, инчунин шахсони ба онҳо баробаркардашуда;

– ба шахсоне, ки ба бемории шуоъӣ гирифтор шудаанд ё онро аз сар гузаронидаанд ва дигар бемориҳое, ки бо баландшавии нури радиатсионӣ вобаста буда, дар натиҷаи оқибатҳои садамаи объектҳои атомӣ ба вуҷуд омадаанд, ба маъюбоне, ки сабаби маъюбии онҳо бо садамаи объектҳои атомӣ алоқаманд аст, иштирокчиёни корҳои барҳамдиҳии оқибатҳои ин садамаҳо ва фалокатҳо, инчунин шахсоне, ки аз минтақаҳои зикршуда кӯчонида шудаанд ва дигар шахсоне, ки ба ин гурӯҳ баробар карда шудаанд;

– ба маъюбони тибқи квота ба кор қабулгардида;

– ба ҷабрдидагони амалҳои террористӣ ва савдои одамон;

– ба ихтироъкорон ва навоварон.

Ғайр аз ин, ҳаминро бояд дар назар дошт, ки шахсони дар қисми дуюми моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон номбаршуда тавассути дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба танзим даровarда мешаванд.

Вобаста ба ин ҳаминро бояд тазаккур дод, ки мазмуни меъёрҳои моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс назар ба қонунгузорӣ оид ба меҳнати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла, моддаи 179 Кодекси меҳнати Федератсияи Россия аз 30.12.2001, № 197-ФЗ, моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Беларус аз 26.07.1999, № 296-З, моддаи 103 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 01. 04. 1996, аз 09.01.2019, № ЗРУ-514, моддаи 42 Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати Украина аз 10.12.1971, № 322-VIII ва аз 18.03.2015 ва ғайра, ба таври возеҳ пешбинӣ шудааст.

Инчунин, муқаррароти қисми 3 моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки дар созишнома, шартномаҳои коллективӣ ва шартномаи меҳнатӣ мумкин аст дигар ҳолатҳое пешбинӣ карда шаванд, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондани корманд зимни бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори шумора, воҳиди корӣи кормандон ё тағйири шароити меҳнат, дода мешавад.

Муқаррароти қисми 3 моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз камбудӣ холӣ нест, зимни ҷобаҷогузории (гурӯҳбандӣ) санадҳои ҷузъӣ (локалӣ) иерархияи (сохтори зинанизомӣ) риоя нашудааст (шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ).

Яке аз хусусияти хоси низоми санадҳои ҳуқуқӣ ин иерархияи (сохтори зинанизомӣ) он мебошад, ки мувофиқи он санади қувваи ҳуқуқии пасттардошта аз санади қувваи ҳуқуқии баландтардошта як зина поин меистад, яъне таносуби санадҳо бо бартарии қувваи ҳуқуқиашон.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки чунин саҳвҳои дар боло зикргардида дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати қаблӣ низ дида мешуд.

Масалан, қисми сеюми моддаи 47 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997, ки ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан дар сурати бекор шудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бинобар тағйир ёфтани шумораи (штати) кормандон ё шароити меҳнатро муқаррар менамуд, дар мазмуни зайл пешбинӣ шудааст «Дар шартномаи (қарордоди) коллективӣ метавонад дигар ҳолатҳое пешбинӣ карда шаванд, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо барои дар кор монондани кормандон афзалият дода мешавад» [3].

Дар фарҷом ҳаминро бояд қайд намуд, ки агар корфармо ҳангоми бо ин асосҳо бекор

намудани шартномаи меҳнатӣ, ҳатто яке аз омилҳои пешбинишударо риоя накунад, бекор намудани шартномаи меҳнатӣ ғайриқонунӣ дониста шуда, суд аризаи даъвогии корманд дар хусуси ба кор барқарор намудани ӯро қонеъ мегардонад.

Бояд гуфт, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи ягонаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва хусусан ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ дар мавриди ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат набуда, балки чунин муносибатҳо тавассути дар ҳамоҳангсозии дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба танзим даровარда мешаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: нашри якум // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 136.

2. Шонасридинов Н., Худоёрзода Б.Т., Мукумова С.А., Бобокалонов Ғ.М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: нашри сеюми мукаммалшуда // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Н. Шонасридинов. –Душанбе, 2016. – С. 195-197.

3. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – № 9. – Мод. 112. – Мод. 113; 1998. – № 23-24. – Мод. 340; 1999. – № 5. – Мод. 69; 2002. – № 4, қ. 1. – Мод. 185; 2004. – № 5. – Мод. 337; 2006. – № 3. – Мод. 152. – № 4. – Мод. 195; 2009. – № 5. – Мод. 320; 2010. – № 7. – Мод. 545. – Мод. 549; 2011. – № 3. – Мод. 151. – № 12. – Мод. 842; 2012. – № 8. – Мод. 817; 2013. – № 7. – Мод. 509.

**Аннотатсия**

**Ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ҳангомӣ бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат баррасӣ карда мешаванд. Баъдан, байни ду омили афзалиятҳои дар моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда таҳлил гузаронида шуда ба мазмуну муҳтавои онҳо низ равшанӣ андохта шудааст. Инчунин, дар доираи қонунгузории меҳнати кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қиёс ва оид ба камбудиҳои қонунгузории қаблӣ ва амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили мухтасари муқоисавии ҳуқуқӣ гузаронида шуданд.

**Аннотация**

**Преимущественное право на оставление на работе при расторжении трудового договора, в связи с сокращением численности, штата работников или изменения условий труда**

В настоящей статье рассматриваются вопросы, касающиеся преимущественного права на оставление на работе при расторжении трудового договора, в связи с сокращением численности, штата работников или изменения условий труда. Далее проводится анализ между двумя факторами преимущества, предусмотренными статьей 43 ТК РТ и раскрывается их содержание. В частности, проведен краткий сравнительно-правовой анализ с законодательством о труде стран Содружества Независимых Государств а также, о недостатках действующего законодательства о труде Республики Таджикистан.

**Annotation**

**Preemptive right to leave at work upon termination of the employment contract due to a reduction in the number of employees, staff or changes in working conditions**

This article discusses issues relating to the pre-emptive right to leave at work upon termination of

the employment contract in connection with a reduction in the number of employees, the number of employees or changes in working conditions. Next, an analysis is carried out between the two factors of benefits provided for in Article 43 of the Customs Code of the Republic of Tajikistan and their content is disclosed. In particular, a brief comparative legal analysis was carried out with the labor legislation of the countries of the Commonwealth of Independent States as well as the shortcomings of the ineffective and current labor legislation of the Republic of Tajikistan.

## 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
## 12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО



***Соҳибов Муҳаммадҷон Маҳмадалиевич,***
*Сармутахассиси шуъба қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*E-mail: sohibzoda@gmail.com*

# МУШКИЛИҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БАҲОИ ЗАМИН: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ; баҳои замин; мақсади баҳои замин; принсипҳои баҳои замин; объекти баҳои замин; субъекти баҳои замин.*

***Ключевые слова:*** *Содружество Независимых Государств; сравнительно-правовой анализ; законодательство; оценка земли; цель оценки земли; принципы оценки земли; объект оценки земли; субъекты оценки земли.*

***Keywords:*** *Commonwealth of Independent States; comparative and legal analysis; legislation; land assessment; the purpose of land assessment; the principles of land assessment; the object of land assessment; the subjects of land assessment.*

Замин яке аз ҷузъҳои асосии табиат буда, сарвати муҳими ҷамъияту давлат мебошад. Асоси иқтисодиёти тамоми давлатҳоро замин ва сарватҳои он ташкил медиҳад. Дуруст истифода набурдани замин як қатор мушкилотро дар ҷомеа ба миён меорад, аз қабили мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ. Мубрам будани масъалаҳои ҳуқуқии замин инчунин, дар он зоҳир мегардад, ки ҳама вақт бояд дар назар дошт, ки замин на танҳо боигарии табиат, сарчашмаи ҳаёт, балки захираи табиат ва пеш аз ҳама объекти моликият низ мебошад, ки истифодаи самараноки он бояд ба таври дуруст ба роҳ монда шавад [15, с. 49-51].

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замин моликияти истисноии давлат мебошад ва давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Бо мақсади танзими раванди тақсими замин дар маҳалҳо, истифодаи самараноки он, беҳдошти ҳолати мелиоративӣ ва ҳосилхезгардонии замин, пешгирии омилҳои муомилоти ғайриқонунии замин, тартиби амалигардонии чорабиниҳои заминсозӣ, ташкили заминистифодабарии нав ва мавҷуда, такмили қонунгузорӣ дар самти баҳои замин ва муайян намудани арзиши воқеии қитъаи замин бо мақсади дуруст муайян намудани андоз аз қитъаи замин, иҷорапулӣ, арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва дигар пардохтҳо ба қитъаи замин ва мукаммалгардонии қонунгузории соҳаи замин мувофиқи мақсад мебошад.

Дар маҷмӯъ, таҷрибаи заминистифодабарии кишвар ифодаи он аст, ки номукаммалии қонунгузории замин инкишофи муътадили ин муносибатҳоро бозмедорад. Маҳз бо мақсади мукаммал гардидани яке аз падидаҳои муҳими қонунгузории замин, яъне баҳои замин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи

давлатҳои пешқадам зарур мебошад.

Ислоҳоти замин шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва як қатор масъалаҳои доир ба баҳодиҳии аниқи заминро ба миён овард. Имрӯз бояд ҳар як ваҷаб замин арзиши воқеии худро дошта бошад. Аз ин ҷиҳат, бо мақсади самаранок амалӣ гардидани талаботи иқтисоди бозоргонӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба арзиши замин ва андозбандии замин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» қабул гардидааст.

Мақсади асосии гузаронидани корҳои баҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои муқаррар намудани нархи меъёрии замин бо мақсади андозбандии воқеӣ, пардохти иҷора, муҳайё намудани шароит барои сарфакорона истифода бурдани замин, муҳофизату азхудкунии он ва баланд бардоштани ҳосилнокии хок анҷом дода мешавад.

Дар марҳилаи муосири инкишофи падидаи баҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи хориҷӣ аҳамияти бузург дорад. Алҳол дар Тоҷикистон муносибатҳои баҳои замин аллакай ташаккул ёфтаанд, лекин танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо беҳбудиро мехоҳад. Дар чунин шароит омӯзиши таҷрибаи хориҷии кишварҳое, ки таърихи бисёрсолаи танзими ҳуқуқии баҳои заминро доранд, хеле муфид аст.

Муносибатҳои вобаста ба баҳои замин дар Тоҷикистон вақтҳои охир ниҳоят густариш пайдо карда истодаанд. Омӯзишу фаҳмиши қонунгузории замин дар мамлакатҳои гуногуни хориҷӣ, ки ҳам аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ, омилҳои табиӣ ва ҳам аз ҷиҳати сатҳи рушди иқтисод, соҳаи иҷтимоӣ фарқият доранд, барои арзёбии амалҳои дуруст дар соҳаи баҳои замин ва таҳияи тавсияҳои мушаххас баҳри идоракунии дурусти захираҳои замин имконият медиҳад [8, с. 4].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз роҳи маъмули такмил додани қонунгузорӣ усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар раванди мазкур қонунгузории давлатҳои дигар мавриди таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба омилҳои миллӣ ҷанбаҳои мусбии онҳо истифода мешавад.

Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев «усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти муҳими амалӣ дошта, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои мусбии онҳо, истифода шавад» [14, с. 49].

А.В. Егоров қайд менамояд, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани низоми ҳуқуқии давлат муайян гардад [1, с. 91].

Таҷрибаи танзими баҳои замин дар давлатҳои хориҷӣ, метавонад дар сурати такмил ёфтани қонунгузории амалкунандаи баҳои замин аз ҷониби мақомоти қонунгузор ба назар гирифта шавад. Ғайр аз ин, як сабаби дигари зарур будани омӯзиши қонунгузории хориҷӣ иборат аз он аст, ки солҳои охир дар ҷаҳон фазои умумии ҳуқуқӣ, махсусан дар соҳаи қонунгузории замин ташаккул ёфта истодааст. Дар ин раванд мисол шуда метавонад, қабули модели Кодекси замини аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 4 декабри соли 2004, № 24-8.

Дар замони муосир дар аксари кишварҳои ҷаҳон ба таҳқиқотҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти ҷиддӣ дода истодаанд. Мақсади чунин таҳқиқотҳо пеш аз ҳама ин муайян кардани қонуниятҳои инкишофи низомҳои ҳуқуқӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ мебошад. Аҳамияти омӯзиши падидаҳои ҳуқуқӣ дар асоси муқоиса истифода бурдани таҷрибаи пешқадами низомҳои ҳуқуқии дигар маҳсуб меёбад [13, с. 144].

Дар ин таҳқиқот, масъалаҳои танзими ҳуқуқии баҳои замин дар баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба мисли Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Украина, Беларус, Қазоқистон ва Озорбойҷон ба таври хеле мухтасар баррасӣ карда мешаванд, зеро дар ин кишварҳо қонунгузории баҳои замин рушд кардааст ва аз як қатор шабоҳату тафовут бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар соҳаи баҳои замин бештар ба назар мерасад.

Баҳои замин имконияти муайян намудани арзиши воқеии заминҳои истифодашавандаро вобаста аз ҳосилхезӣ, хусусияти технологии хок ва самаранокии хароҷот фароҳам меоварад. Муайян намудани нархи замин

имконият медиҳад, ки барномаи оқилона тақсимкунии захираҳои замин байни истифодабарандагони он кор карда баромада, меъёри андози тафриқавӣ ва иҷорапулӣ аз замин муайян карда шавад. Дар навбати худ ин коркардҳо ҳавасмандӣ ва масъулияти замин-истифодабарандагонро барои нигаҳ-дорӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии замин, инчунин самаранок истифодабарии он, баланд мебардорад [16, с. 224].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки маълумотҳои баҳои замин бояд барои муайян намудани хусусияти истифодабарии он дар шароитҳои мушаххаси ноҳияҳои иқлими гуногуни табиидошта, истифода бурда шаванд. Барои ҳалли ин масъала кадастри давлатии замин, ки баҳои иқтисодии заминро дарбар мегирад, аҳамияти махсус дорад ва он дар қонунгузории замин пешбинӣ шудааст.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ роҳи самаранок ва боэътимоди такмили қонунгузорӣ ва дарк намудани мазмуну моҳияти танзими ҳуқуқии ин ё он падида маҳсуб меёбад. Баҳои замин яке аз институтҳои муҳими қонунгузории замин буда, танзими пурра ва ҳаматрафаи он ба инкишофи муътадили дигар падидаҳои ҳуқуқии соҳа ва ташкили андозбандии қитъаи замин, пардохти иҷорапулӣ ва ташкли бозори ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, мувофиқи банди 34 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018 [7] яке аз масъалаҳои муҳим «Такмили қонунгузорӣ дар самти баҳои замин ва муайян намудани арзиши воқеии қитъаи замин бо мақсади дуруст муайян намудани андоз аз қитъаи замин, иҷорапулӣ, арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва дигар пардохтҳо ба қитъаи замин» мебошад. Инчунин, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мазкур ҷиҳати мукаммал гардонидани қонунгузории баҳои замин ва тадбиқ гардидани банди 34 Консепсияи мазкур мусоидат мекунад.

Инчунин, тибқи банди 6, сархати 13 Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014, № 288 [19] тасдиқ шудааст, яке аз вазифаҳои асосии Марказ «гузаронидани таҳқиқотҳои муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ гардидани ин вазифаи асосии Марказ мусоидат мекунад.

Бо сабаби дар шакли фарох танзим гардидани баҳои замин дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шакли як мақола гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имконнопазир аст, аз ин лиҳоз, дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил танҳо дар самтҳои мафҳумҳои асосии дар қонунгузории баҳои замин истифодашаванда, мақсади баҳои замин, принсипҳои баҳои замин, объекти баҳои замин ва субъекти баҳои замин гузаронида мешавад. Ҳамзамон, муаллиф тасмим дорад, ки дар мақолаҳои минбаъда самтҳои дигари қонунгузории баҳои замини дар баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро мавриди таҳлил қарор дода таклифу пешниҳодҳои судмандро бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории баҳои замини Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намояд.

Асосҳои ҳуқуқии баҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 23 [6], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, № 18, «Дастури услубӣ оид ба баҳои сифатии хок ва баҳои иқтисодии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 августи соли 2003 асос меёбад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» аз ду боб ва 12 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқии баҳои заминро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, гузаронидани маҷмӯи баҳои заминро муайян мекунад. «Дастури услубӣ оид ба баҳои сифатии хок ва баҳои иқтисодии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳри амалӣ

гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» аз тарафи ҳайати мушовараи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, бо вазорату идораҳои марбутаи давлатӣ мувофиқа гардида, ба қайд гирифта шуда, тибқи он корҳои баҳодиҳии заминҳо гузаронида мешаванд.

Асосҳои ҳуқуқии баҳои замин дар Федератсияи Россия ба Конститутсияи Федератсияи Россия, Кодекси замин аз 25 октябри соли 2001, № 136-ФЗ [4] (моддаи 66), Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 29 июли соли 1998, № 135-ФЗ [12], Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи баҳои кадастри давлатӣ» аз 3 июли соли 2016, № 237-ФЗ [11], Қоидаҳои гузоранидани кадастри давлатии баҳои замин аз 8 апрели соли 2000, № 316 [9] асос меёбад. Дар баробари ин, дар Федератсияи Россия Лоиҳаи Қонуни федералӣ «Дар бораи баҳои замин» [17] омода гардидааст, ки аз 3 боб ва 11 модда иборат мебошад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба баҳои замин дар Ҷумҳурии Украина тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Украина, Кодекси замини Ҷумҳурии Украина аз 25 октябри соли 2001, № 2768-III [3], Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» аз 11 декабри соли 2003, № 1378-IV [10] амалӣ карда мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» аз 5 боб ва 28 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқии баҳои замин, корҳои баҳодиҳии касбиро дар соҳаи баҳои замин дар Украина муайян намуда, ба танзими муносибатҳои марбут ба чараёни гузаронидани баҳои замин, таъмини гузаронидани баҳои замин бо мақсади ҳифзи манфиатҳои қонунии давлат ва дигар субъектҳои ҳуқуқӣ дар масъалаҳои нархгузории замин, таъмини иттилоот оид ба андоз ва бозори замин равона карда шудааст.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба баҳои замин дар Ҷумҳурии Беларус ба Конститутсияи Ҷумҳурии Беларус, Кодекси замин Ҷумҳурии Беларус аз 23 июли соли 2008, № 425-З [2], Фармони Президенти Ҷумҳурии Беларус «Оид ба тасдиқи усулҳои баҳодиҳии қитъаҳои заминҳои маҳалли аҳолинишин» аз 30 декабри соли 1998, Фармони Президенти Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 13 октябри соли 2016 асос меёбад.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» баҳои замин – нишондиҳандаҳои кадастрии баҳои замин, ки барои ҳалли маҷмӯи масъалаҳои амалӣ дар соҳаи муносибатҳои замин, ташкили банақшагирӣ ва идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҳалли масъалаҳои истифодаи сарфакоронаи захираҳои замини ҷумҳурӣ, ҳамчун асоси илмӣ хизмат мекунад. Дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мафҳумҳои гуногуни истилоҳи «баҳои замин» пешбинӣ шудааст. Масалан, мувофиқи лоиҳаи Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи баҳои замин» мафҳуми баҳои замин ба таври зерин пешниҳод шудааст: «Баҳои замин – фаъолияти субъектҳои баҳодиҳӣ, ки ба амлишавии чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва техникӣ, ки барои муайян кардани арзиши бозорӣ, кадастрӣ ё меъёрии қитъаи замин (гурӯҳҳои қитъаҳои замин) дар санаи муайян равона гардидааст».

Ҳамчунин, мафҳуми баҳои замин дар Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» муқаррар гардидааст, ки тибқи он «Баҳои хок – баҳодиҳии муқоисавии сифати хок вобаста ба таркибҳои асосии табиии он, ки хусусити доимӣ дошта, ба ҳосилнокии онҳо дар шароити мушаххаси иқлимӣ парваришшаванда ба таври назаррас таъсир мерасонанд». Бояд зикр намуд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» на мафҳуми баҳои замин, балки мафҳуми баҳои хок дода шудааст, дар ҳоле, ки ин ду мафҳум мазмунан тафовут доранд.

Баҳои замин нисбат ба баҳои хок васеъ ва ё як намуди баҳои замин ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи гузаронидани баҳои хок танҳо хусусияти табиӣ ва сифати ҳосилхезии он муайян карда мешавад. Таҷрибаи давлатҳо нишон медиҳад, ки маълумотҳои дар натиҷаи баҳои хок ба вуҷуд омада, ҳангоми гузаронидани баҳои замин барои муайян намудани намудани арзиши иқтисодӣ ва арзиши пулии замин ба назар гирифта

мешавад. Аз ин рӯ, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маврид ва дуруст истифода намудани мафҳумҳои зикргардида, барои такмил ва татбиқи қонунгузорӣ дар соҳаи баҳои замин мусоидат хоҳад кард.

Таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти баҳои замин нишон медиҳад, ки як қатор мафҳумҳои асосии бунёдӣ, ки муайян кардани мазмуну моҳияти онҳо зарур аст, бояд дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шаванд. Дар қонунгузории замини баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мафҳумҳои «арзиши бозории қитъаи замин», «субъектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ», «баҳодиҳии таҳлиливу пулии қитъаи замин», «усули баҳодиҳӣ», «нархи замин» ва ғайраҳо муқаррар шудаанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» мафҳумҳои зерин ҷой надоранд, ҳол он ки баъзе аз ин мафҳумҳо дар қонунгузории замин мавриди истифодаи васеъ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, дар моддаҳои 17, 33, 37 (нархи бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин), 39, 41 ва моддаҳои дигари Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» ва мафҳуми «нархи бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» ифода карда шудааст. Аз ин лиҳоз, мафҳумҳои асосие, ки дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» дарҷ шудаанд, мукаммал ва пурра набуда, ба такмил зарурат доранд.

Мафҳуми субъекти баҳои заминро ба таври зерин ифода намудан мумкин аст: «Субъекти фаъолияти баҳои замин аз як тараф мақомоти ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба замин, мақомоти маҳаллии он ё ташкилоти соҳавӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти баҳодиҳиро дар самти замин доро мебошанд, аз тарафи дигар субъекти ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини мавриди нархгузорӣ қарор гирифта мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (аз ҷумла, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Украина) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқи ба фаъолияти баҳодиҳии замин машғул шуданро доранд.

Бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Беларус танзими ҳуқуқии баҳои замин хусусиятҳои хос дошта, аз баъзе давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тафовут дорад. Якум, дар танзими ҳуқуқии баҳои замин дар ин кишвар нақши санадҳои меъёрии зерқонунӣ нисбат ба қонунҳо бартарӣ дошта, мушаххасан танзим гардидани ин масъала аз ҷониби санадҳои меъёрии зерқонунӣ сурат мегирад. Масалан, Кодекси замини Ҷумҳурии Беларус мафҳумҳои арзиши кадастрии қитъаи замин, қитъаи замини баробарарзиш ва намудҳои баҳои заминро муайян намуда, танзими мушаххаси онро ба санадҳои меъёрии зерқонунӣ ҳавола менамояд.

Дигар хусусияти фарққунандаи қонунгузории ин мамлакат дар соҳаи баҳои замин ин тасниф намудани он вобаста ба таъинот ва мақсади истифодаи заминҳо мебошад, ки ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешавад: а) баҳодиҳии кадастрии замин; б) баҳодиҳии қитъаҳои замини маҳалҳои аҳолинишин; в) баҳодиҳии рафоқатҳои боғдорӣ ва кооперативҳои истироҳатӣ; г) қитъаҳои замин, ки берун аз маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир шудаанд; д) баҳодиҳии кадастрии заминҳои таъиноти кишоварзӣ; е) қитъаҳои замини ташкилотҳои кишоварзӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар ташкилотҳои кишоварзӣ барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ тақсим карда шудаанд.

Инчунин, ҳар як намуди он бо санадҳои меъёрии алоҳидаи зерқонунӣ танзим мегардад. Масалан, Тартиби гузаронидани баҳои заминҳои маҳалли ахолинишин тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Беларус «Оид ба тасдиқи усулҳои баҳодиҳии қитъаҳои заминҳои маҳалли аҳолинишин» аз 30 декабри соли 1998 мавриди танзим қарор дода мешавад. Дар баробари ин, Фармони Президенти Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 13 октябри соли 2016 хусусияти умумӣ дошта, меъёрҳои он ҳангоми баҳои замин ба инобат гирифта мешавад.

Тибқи моддаи 3 Кодекси замини

Ҷумҳурии Беларус баҳодиҳии кадастрии замин ин муайян кардани арзиши кадастрии замин, қитъаҳои замин дар санаи муайян барои мақсадҳои пешбининамудаи қонун мебошад. Дар баробари ин дар ин санад мафҳуми арзиши кадастрии қитъаи замин пешбинӣ гардидааст, ки дар асоси он арзиши кадастрии қитъаи замин – ин маблағҳои ҳисобшудае мебошад, ки ифодакунандаи арзиши (фоида) қитъаи замин ҳангоми истифодаи он тибқи таъинот ва арзиши дар кадастри давлатии замин ҷойдошта мебошад.

Дар асоси моддаи 3 лоиҳаи Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи баҳои замин» мафҳуми арзиши бозории қитъаи замин дода шудааст, ки тибқи он арзиши бозории қитъаи замин – нархи эҳтимолии қитъаи заминест, ки бо истифодаи усули бозор муайян карда мешавад (усули муқоисаи фурӯш, усули сармоягузорӣ ва усули нарх), ки тибқи он қитъаи замин дар бозор озод ва фазои рақобатнокӣ, ки дар он тарафҳои аҳд озодона амал мекунанд ва бо дарназардошти манфиатҳо тамоми маълумоти заруриро дар бораи қитъаи замини бегонашаванда доранд, бегона карда мешавад. Ҳамчунин, дар моддаи 7 ҳамин лоиҳаи Қонуни мазкур тартиби муайян кардани арзиши бозории қитъаи замин муайян шудааст. Арзиши бозории қитъаҳои замин аз ҷониби нархгузорон (шаҳрвандон – соҳибкорони инфиродӣ ё шахсони ҳуқуқӣ) бо истифодаи усули нархгузории бозор муайян карда мешавад (усули муқоисаи фурӯш, усули нарх, усули сармоягузорӣ, даромад).

Усули муқоисаи фурӯш ҳангоми нишондодҳои миқдории кофӣ оид ба нархи муқоисавии (оид ба муқоисаи хусусиятҳо) қитъаҳои замине, ки ба хариду фурӯш гузошта шудаанд, амалӣ карда мешавад. Баҳодиҳӣ бо дарназардошти хусусиятҳои зерин амалӣ карда мешавад: шартҳои маблағгузории шартнома; шароити фурӯш (дараҷаи фаъолияти бозори замин дар минтақа); вақти фурӯш; маҳалли ҷойгиршавии замин; намуди хок; релеф; параметрҳои гидрологӣ; таъмин будани шабакаи муҳандисӣ; сатҳи даромади имконпазир аз истифодаи замин мувофиқи таъиноти мақсадноки он. Муайянкунии арзиши қитъаи замин бо роҳи ворид намудани тағйирот ба қитъаҳои заминҳои фурӯхташаванда бо дарназардошти унсурҳои фарққунанда ва хусусиятҳои заминҳои муқоисашаванда ба роҳ монда мешавад.

Ҳар як намуди фаъолият бо мақсадҳои муайян амалӣ карда мешавад. Баҳои замин низ дорои мақсадҳои муайян буда, ин мақсадҳо бо дарназардошти рушди ҷомеа ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир меёбанд. Дар асоси моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» баҳои замин барои муқаррар намудани нархи меъёрии замин бо мақсади андозбандии воқеӣ, пардохти иҷора, муҳайё намудани шароит барои сарфакорона истифода бурдани замин, муҳофизату азхудкунии он ва баланд бардоштани ҳосилнокии хок анҷом дода мешавад. Мувофиқи меъёри мазкур баҳои замин бо мақсади андозбандии қитъаи замин, пардохти маблағи шартномаи иҷораи қитъаи замин ва истифодаи самаранок, оқилонаву сарфакоронаи қитъаи замин амалӣ карда мешавад. Дар солҳои охир, ки қонунгузории замин мукаммал гардида истодааст, бо дарназардошти тағйиру иловаҳое, ки ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд, дигар мақсадҳои гузаронидани баҳои заминро ба миён оварданд.

Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, метавонад предмети хариду фурӯш, тухфа, мубодила, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад ва инчунин ба тариқи мерос ва бо тартиби умумӣ ба даст овардани ҳуқуқ, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории гражданӣ муқаррар намудааст, ба дигар шахс гузарад (моддаи $2^2$).

Бо ҳамин мақсад дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи ташкили бозори ҳуқуқи истифодабарии замин мустаҳкам гардид. Эътирофи ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он ҳамчун объекти махсуси муомилоти гражданӣ талаб менамояд, ки арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми хариду фурӯши қитъаи замин, туҳфа, мубодила, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо

низ муайян карда шаванд, яъне мавриди баҳодиҳӣ қарор дода шавад. Аз ин лиҳоз, зарурати васеъ намудани мақсадҳои гузаронидани баҳои замин ба миён омадааст.

Мақсадҳои баҳои замин дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба таври мушаххас дар моддаи алоҳида нишон дода шудаанд. Мувофиқи моддаи 4 лоиҳаи Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи баҳои замин» баҳодиҳии замин бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад: 1) муайян кардани арзиши қитъаҳои замин ҳангоми хусусигардонӣ, хариду фурӯш, ба иҷора ё идоракунии бо боварӣ асосёфта додан, ба гарав (ипотека) гузоштан, таъмини уҳдадориҳои қарзӣ, супоридан дар асоси шартномаи иҷора ва гузоштани қитъаи замин ба сифати фонди оиномавӣ дар шахсони ҳуқуқӣ; 2) муайян кардани (ҳисоб кардани) андози замин, андози молу мулк, андоз ба мерос ё туҳфа, андоз аз афзоиши сармояи (сармояи) оинномавӣ ё фондҳои муштарак; 3) муайян кардани пардохти мутаносиб дар муайян кардани сервитутҳои хусусӣ ва давлатӣ; 4) асосноккунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бизнес-нақшаҳо ва таваккали соҳибкорӣ; 5) ҳалли баҳсҳо оид ба арзиши замин, аз ҷумла ҳангоми хариди (гирифтан) замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ; 7) дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории гражданӣ, замин, андоз, буҷетии Федератсияи Россия.

Тибқи моддаи 94 Кодекси замини Ҷумҳурии Озарбойҷон аз 25 июни соли 1999, № 695-IQ [5] баҳои замин ҳамчун захираи табиӣ бо мақсади муайян намудани пардохти нархи қитъаи замин, арзиши замин ва ҳаҷми пардохтҳо, инчунин, танзими раванди муомилоти замин мавриди баҳодиҳӣ қарор дода мешавад. Дар қисми дуюми ҳамин модда муайян гардидааст, ки ҳангоми баҳои замин нархи меъёрӣ ва нархи бозории замин истифода бурда мешавад.

Ба андешаи А.Л. Ялбулганов ба ғайр аз таъмини амаликунии низоми андозбандӣ, боз тавассути баҳои замин муайян намудани арзиши муқоисавии онҳо ҳамчун воситаи истеҳсолӣ, инчунин сатҳи самаранокии истифодаи онҳоро пешбинӣ намудан мумкин аст [18].

Танзими ҳуқуқии қитъаи замин ҳамчун объекти махсуси муомилоти гражданӣ, ки имконияти ба сифати предмети хариду фурӯш, туҳфа, иҷора, мубодила, гарав ва дигар аҳдҳои ҳуқуқи гражданӣ баромад намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намуданро фароҳам меорад, дар кишвар на он қадар дуруст ба роҳ монда шудааст. Дар моддаи 46 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» пешбинӣ шудааст, ки арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он дар шартномаи гарави ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин тибқи ҳисобот оид ба баҳодиҳӣ (нархгузорӣ), ки аз ҷониби баҳодеҳ (нархгузор) бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти баҳодиҳӣ ва тартиби муайян намудани арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он муайян карда шудааст, муқаррар карда мешавад.

Аз ин меъёр бармеояд, ки баҳои гарави ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» амалӣ карда мешавад, аммо бо дарназардошти хусусиятҳои хоси қитъаи замин ва объекти моликияти истисноии давлатӣ қарор доштани қитъаи замин баҳои гарави қитъаи замин на бо қонунгузории умумӣ дар соҳаи фаъолияти баҳодиҳӣ, бояд тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, баҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад: муайян намудани андози замин; муайян намудани арзиши қитъаи замин ҳангоми хариду фурӯш, мубодила, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо; муайян кардани арзиши қитъаи замин ҳангоми муайян кардани сервитути хусусӣ ва оммавӣ; муайян намудани арзиши қитъаи замин ҳангоми ба эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ гирифтани он; дигар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст.

Принсип асоси роҳбарикунанда дар ҳар як соҳаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ ҳисобида мешавад. Дар қонунгузорӣ мустаҳкам намудани принсипҳо имконият медиҳад, ки

соҳаи муайяни қонунгузорӣ ба асосҳои умумиэътирофшудаи илмӣ ҳамоҳанг карда шавад. Хусусияти хоси дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани принсипҳо дар он ифода мегардад, ки ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳамин санади қонунгузорӣ, ҳангоми татбиқи он, инчунин ҳангоми истифодаи қиёси ҳуқуқ талаботи принсипҳо ба инобат гирифта мешаванд.

Дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил принсипҳои баҳои замин муқаррар карда шудааст. Чунончӣ, дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» муқаррар гардидааст, ки баҳои замин ба принсипҳои зерин асос меёбад: қонуният – риояи қонунҳои Ҷумҳурии Украина, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи баҳои замин; ягонагӣ методологӣ ва фазои иттилоотӣ дар соҳаи баҳодиҳии замин; мутасилии ҷараёни баҳои замин; дастрасӣ ба истифодаи маълумотҳои марбут ба баҳои замин; баробарии субъектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ дар назди қонун дар самти баҳои замин.

Бо дарназардошти аҳамияти хоси принсипҳо ва қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба мақсад мувофиқ аст, ки принсипҳои баҳои замин дар моддаи алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» пешбинӣ карда шаванд. Бо дарназардошти таҳлили қонунгузории баҳои замини баъзе давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва адабиёти илмӣ дар самти баҳои замин дар қонунгузорӣ асосҳои зерин бояд ба сифати принсипҳои баҳои замин муайян карда шаванд: принсипи қонуният; ягонагии усул ва қоидаҳои коркарди ахбори омор; ошкоро будани фаъолияти баҳодиҳии замин; вайрон накардани моликияти истисноии давлат будани замин; илмият; беғаразӣ; воқеият; боэътимодӣ; ҳатмӣ будани гузаронидани баҳои замин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ.

Баҳои замин аз тарафи субъектҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Дар баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ягонагии меъёрҳо оид ба субъектҳои баҳои замин ҷой надорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» баҳои кадастрии давлатии замин аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муносибатҳо вобаста ба замин ва мақомоти маҳаллии он гузаронида мешавад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муносибатҳо вобаста ба замин барои гузаронидани баҳои кадастрии давлатии замин метавонад ташкилотҳои соҳавиро дар асоси шартнома ҷалб намояд.

Дар моддаи 3 лоиҳаи Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи баҳои замин» пешбинӣ гардидааст, ки субъектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ – аз як тараф шаҳрвандон (соҳибкорони инфиродӣ) ва шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияташон бо Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ва Қонуни мазкур танзим мешавад, аз тарафи дигар бошад, истифодабарандагони хизмати онҳо (фармоишгарон) мебошанд. Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» муқаррар менамояд, ки субъектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ дар соҳаи баҳои замин инҳоянд:

– мақомоти иҷроия ва мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти амаликунандаи фаъолияти баҳодиҳии дар соҳаи замин, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба гузаронидани баҳои замин манфиат доранд;

– шахсони ҳуқуқӣ – сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, ки дар ҳайаташон мутахассис оид ба баҳодиҳии пулии қитъаҳои замин доранд ва ҳамзамон, иҷозатнома барои амалӣ намудани корҳои баҳодиҳӣ вобаста ба заминро тибқи муқарраротӣ пешбининамудаи қонунгузорӣ гирифтаанд;

– шахсони воқеӣ – субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, ки шаҳодатномаи тахассусии баҳодиҳиро барои баҳои таҳлили пулии қитъаҳои замин ва иҷозатнома барои иҷрои корҳои вобаста ба баҳодиҳии қитъаи заминро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифтаанд;

– шахсони ҳуқуқӣ – субъектҳои хоҷагидорӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун иҷозатнома барои

корҳои заминсозӣ гирифтаанд.

Дар баробари ин, дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» муқаррар шудааст, ки баҳодиҳандагон оид ба баҳои таҳлили пулии қитъаи замин шаҳрвандони Ҷумҳурии Украина, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде шуда метавонанд, ки аз имтиҳони тахассусӣ гузаштаанд ва шаҳодатномаи тахассусии баҳодиҳиро оид ба таҳлили пулии қитъаҳои замин мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ва Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳодиҳии амвол, ҳуқуқҳои амволӣ ва фаъолияти касбии баҳодиҳӣ дар Украина» гирифтаанд. Шахсе, ки барои ҷиноятҳои ғаразнок доғи судӣ дорад, баҳодиҳанда оид ба баҳои пулии қитъаҳои замин буда наметавонад, агар ин доғи судӣ бо тартиби пешбининамудаи қонун бекор карда нашуда бошад.

Таҳиякунандагони ҳуҷҷатҳои техникӣ барои бонитировкаи хок, баҳодиҳии иқтисодии замин ва баҳодиҳии меъёри пулии замин шахсони ҳуқуқие шуда метавонанд, ки барои гузаронидани корҳои заминсозӣ иҷозатнома гирифтаанд. Дар Қонуни боло зикршуда асосҳои маҳрум кардан аз шаҳодатномаи тахассусии баҳодиҳанда барои баҳои таҳлили пулии қитъаи замин муайян гардидааст, ки тибқи он қарор дар бораи маҳрум кардани баҳодиҳанда аз шаҳодатномаи тахассусӣ (бекор кардани он) барои баҳои таҳлили пулии қитъаи замин аз ҷониби комиссияи имтиҳонӣ бо пешниҳоди хаттии шахсони манфиатдор бо асосҳои зерин қабул карда мешавад:

– мунтазам дағалона вайронкунии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба баҳои замин аз ҷониби баҳодиҳандагон оид ба баҳои таҳлили пулии қитъаи замин;

– бо қарори суд дар бораи гузаронидани баҳодиҳии ғайрикасбии баҳои таҳлили пулии арзиши қитъаи замин аз ҷониби баҳодиҳандагон;

– дорои доғи судӣ будани баҳодиҳанда барои содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок, агар доғи судӣ бардошта нашуда бошад;

– муайян кардани далели ғайриқонунӣ додани шаҳодатномаи тахассусӣ;

– ошкор гардидани далели риоя нашудани маҳдудиятҳои дар моддаи 14 Қонуни мазкур пешбинигардида аз ҷониби баҳодиҳандагон.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии объекти баҳои замини баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. Дар қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил меъёрҳои гуногун оид ба объекти баҳои замин ҷой дорад. Дар асоси моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» объекти баҳодиҳӣ қитъаи замин ё маҷмӯи қитъаҳои замин, ғайр аз иншоотҳои дар онҳо ва дар зери замин буда, мебошанд.

Мувофиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» объекти баҳои замин инҳо мебошанд: воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ё қисмҳои онҳо, ҳудудҳои баҳодиҳии ноҳияҳо ва минтақаҳо, қитъаҳои замин ё қисмҳои онҳо ё маҷмӯи қитъаҳои замин ва ҳуқуқҳо ба онҳо, аз ҷумла ҳуқуқ ба саҳми замин (воҳидҳо) дар қаламрави Украина.

Дар фарқият аз қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» низоми объектҳоеро пешбинӣ намудааст, ки мавриди баҳодиҳӣ қарор дода намешаванд, ки тибқи моддаи 6 ҳамин Қонун қитъаҳои замини боғҳои миллӣ, дендрологӣ, ботаникӣ, мамнӯъгоҳҳо, фонди давлатии ҷангал, фонди давлатии об, ёдгориҳои таърихӣ, динӣ, заминҳои захираи озоди давлатӣ, инчунин қитъаҳои замине, ки ба муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои соҳаҳои маориф, кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал бо мақсади гузаронидани таҷриба ва иҷрои корҳои илмиву тадқиқотӣ ҷудо карда шудаанд, мавриди баҳодиҳӣ қарор дода намешаванд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили гузаронидаи муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории баҳои замини давлатҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки бисёр аз масъалаҳои муҳиме мавҷуданд, ки имрӯз бояд дар қонунгузории баҳои замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро ёбанд. Дар заминаи масъалаҳои баррасигардида, аз ҷумла, мафҳумҳои асосии

баҳои замин, мақсад, принсипҳо, субъектҳо ва объекти баҳои замин таклифу пешниҳодҳои зеринро ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем:

1. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар қонунгузории баҳои замин айни замон ҷой дорад, ин муайян кардани мафҳумҳои асосии дар қонунгузории мазкур истифодашаванда маҳсуб ёфта, дуруст муайян кардани ин категорияҳои ҳуқуқӣ бо мақсади дуруст татбиқ намудан ва фаҳмиши ягонаи ин истилоҳот мусоидат хоҳад намуд. Аз ин рӯ, бо дарназардошти таҳлили қонунгузории баҳои замини Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Украина ва Ҷумҳурии Озорбойҷон пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» мафҳумҳои ҷойдошта, ба монанди баҳои замин, баҳои кадастрии давлатӣ, арзиши кадастрии қитъаи замин, нархи меъёрии замин ва минтақаи кадастрӣ такмил дода шуда, ҳамзамон дар Қонуни мазкур мафҳумҳои нав, аз ҷумла, арзиши бозории қитъаи замин (ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин), субъекти фаъолияти баҳодиҳӣ, баҳои иқтисодии замин ва усули баҳодиҳӣ илова карда шавад.

2. Зимни таҳлили муқосиавӣ-ҳуқуқии қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ маълум гардид, ки асосҳои ҳуқуқии баҳои замин тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи гуногун танзим шудааст. Дар баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо баробари санадҳои қонунгузорӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии зиёд оид ба баҳои замин қабул гардидааст. Бо дарназардошти таҳлили қонунгузории баҳои замини Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Украина, Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии зерқонунӣ дар шакли «Қоидаҳо оид ба баҳои замини фонди ягонаи давлатии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

3. Яке масъалаҳои асосие, ки дар қонунгузории баҳои замин бояд муайян карда шавад ин масъалаи мақсад ва ҳадафҳои гузаронидани баҳои замин ба ҳисоб меравад. Таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон медиҳад, ки мақсади баҳои замин ба таври васеъ бояд муқаррар карда шавад. Ҳамчунин, бо сабабе, ки кишвари мо низ роҳи ташкили бозори ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро пеш гирифтааст, зарур аст, ки баҳои замин низ барои муайян кардани арзиши қитъаи замин ҳамчун объекти махсуси муомилоти граждании равона карда шавад. Аз ин лиҳоз, бояд мақсадҳои гузаронидани баҳои замин ба таври васеъ муайян гардида, дар моддаи алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» мавриди танзим қарор дода шавад.

4. Ташкил ва гузаронидани баҳои замин дар заминаи принсипҳои махсуси баҳодиҳии замин мувофиқи мақсад ва самаранок буда, ягонагии татбиқ намудани қонунгузориро дар ин самт нишон медиҳад. Таҳлили қонунгузории баҳои замини Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки то ҳол дар қонунгузорӣ принсипҳои дахлдори ин соҳа коркард ва танзим нашудаанд, ки чунин ҳолат ба татбиқи якхелаи қонунгузории баҳои замин ва муқаррар кардани меъёрҳои нав дар соҳаи мазкур мушкилиро ба миён меорад. Аз таҳлили муқосиавӣ-ҳуқуқии қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Украина бармеояд, ки соҳаи мазкур дорои принсипҳои хоси худ буда, бо дарназардошти қонунгузории давлати мо зарур аст, ки принсипҳои баҳои замин коркард ва дар моддаи алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» пешбинӣ карда шаванд.

Аз сабабе, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ пурра гузаронида нашудани баҳои иқтисодии замин то ба ин имрӯз ба якчанд мушкилот, ба монанди андозбандии замин ва тафриқаи он байни заминистифодабарандагон аз рӯйи сифати заминҳояшон, ҳисоб намудани талафоти истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳангоми аз истифодаи кишоварзӣ барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ ва дигар мақсадҳо гирифтани заминҳо, муайян намудани меъёри иҷорапулӣ ва ғайра ҷой доранд.

Таҳлили муқосиавӣ-ҳуқуқии дар боло зикргардида, дар оянда барои самараноку оқилона истифода бурдани замин, баланд

бардоштани ҳосилнокии заминҳо, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ғанӣ гардонидани буҷаи мамлакат аз андози замин, ҳавасмандии заминистифодабарандагон ба замин, пешгирӣ намудани заминҳо аз холимонӣ, устувор нигоҳ доштани нархҳои махсулоти кишоварзӣ, идоракунии иқтисодии захираҳои замин, беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат заминаи устувор мегузорад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Егоров А.В. К истории понятия сравнительного правоведения. – М., 2009. – С. 91.
2. Кодекси замин Ҷумҳурии Беларус аз 23 июли соли 2008 *№ 425-З* // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://nrm.uz/contentf?doc=430252_kodeks_ respubliki_belarus_o_zemle (санаи муроҷиат: 13.04.2020).
3. Кодекси замини Ҷумҳурии Украина аз 25 октябри соли 2001, № 2768-III // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://meget.kiev.ua/kodeks/zemelniy-kodeks/ (санаи муроҷиат: 12.04.2020).
4. Кодекси замини Федератсияи Россия аз 25 октябри соли 2001 № 136-ФЗ ФЗ // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_L AW_33773/ (санаи муроҷиат: 20.04.2020).
5. Кодекси замини Ҷумҳурии Озарбойҷон 25 июни соли 1999, № 695-IQ // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://online.zakon.kz/document/?doc_id=30420 125 (санаи муроҷиат: 15.04.2020).
6. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 23 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.04.2020).
7. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст // Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=130946 (санаи муроҷиат: 13.04.2018).
8. Кресникова Н. Регулирование земле-пользования в Дании и Норвегии // Междуна-родный сельскохозяйственный журнал. – 2006. – № 1. – С. 4.
9. Қоидаҳои гузаронидани кадастри давлатии баҳои замин аз 8 апрели соли 2000 № 316 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru/ 06229667549466391 (санаи муроҷиат: 04.04.2020).
10. Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи баҳои замин» аз 11 декабри соли 2003, № 1378-IV // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://meget.kiev.ua/zakon/zakon-ob-otsenke-zemel/ (санаи муроҷиат: 13.04.2020).
11. Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи баҳои кадастри давлатӣ» аз 3 июли соли 2016 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://base.garant.ru/71433956/ (санаи муроҷиат 04.04.2020).
12. Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 29 июли соли 1998, № 135-ФЗ // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://docs.cntd.ru/document/901713615 (санаи муроҷиат: 15.04.2020).
13. Сафарзода Б.А., Раҳмон Д.С., Миралиев И.Қ., Саидзода И.И., Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М. Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (васоити таълимӣ) / Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 144 с.
14. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2008. – С. 49.
15. Соҳибов М.М. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории экологӣ, замин ва кишоварзӣ // Маводҳои Форуми II-юми ҳуқуқшиносони ҷавон / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2018. – С. 49-51.
16. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Андалеб Р, 2015. – С. 224.
17. Федератсияи Россия лоиҳаи Қонуни

федералӣ «Дар бораи баҳои замин» // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.lawmix.ru/lawprojects/71282 (санаи муроҷиат: 04.04.2020).

18. Ялбулганов А.Л. Комментарий к законодательству о природоресурсных платежах // Справочная правовая система «Гарант»: Правовая компьютерная программа «Гарант 5.1.1».

19. Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014, № 288 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.05.2020).

**Аннотатсия**

**Мушкилиҳои танзими ҳуқуқии баҳои замин: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ**

Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории баҳои замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории баҳои замини баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баррасӣ гардидааст. Аз таҳлили гузаронидаи муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории баҳои замини давлатҳои мавриди таҳлил қарор гирифта бармеояд, ки бисёр аз масъалаҳои муҳиме мавҷуданд, ки имрӯз бояд дар қонунгузории баҳои замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро ёбанд. Дар заминаи масъалаҳои баррасигардида, аз ҷумла, мафҳумҳои асосии баҳои замин, мақсад, принсипҳо, субъектҳо ва объекти баҳои замин таклифу пешниҳодҳои судманд дар мақолаи мазкур ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

**Аннотация**

**Проблемы правового регулирования оценки земель: сравнительно-правовой анализ**

В данной статье дается сравнительный правовой анализ законодательства Республики Таджикистан об оценке земель с законодательством стран-участниц Содружества Независимых Государств об оценке земель. Сравнительно-правовой анализ законодательства об оценке земель в анализируемых странах показывает, что существует много важных вопросов, которые необходимо решить сегодня в законодательстве об оценке земель Республики Таджикистан. В контексте обсуждаемых вопросов, в том числе основных концепций оценки земель, назначения, принципов, субъектов и объектов оценки земель, в данной статье предлагаются полезные предложения к законодательству Республики Таджикистан.

**Annotation**

**Problems of legal regulation of land valuation: comparative legal analysis**

This article provides a comparative legal analysis of the legislation of the Republic of Tajikistan on land valuation with the legislation of the member countries of the Commonwealth of Independent States on land valuation. Comparative legal analysis of the legislation on land valuation in the analyzed countries shows that there are many important issues that need to be resolved today in the legislation on land valuation of the Republic of Tajikistan. In the context of the issues discussed, including the main concepts of land assessment, purpose, principles, subjects and objects of land assessment, this article offers useful suggestions to the legislation of the Republic of Tajikistan.



**Фарҳудинов Ҷамшед,**
*унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
*E-mail: farkhudinzoda-86@mail.ru*

# ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ СУҒУРТАВИИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

***Калидвожаҳо:*** *заминҳои таъиноти кишоварзӣ;қонунгузории замин; суғурта; пардохтҳои суғуртавӣ; таваккалҳои суғуртавӣ; офтаҳои табиӣ.*

***Ключевые слова:*** *земли сельскохозяйственного назначения;земельное законодательство; страхование; страховая выплата; страховые риски; стихийные бедствия.*

***Keywords:*** *agricultural land; land legislation; insurance; insurance payment; insurance risks; natural disasters.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолии кишвар дар назди худ якчанд ҳадафҳои стратегӣ гузошт, ки яке аз онҳо ин стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки маълум аст, ҷиҳати ноил гардидан ба ин ҳадафи стратегии кишвар ва дар ин замина кам кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз муносибат ва фарҳанги дурусти истифодаи ҳар як ваҷаб замин вобаста мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки муносибати дуруст бо замин, гирифтани ду се ҳосил аз як замин, таъмини аҳолии кишвар бо ҷойҳои корӣ пайваста зери таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикситон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Чуноне, ки дар маҷлиси васеъи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони вилоят ва раисони шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати зиёд намудани майдони кишти такрорӣ, истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигӣ барои рушди сабзавоткорӣ ва полезиҳо, бунёди боғу токзори нав, бунёди корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд [1].

Мутаасифона таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки заминдорон ва хоҷагидорон барои гирифтани ҳосили дилхоҳ тамоми чораҳои заруриро мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз ҷумла саривақт заминро киштгардон мекунанд, бо нуриҳои минералӣ таъмин менамоянд, обмониро тибқи муҳлат ва усулҳои аграномӣ амалӣ менамоянд, риояи чораҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, экологию биологӣ ва зиддиэрозияивиро амалӣ менамоянд, аммо бинобар сабаби ба миён омадани ҳодисаҳои нохӯш, яъне таъсири номусоиди обуҳаво, офатҳои табиӣ, паҳншавии зараррасонҳо ва касалиҳои растаниву ҳайвонот дар бисёр мавридҳо заминдорону хоҷагидорон ба зарарҳои калони иқтисодӣ дучор мегарданд, ки чунин ҳолат онҳоро рӯҳафтода намуда идома додани фаъолияти хоҷагидории онҳоро дар мавсимҳои ояндаи киштукор зери суол мегузорад.

Тибқи маълумоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2018 дар Тоҷикистон тахминан 3460 офати табиӣ рух додааст, яъне ба ҳисоби миёна дар ҳар ду рӯз як офати табиӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ин намуди офати табиии нисбатан паҳншуда (ба ҳисоби миёна 70 ҳолат дар як сол) ин омадани сел ва фаромадани тарма мебошад, ки дар худ хисороти калони иқтисодиву иҷтимоӣ ва талафотҳои ҷониву молиро ба бор овардааст [2]. Тазаккур бояд дод, ки ин хисорот дар бештар мавридҳо ба сектори кишоварзии мамлакат таъсири манфии худро расонидааст.

Аз ин лиҳоз вобаста ба гуфтаҳои боло зарурият ба миён омадааст, ки институти суғуртаи ҳатмии давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ роҳандозӣ карда шавад. Институти мазкур имконият медиҳад, ки қисме аз хавфҳои бамиёномадаро бартараф намояд ва дар оянда баҳри пешгирии ҳодисаҳои нохӯши таббиӣ тадбирҳо андешанд.

Чуноне, ки маълум аст муносибатхои хуқуқии суғуртави яке аз қадимтарин муносибатхои маданиву иқтисодӣ дар таърихи инсоният шинохта шуда, инкишоф ва шаклгирии робитахои иҷтимоиву иқтисоиро

дар худ касб намуда ҳамчун институти муҳим ва мустакил шинохта шудааст. Тазаккур бояд дод, ки институти мазкур якчанд марҳилаҳои таърихиро аз сар гузаронидааст, ки мавсуф ин давраҳоро шартан ба 3 қисмат ҷудо менамояд:

1. Рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар аҳди қадим;
2. Рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар давраи Шӯравӣ
3. Рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар давраи истиқлолият.

Аз пайдоиши муносибатхои суғуртавӣ бармеояд, ки ҳанӯз дар аҳди бостон ривоҷу равнақи муносибатҳои кишоварзӣ, парвариши чорвоён ва муносибату унсурҳои додугирифти моливу пулӣ ба миён омада ба соддатарин шакли суғурта, яъне суғуртаи табиӣ ва инкишофи баъдии он замина гузошт. Тибқи далелҳои таърихӣ, се ҳазор сол пеш аз милод, тоҷирону соҳибкорони ин давра бинобар сабабе, ки доимо ҳангоми сафар ба нуқтаҳои фурӯши дигар давлатхо ва хариду фурӯши молу ашёҳои гуногун машғул буданд, ҳангоми сафар ба ҳамагуна ҳодисаҳои нохӯш, аз ҷумлаи дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, гум шудани молу ашёҳо, омадани офатҳои табиӣ, вайрон гаштани киштиҳо, ҳалокати уштурҳо ва дигар ҳодисаҳо дучор мешуданд, ки дар натиҷаи чунин ҳодисаҳо хисороти зиёди моливу пулӣ медиданд.

Аз ин лихоз тоҷирону соҳибкорон (аъоёни корвон) ба хулосае омаданд, ки бо мақсади таъмини амнияти бехатарии молу махсулот ва ҳифзи саломатиашон байни худ тариқи шифоҳӣ аҳд мебанданд, ки мазмуну мундариҷаи аҳди онҳо чунин буд: «Дар сурати дар сафар ба миён омадани ҳамагуна ҳодисаҳои нохӯш аз ҷумла дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, гум шудани молу ашёҳо, омадани офатҳои табиӣ, вайрон гаштани киштиҳо, ҳалокати уштурҳо, чорвоҳо ва дигар ҳодисаҳо ҳаҷми хисорот баробар тақсим ва пардохт карда шавад» [3].

Ҳамин тавр, бо ин мақсад аз арзиши умумии молу мулки ба сафар мебароварда маблағеро пасандоз менамуданд ва хазинаи махсус таъсис медоданд [4]. Ҳангоми ба миён омадани бадбахтӣ аз ин маблағҳо ба тоҷири зарардида ҳамчун кумакпулӣ ҷудо карда мешуд. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки ин ҳолат ба аввалин марҳилаҳои иникшофи муносибатҳои суғуртавӣ замина гузошт, гарчанде, ки дар дигар шакл ба расмият дароварда мешуд, аммо мазмуну моҳияти ягона дошт.

Таҳлили далелҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра моҳияти аслии суғурта на дар дарёфти даромад ва гирфтани фоида арзёбӣ мегардид, балки аз расонидани ёрии мутақобилаи байни одамон иборат буд. Тибқи маълумотҳои таърихӣ нишонаҳои асосии суғурта ва пайдошавии муносибатхои ҳуқуқии суғуртавӣ дар он давра аслан байни қишрҳои миёнаи аҳолӣ, яъне косибон, тоҷирону бозаргонҳо ва ҳунармандон пайдо шуда рушд ва инкишоф ёфта буд. Ҳамин тавр марҳила ба марҳила вобаста ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои суғуртавӣ такмилу равнақ ёфт.

Рушди низоми умумии суғурта дар давраи шӯравӣ низ якчанд марҳилаҳои таърихиро паси сар кардааст. Ҳукуматдорони даврони шӯравӣ институти мазкурро зери назорати ҷиддии худ қарор дода намудҳои гуногуни суғуртаро ташкил ва роҳандозӣ менамуданд. Бахусус суғуртаҳое, ки объекташон дорои характери иҷтимоиву таббииро касб намуда буданд. Тазаккур бояд дод, ки дар даврони шӯравӣ аз ҷониби Комиссириати Халқии Меҳнат «Низомнома дар бораи Шӯрои суғурта» қабул ва мавриди амал қарор гирифт [5], ки аз рӯзҳои аввал стратегияи ба роҳ мондани хизматрасониҳои ройгони давлатиро дар нақша дошт ва ин ҳолат боис ба он мегардид, ки ширкатҳои суғуртавӣ фаъолияти минбаъдаи худро дар қаламрави иттиҳоди давлатҳо қатъ намоянд ва ин стратегия ба ҳадафи ниҳоии худ расид.

Бо қабул шудани Декрет (Қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дорои қувваи хуқуқӣ буд) фаъолияти пурраи ширкатҳои суғрутавӣ манъ карда шуд [6]. Ҳамзамон дар асоси Декрет ташкилотҳои суғуртавӣ вазифадор карда шуданд, ки ҳамаи шартномахои баимзорасонидаи худро бе назардошти пардохти маблағҳои суғуртавӣ бекор кунанд. Бо ҳамин тарз фаъолияти институти суғуртавӣ қариб пурра маҳдуд

карда шуд ва ҷои онро расонидани ёрии ройгон ба аҳолӣ ҳангоми омадани офатҳои табиӣ, сӯхтор, омадани сел, хушксолӣ, эпидемияҳо ва дигар вазъиятҳои фавқуллода иваз намуд.

Аммо ин ҳолат, яъне амали Декрет дар таҷриба қариб, ки бинобар сабаби нарасидани маблағҳои буҷетӣ рӯи қоғаз монда дар амал иҷро нашуд. Пас аз гузаштани якчанд марҳилаи таърихӣ дуюмбора соли 1925 баҳри рушду инкишофи муносибатҳои суғуртавӣ боз иштироки кооперативҳои суғуртавиро (ташкилотҳои суғуртавиро) дар низоми суғуртакунии кишвар ҷой доданд ва худи ҳамон сол дар заминаи қонунгузории ИҶШС қоидаҳо ва тарифҳои суғуртавӣ ташкил, коркард ва роҳандозӣ карда мешавад [7]. Аммо минбаъд фаъолияти кории кооперативҳои суғуртавӣ аз ҷониби мақомоти давлатии соҳаи суғурта (Госстрах СССР) пайваста зери назорат қарор дода мешавад ва фаъолияти онҳо дар асоси Иҷозатномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оғоз ёфта, идома меёбад.

Ҳамин тавр солҳои 1930 зарурияти суғуртакунии моликияти давлатӣ ба миён меояд ва дар ин замина зарурияти қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҷавобгӯи талаботҳои ин замон мебошад ба миён омад. Аз ҷумла қабул намудани Қарор «Дар бораи суғуртаи давлатии молу мулки корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо» [8]. Дар асоси Қарори мазкур аз ҷониби мақомоти давлатии суғуртакунӣ (Госстрах СССР), суғуртакунии молу мулки корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, фондҳои манзил, иттифоқҳои касаба ва ғайраҳо суғурта карда шуданд. Пас аз ба низоми муайян даромадани муносибатҳои суғуртавӣ дар дохили иттиҳоди давлатҳо солҳои 1936 зарурияти рушди муносибатҳои суғуртавии хориҷӣ ба миён меояд, ки зарурият ба ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба санадҳои қонунгузории иттиҳоди давлатҳо тақозо менамояд. Ҳамин тариқ моҳи декабри соли 1936 ба Конститутсияи ИҶШС меъёре ворид карда шуд, ки суғуртакунии давлатиро дар соҳаи масъулияти мақомотҳои олии ҳокимияти ИҶШС танзим менамуд. Аммо бинобар сабаби оғоз ёфтани ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бештари муносибатҳои ҷамъиятӣ, бахусус ба муносибатҳои суғуртавӣ таъсири манфӣ расонида шуд, ки дар натиҷа ин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар амал иҷро нашуд.

Соли 1942 бо Фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС тағйиру иловахо ба Қонун «Дар бораи суғуртаи ҳатмии акладҳо» ва Қарори Совнарком РСФСР «Дар бораи суғуртаи ҳатмии акладҳо» ворид карда шуд [9]. Ҳамзамон худи ҳамин сол Қарор «Дар бораи суғуртаи ихтиёрии молу амволи хоҷагиҳои кишоварзӣ, техникаҳои кишоварзӣ, чорвои корӣ ва маҳсулдиханда» қабул ва мавриди амал қарор гирифт [10]. Пас аз ба охир расидани ҷанги дуюми ҷаҳон, соли 1950 дар асоси Қарори съезди XX КПСС чорабиниҳои умумӣ оид ба такмили сохторӣ ва нақшу моҳияти аслии давлатҳои аъзо дар танзиму рушди муносибатҳои хоҷагидории ИҶШС қабул ва мавриди амал қарор гирифт.

Дар заминаи съезди мазкур қабули якчанд санадҳои меъёрии хуқуқӣ ба миён омад. Аз ҷумла Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 17 апрели соли 1958 «Дар бораи ба маҳалҳо (давлатҳои аъзо) додани мақомотҳои суғуртакунӣ (Госстрах СССР)». [11] Дар асоси Қарори мазкур Сарраёсати суғуртаи давлатии ИҶШС барҳам дода шуд ва дар ҷои он дар ҳайати Дастгоҳи марказии Вазорати молияи ИҶШС шуъбаи суғуртаи давлатӣ ташкил карда шуд. Дар давлатҳои аъзо бошад раёсатҳои он ташкил карда шуд, ки сиёсати ягонаи давлатии суғуртавиро дар маҳалҳо ба анҷом мерасониданд.

Солҳои 60-70-уми асри гузашта намудҳои суғуртаи шахсӣривоҷу равнақ ёфтанд.

Солҳои 1971 то солҳои 1976 тарғибу ташфиқи фаъолияти суғуртавӣ тавассути воситаҳои ахбори омма бо роҳҳои гузаронидани суҳбатҳо, лексияҳо, докладҳо ва дигар роликҳои ташфиқотӣ оғоз гардид.

Аз соли 1976 то солҳои 1980 бо мақсади рушди муносибатҳои суғуртавӣ якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Аз ҷумла соли 1977 Қарор «Дар бораи чораҳои рушди минбаъдаи суғуртаи давлатӣ», соли 1978 Қарор «Дар бораи амалигардонии қоидаҳои барқарор

намудани зарарҳои савхозҳо ва дигар хоҷагиҳои кишоварзии давлатӣ аз ҳодисаҳои нохӯш ва шароитҳои номусоид» [12].

Тазаккур бояд дод, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида суғуртаи давлатиро ба ду қисмат ҷудо намуда буд:

- суғуртакунии давлатии савхозҳо;
- суғуртакунии давлатии дигар хоҷагиҳои кишоварзӣ.

Дар солҳои 1981 дар замони шӯравӣ 23 намуди махсулотҳои суғуртавӣ вуҷуд дошт, ки аз ин шумора 14 намудаш суғуртаи молу мулк ва 9 намуди дигар суғуртаи шахсӣ ҳисоб меёфт. Аз ҷумла чунин намудҳои суғурта арзи ҳастӣ дошатанд:

- суғуртаи давлатии савхозҳо;
- суғуртаи давлатии калхозҳо ва дигар хоҷагиҳои кишоварзӣ;
- суғуртаи давлатии кооперативҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- суғуртаи давлатии шаҳрвандӣ;
- суғуртаи амволи давлатӣ, ки ба иҷора дода шудааст ё дар намуди дигар мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ба намудхои суғуртахои шахсӣ шомил буданд:

- суғуртакунии ҳаёт;
- суғуртакунии кӯдакон;
- суғуртакунии ақди никоҳ;
- суғуртакунии вафот ва гум кардани қобилияти меҳнатӣ;
- суғуртакунии нафақа ва ғайраҳо.

Солҳои 1983 Фармон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии молу мулки шаҳрвандон» қабул карда шуд. [13] Дар асоси фармони мазкур шаҳрвандон вазифадор буданд, ки хонаҳои истиқоматӣ, бӯстонсаройҳо, хоҷагиҳои кишоварзӣ, уштурҳо, аспҳо ва дигар молу мулки худро аз ҳодисаҳои табиӣ, яъне омадани сел, сӯхтор, садамаҳо, хушксолӣ ва дигар ҳодисаҳои фавқулода суғурта намоянд.

Давраи дуюм, яъне давраи рушди низоми суғуртакуниро дарбар мегирад. Дар ин давра рушди муносибатҳои суғуртавӣ ба куллӣ ба назар расида, хоҷагидорон аз мазмуни моҳияти низоми суғурта пурра огоҳ шуданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта суғуртакунандаҳо на танҳо молу амволи калхозу савхозҳо ва дигар хоҷагиҳои кишоварзиро суғурта мекарданд, ҳатто ба суғуртакунии молу маҳсулотҳои кишоварзӣ низ шурӯъ намуданд.

Баъд аз пош хӯрдани давлати шӯравӣ дар Тоҷикистон зарурият ба миён омад, ки ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ қонунҳои танзимкунандаи соҳа қабул ва мавриди амал қарор дода шаванд. Бахусус, дар самтиислоҳоти замин, истифодаи минбаъдаи он, такмил ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва умуман ба рушду инкишофи сектори аграрӣ. Дар марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар диққати махсус бештар санадҳои меърии ҳуқуқии соҳаи кишоварзӣ, бахусус ба истифодабарии дурусти замин дода мешуд.

Ҳамин тариқ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» соли 1992 марҳилаи тақсим намудани заминҳои минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ оғоз гардид [14]. Инчунин бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 таҳти №342 ва аз 1 декабри соли 1997 таҳти №874, 75 ҳазор гектар замин барои истифодаи аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин амал барои таъмин намудани аҳолӣ ба озуқа мусоидат намуд. Ҳамзамон дар ин давра як қатор ислоҳотҳо дар соҳаи кишоварзӣ гузаронида шуд. Ислоҳотҳои гузаронидашуда дар соҳаи кишоварзӣ, ба хоҷагиҳои дехқонӣ (фермерӣ) озодии интихоби истеҳсол ва фурӯши зироатҳои кишоварзиро дода, дахолати мақомотҳои давлатиро дар интихоби кишти зироатҳои кишоварзӣ маҳдуд намуд.

Аз ин ҷо, дар кишвар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд. Аз ҷумла, Қарори Шӯрои сарони иттиҳоди давлатҳои мустақил «Оид ба суғуртаи ихтиёрии илова ба нафақа барои кормандон, хизматчиён ва калхозчиён» (8.12.1992) [15], Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртакунии давлатии ҳатмии шахсии ходимони Мақомоти давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» (14.04. 1993), Қонуни Ҷумурии Тоҷикистон «Суғурта»(20.07.1994 №982), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба дар назди Вазорати молия ташкил намудани корхонаи давлатӣ оид ба суғуртакунии сармояи ватанӣ ва хориҷӣ»

(30.07.1998 №203), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани корхонаи оид ба суғуртаи сармоягузории «Тоҷикинвест» (30.07.1998 №277), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба баъзе чораҳои амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷудо кардани соҳаи фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (15.03.1999 №83), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани барномаи миёнамуҳлати тараққиёти системаи миллии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000 – 2002 (30.02.2000 №50), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи суғурта дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Евраазия» (30.04.2004 №179), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (12.03.2008 №918), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» (05.08.2009 №540), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеъӣ» (02.08.2011 №758), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» (5.08.2011 №429) ва ғайраҳо.

Вобаста ба таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи суғурта ва таҷрибаи дохилии бозори суғурта ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки низоми суғуртакунии кишвар таҳти ду мақомоти давлатӣ, яъне корхонаи воҳиди сармоягузории «Тоҷикинвест» ва корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта», ки низоми ягонаи суғуртакуниро дар марҳилаҳои муайян дар бозори суғурта амалӣ менамуданд, рушд ва инкишоф ёфтааст. Айни замон дар кишвар 2 корхонаи воҳиди давлатӣ ва 16 ширкатҳои суғуртавӣ арзи ҳастӣ доранд, ки ба фаъолияти суғуртавӣ машғуланд. Вале мутаассифона қисми ками онҳо хоҳиши суғуртакунии замин ва хоҷагиҳои кишоварзиро доранд. Зеро чуноне, ки дар боло қайд карда шуд, хавфҳои сар задани ҳодисаҳои нохӯш (таваккал) дар ин самт зиёд арзёбӣ мегардад, ки ин ҳолат аз лиҳози иқтисодӣ ба суғуртакунандагон муфид арзёбӣ намегардад. Вале новобаста аз ин ҳолатҳои вуҷуддошта зарурият ба миён омадааст, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзӣ, бахсус заминҳои таъиноти кишоварзӣ роҳандозӣ карда шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар низоми қонунгузории кишвар то ҳол санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзиро амалӣ намояд, арзи вуҷуд надорад. Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа суғуртакунии намудҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзиро дар матни худ ҳамчун меъёри ҳаволакунанда муқаррар кардаанд.

Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки қонуни махсус, ки танзимкунандаи муносибатҳои суғуртавиро дар самти истифодаи замин, бахусус заминҳои таъиноти кишоварзӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва муносибатҳои ба ин самт вобастабударо дарбар мегирад қабул ва мавриди амал қарор дода шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Маҷлиси васеъи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе 21 январи соли 2020 / [Манбаи электронӣ].- Тартиби дастрас: http:// President.tj

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030» аз 29.12.2018 №602

3. Сатторӣ А.М. Аз таърихи суғуртаи тоҷик / Тоҷиксуғурта: таърих ва дастовардҳо ш. Душанбе «Кайҳон» 2016 с. 9-15

4. Муртазоқулов Ҷ.С. Муқаррароти умумӣ оид ба суғурта. Мақом ва аҳамияти суғурта / Ҳуқуқи граждани, қисми II ш. Душанбе «Эр-граф» соли 2007 с.228

5. Устав НКТ РСФСР от 29 ноября 1917 года «Положение о Страховом Совете»

6. Тагиев Г.М. Развитие государственного страхования в СССР (1917-1977 гг). М., Изд-во «Финансы», 1978.

7. Тагиев Г.М. Развитие государственного страхования в СССР (1917-1977 гг). М., Изд-во «Финансы», 1978.

8. Постановление СНК СССР от 3 февраля 1938 года №111 «О государственном страховании имущества предприятий, учреждений и организаций

9. Указ Президиума Верховного Совета СССР от 08 июля 1942 года «Об изменении и дополнении Закона об обязательном окладном страховании»: Постанавления СНК СССР от 22 июля 1942 №491 «О внесении изменений в постановление СНК РСФСР от 27 апреля 1940 года «Об обязательном окладном страховании»

10. Постановление СНК СССР от 04 июля 1942 года «О добровольном страховании сельскохозяйственных культур, животных и средств транспорта»

11. Постановление Совмина СССР от 17 апреля 1958 года №417 «О передаче местных органов Госстраха СССР в ведение министерств финансов союзных республик»

12. Указ Президиума ВС СССР от 2 октября 1981 года №5764 «О государственном обязательном страховании имущества, принадлежащего гражданам»

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012 №383 «Дар бораи Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2012-2020 с.4.

14. Қарори Шӯрои сарони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Оид ба суғуртаи ихтиёрии илова ба нафақа барои кормандон, хизматчиён ва калхозчиён» аз 8 декабри соли 1992 [Манбаи электронӣ].- Тартиби дастрас: http:// www. Adlia.tj

**Аннотатсия**

**Оид ба баъзе масъалаҳои рушди муносибатҳои суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ**

Дар мақолаи мазкур марҳилаҳои рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлил ба хулосае омадааст, ки ҷиҳати расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ суғуртакунии ҳатмии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо дастгирии молиявии давлатӣ амалӣ карда шавад.

**Аннотация**

**О некоторых вопросах развития страховых отношений земель сельскохозяйственного назначения**

В данной статье рассматриваются и анализируются этапы развития правоотношений по страхованию земель сельскохозяйственного назначения. В результате проведенного анализа автор пришел к выводу, что для достижения одной из стратегических целей страны, а именно обеспечения продовольственной безопасности, необходимо осуществлять обязательное страхование сельскохозяйственных земель при государственной финансовой поддержке.

**Annotation**

**On some issues of the development of insurance relations of agricultural land**

This article discusses and analyzes the stages of development of legal relations for agricultural land insurance. As a result of the analysis, the author came to the conclusion that in order to achieve one of the strategic goals of the country, namely ensuring food security, it is necessary to carry out compulsory insurance of agricultural land with state financial support.

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
## 12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО



**Маҳмашарифзода А.М.,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУОМИЛОТИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ ВА ПРЕКУРСОРҲО

**_Калидвожаҳо:_** *воситаҳои нашъадор; моддаҳои психотропӣ; муомилоти ғайриқонунӣ; ҳолати ҷинояткорӣ*

**_Ключевые слова:_** *наркотические средства; психотропные вещества; незаконный оборот; состояние преступности.*

**_Key words:_** *narcotic drugs; psychotropic substances; illegal traffic; state of crime.*

Истифода намудани воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо аз тарафи аъзои ҷамъият ва гардиши ғайриқонунии маводи номбаршуда яке аз мушкилоти ҷадиди иҷтимоии ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Ҳудуд ва тамоюли рушди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо дар замони имрӯза барои саломатии инсон хатари ҷиддӣ дорад.

Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои зикргардида ба рушди ҷинояткорӣ мусоидат намуда, барои рушди ҷомеа монеа эҷод менамояд.

Тибқи маълумоти экспертҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тамоюли рушди ҳудуди воситаҳои нашъадор дида мешавад. Масалан, дар соли 2017 ҳудуди воситаҳои нашъадор 328 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки 63 %, ё 127 ҳазор гектар нисбат ба соли гузашта бештар мебошад. Аз оғози назорати низомномавии ҳолат дар Афғонистон аз ҷониби СММ ин нишондод нисбати соли 2014 (224 ҳаз. га.) 104 ҳаз. ё 46% бештар мебошад [4], ки ин нишондодҳои нигаронкунанда мебошад. Манбаи рушди тухмии растанӣ барои истеҳсолоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, алалхусус парвариши он низ нигаронкунанда аст [5].

Балои нашъамандӣ, ки имрӯз ба решаи ҳастии инсоният теша мезанаду онро «вабои аср» низ меноманд, ҷомеаи ҷаҳониро водор сохтааст то ҳамаи роҳҳо ва воситаҳоро бахри рафъи он истифода намояд.

Тоҷикистон низ аз ин раванди номатлуб канор намондааст. Чунки ҳамсоягӣ бо Афғонистони ҷангзада, кишвари моро дар хати пеши мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ қарор додаст. Бо назардошти вазъи ташвишовари густариши маводи мухаддир, ҳамчунин оқибатҳои истеъмоли ғайриқонунӣ ва муомилоти он ҳанӯз соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Фармон «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири таҳкими мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар»- ро қабул намуд, ки ташкили муборизаи мақсаднок бо ин бадбахтиро асос гузошт. Дар ҳамин давра Тоҷикистон ба се Конвенсияи зиддимухаддиротии СММ ҳамроҳ шуда, тибқи Протоколе, ки

якҷоя бо Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ имзо гардид [1].

Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид дар замони имрӯза шумораи умумии истеъмолкунандагони маводи мухаддир 185 миллион нафар ё 3% аҳолии тамоми ҷаҳонро ташкил медиҳад. Бинобар ҳамин зарур мебошад, ки бахри кам кардани нишондоди болозикр чораҳои дахлдори аҳамияти умумидавлатидоштаи сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва тарбиявӣ андешида шавад [3].

Дар механизми муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо накши назаррасро чораҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва профилактикӣ мебозад. Бинобар ин, барои боз ҳам тақвият додани танзими самти мазкур таҷрибаи баъзе аз давлатҳои ҷаҳонро ба назар гирифта, 12 июли соли 1999, №1248 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд [2].

Тибқи Низомнома вазифаҳои асосии Агентӣ инҳоянд:

- муайян кардани пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо; муайян ва манъ кардани фаъолияти гурӯҳҳои маводи мухаддир, ки бо равобити минтақавӣ ва байналмилалӣ алоқаманданд, инчунин шахсони ба ин гурӯҳ ҷиноятҳо;

- таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятии ҷиноятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти Агентӣ мансуб дониста шудаанд;

- иҷрои амалиёти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- татбиқи марҳилаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- боздошти шахсоне, ки ба гумони содир намудани ҷиноят дастгир карда шудаанд ва дар тавқифгоҳҳои муваққатии Агентӣ ҳабс карда шудаанд;

- амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои аз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бадастомада;

- иҷрои чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти дохилӣ ва ғайраҳо.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба танзими ҳуқуқии воситаҳои нашъаовар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» қабул карда шуд [8]. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни мазкур мақсади асосии он бо назардошти ҳифзи саломатии аҳолӣ, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии онҳо, пешгирии нашъамандию токсикоманӣ ва расонидани ёрии наркологӣ ба шахсони гирифтори нашъамандӣ ва токсикоманӣ мебошад [3].

Мутобиқи қисми 3 моддаи Қонуни мазкур фаъолият дар самти муомилоти воситаҳои нашъадор вобаста ба нигоҳ доштан, интиқол, муросилот, додан, фурӯш, соҳиб шудан ва истифодаи он дар доираи квотаи давлатӣ дар асоси иҷозатнома сурат мегирад. Ба ғайр аз ҳолатҳои зикргардида тамоми намуди муомилот ва киштукори воситаҳои нашъаовар манъ мебошад ва онҳо ҳамчун ғайриқонунӣ эътироф мешаванд. Дар моддаи 4 Қонуни мазкур бошад, монополияи давлатӣ доир ба намудҳои асосии фаъолият дар самти муомилоти воситаҳои нашъадор танзим шудааст.

Новобаста аз танзими муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ҳолатҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои мазкур мушоҳида мегардад[7].

Барои риоя накардан ва вайрон намудани танзими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои нашъадор тибқи моддаи 20 Қонуни мазкур ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои киштукор, парвариш (мод 127 КҲМ ҶТ), ғайриқонунӣ истеҳсол ва тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол

ё фиристодани воситаи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ё прекурсорҳо (мод. 128 КҲМ ҶТ) ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст. Инчунин, дар моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудааст [6]. Ҷавобгариҳои пешбинигардида барои паст намудани муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва риояи танзими ҳуқуқии самти мазкур мусоидат хоҳад кард.

Бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ 17 майи соли 2004 ба Кодекси ҷиноятӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки он ба боби 22-ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ низ тааллуқ дошт. Мутобиқи ин тағйиру иловаҳо аз моддаҳои 200, 201 ва 202 Кодекси ҷиноятӣ прекурсорҳо аз воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психиотропӣ ҷудо карда шуда, ба Кодекс моддаҳои $202^{1}$-« Ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодани прекурсорҳо», моддаи $202^{2}$-«Тасарруфи прекурсорҳо» ва моддаи моддаи $206^{1}$ – «Вайрон намудани қоидаҳои муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» ворид карда шуд. Дар баробари ин, бо ин тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ замимаи 1 ворид карда шуд, ки он «Номгӯй ва миқдори воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои дар муомилоти ғайриқонунӣ буда»-ро дарбар мегирад[1].

Яке аз роҳҳои мубориза самаранок бо гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психиотропӣ ин барҳам задани асосҳои иқтисодии он мебошад. Чунки бо роҳи ба даст овардани даромадҳои калон аз гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ гурӯҳҳои муташаккили трансмиллӣ ба қонунӣ гардонидани он машғул гашта, минбаъд онро барои рушди фаъолияти ҷиноятконаи худ истифода мебаранд. Бо дарназардошти ин, дар Кодекси ҷиноятӣ моддаи 262 мавҷуд аст, ки он дар баробари дигар ҷиноят, ба мубориза алайҳи қонунигардонии даромадҳои дар натиҷаи гардиши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психиотропӣ нигаронида шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки аввалин бор тавсияҳои байналмиллалӣ ҷиҳати ҷиноят шуморидани қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастовардашуда, маҳз дар санадҳои байналмиллалӣ дар самти мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психиотропӣ пешниҳод гардид. Ин зуҳурот яке аз ҷиноятҳои байналмилалии хусусияти трансмиллидошта эътироф гардида, зарурати криминализатсия намудани он аз як қатор санадҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи СММ оид ба мубориза алайҳи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои нашъадор ва воситаҳои психиотропӣ аз 19 декабри соли 1988, Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 ба миён омад[8].

Ҳамин тавр, дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии мубориза бар зидди қонунигардонии даромадҳои аз гардиши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психиотропӣ мавҷуд аст. Аммо, дар қисми 3 эзоҳ ба моддаи 262 КҶ меъёри мурофиавӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулке, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, бо тартиби пешбининамудаи моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд. Ин ҳолат ба вайрон кардани низоми қонунгузории ҷиноятӣ, ки он қонунгузории моддӣ мебошад, оварда мерасонад. Моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ механизми далели шайъӣ эътироф намудани маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулкро муқарар намуда, ба фоидаи давлат ё дигар соҳибмулкон гузаронидани онҳоро низ пешбинӣ кардааст. Ҳамин тавр, иловатан пешбинӣ намудани он дар қонунгузории ҷиноятӣ зарурат надорад[9].

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И. Баъзе аз масъалаҳои муқовимат бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психиотропӣ дар Тоҷикистон // Материалы международная научно-

практическая конфренция на тему «Международное сотрудничество в сфере противодействия организованной транснациональной наркопреступности». – Душанбе, 10 апреля 2013. – С. 119-123.

2. Зоиров Ҷ. М., Рахимов Р. Ҳ. Противодействие незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ в Республике Таджикистан. – Душанбе: Изд.-во «Ирфон», 2005.

3. URL:https://akn.tj/%d0%b8%d1%81%d1%82%d0%be%d1%80%d0%b8%d1%8f-%d0%b0%d0%ba%d0%bd/ [Манбаи электронӣ] (санаи муроҷиат 25.02.2020)

4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №12, мод.312; соли 2002, № 4, г.1, мод.266; соли 2006, №4, мод. 192; соли 2007, №7, мод. 661; ҚҶТ аз 22.07.2013с. №988

5. База справок онлайн УООН по наркотикам и преступности в соответствии с мониторингом наркотического средства. URL: https:// www.unodc.org/documents/crop–monitoring/ Afghanistan/Afghan_opium_survey_2017_cult_ prod_web.pdf (дата обращения: 03.04.2019

6. Обзор наркоситуации в Республике Таджи- кистан за 2018 год // UNODC. URL: dca@ tojikiston.com www.akn.tj. (дата обращения: 03.04.2019).

7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306; с.1999, №12, мод.316; с.2001, №4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, №8, мод.456, мод.468; с.2004, №5, мод.346, №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126, №7, мод.399, №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1, s.1, мод.3, №6, мод.444, мод.447, №10, мод.803, №12, s.1, мод.986, №12, s.2, мод.992; с.2009, №3, мод.80, №7-8, мод.501; с.2010, №3, мод.155, №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161, №7-8, мод.605; с.2012, №4, мод.258, №7, мод.694; с.2013, №6, мод.403, мод.404, №11, мод.785, №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141, №7, s.1, мод.385, мод.386; с.2015, №3, мод.198, мод.199, №11, мод.949, №12, s.1, мод.1107; с.2016, №3, мод.127, №5, мод.355, мод.356, №7, мод.608, мод.609, №11, мод.874, мод.875; с.2017, №1-2, мод.2, мод.3, №7-9, мод.586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2

8. Narkomanija v Tadzhikistane: kto prestup-nik? // BBC NEWS. Russkaja sluzhba. URL:https://www.bbc.com/russian/international/ 2012/ 12/121206_tajikistan_drug_addicts (data obrashchenija: 03.04.2019).

9. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 312; с. 2002, №4, s. 1, мод. 266; с. 2006, №4, мод. 192; с. 2007, №7, мод. 661; с. 2013, №7, мод. 516

10. Сафаров А.И. Современная уголовная политика в области противодействия легализации преступных доходов в Республики Таджикистан сквозь призму национальной культуры // Юридическая техника. – 2016. – №10. – С. 521-524.

11. Сафаров А.И. О противодействии легализация преступных доходов в международном праве и законодательстве Республики Таджикистан // Журнал гражданского и уголовного права. – 2016. – №2 (6). – С. 98-106.

**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо**

Дар мақола ҳолати ҷинояткорӣ аз маводи нашъаовар ва паҳннамоии нашъамандии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таҳқиқшуда ва танзими соҳаи мазкур таҳлил карда шудааст. Мақсади тадқиқоти мазкури гузаронидашуда омӯзиши саривақтии вазъияти танзимшуда ва ҷинояткорӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва психотропӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Аннотация**

**Правовое регулирование оборота наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров**

В статье анализируется состояние наркопреступности и наркотизации населения в Республике Таджикистан за исследуемый период и регулирование данной сферы. Целью данного исследования является изучение современного состояния регулированности и преступности в сфере незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ в Республике Таджикистан.

**Annotation**

**Legal regulation of drug trafficking, psychotropic substances and prosecutors**

The article analyzes the state of drug crime and anesthesia of the population in the Republic of Tajikistan for the study period and the regulation of this sphere. The purpose of this study is to study the current state of regulation and crime in the field of illicit trafficking in narcotic drugs and psychotropic substances in the Republic of Tajikistan.



***Косимова Марджона Анваровна,***
*преподаватель кафедры уголовного права юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) Университета*
*E-mail: ugolovnoepravo@bk.ru*

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ ЖЕНСКОЙ ПРЕСТУПНОСТИ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

***Калидвожахо:*** *ҷинояткории занон, масъалаҳои пешгирӣ, ҷиноят.*
***Ключевые слова:*** *женская преступность, проблемы предупреждения, преступность.*
***Key words:*** *women's crime, prevention problems, crime.*

На преступления женщин пагубное влияние оказывает современное состояние общественной нравственности, которое необходимо анализировать и оценивать в контексте общего кризиса, переживаемого нашим обществом. Падение нравов связано с экономическими трудностями, ростом напряженности в отношениях между людьми, ослаблением основных социальных институтов и в первую очередь семьи [1, с. 87].

Антиобщественное преступное поведение женщин наносит ощутимый урон всему обществу в целом, разрушает основные социальные устои. В этом направлении большое значение играет решение трудовых и бытовых проблем женщин, а также не имеющих постоянного источника дохода.

Для Республики Таджикистан это проблема каждый год решается на должном уровне, что говорит об эффективной политики страны в этой области.

Так в своем очередном Послании Парламенту страны (Маджлиси Оли) Основатель мира и национального единства, Лидер нации Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон отметил, что «…в настоящее время число женщин сфере образования составляет более 70 процентов, здравоохранения и социальной защиты населения 67 процента, культуры 51 процента, среди государственных служащих 23,3 процента [6].

Возрастание криминальной активности женщин, стало актуальной проблемой и в Республике Таджикистан.

Причем, если еще несколько лет назад к чисто женским преступлениям относились в основном мошенничество, нарушение правил торговли, сбыт наркотиков, то теперь представительницы слабого пола все чаще стали совершать преступления насильственного характера, где в роли потерпевших – мужья.

На сегодняшний день существуют различные противоречия в обществе, которые приводят к негативным явлениям, в частности росту преступности. Именно эти факторы играют ключевую роль в динамике роста и структуре женской преступности. Не исключено, что из-за социального положения в обществе изменяется и социальная структура лиц, совершающих преступления [2, с. 20].

Стоит подчеркнуть, что изучение именно такого вида преступности, как женская, является важным для нашего государства. На государственном уровне на протяжении длительного периода не уделялось должного внимания со стороны психологов, социологов, а также правоведов данному виду преступности.

Совершение преступлений женщинами это, прежде всего результат не простого взаимодействия многих обстоятельств, среди которых первостепенное значение играет конкретное содержание и особенности характеризующих данную личность, признаков, свойств, связей, отношений, в том числе и ее нравственно-психологические качества.

Государство, его органы, являясь основ-

ным субъектом предупреждения преступности, сталкивается с комплексом проблем при осуществлении этой деятельности.

Многие отечественные исследователи также указывали на то, что, анализируя мужскую и женскую преступность, следует учитывать особенности женской психологии, потому что преступницы-женщины, в отличие от преступников-мужчин, обладают совершенно другими манерами поведения, образом мыслей и представлениями о жизни. Для женщины роль семьи играет определяющее значение в формировании ее поведения [3, с. 444]. В настоящее время большинство ученых, представляющих разнообразные научные отрасли и области познания, аналогично обращают внимание на обязательность исследования особенностей половой принадлежности лиц при анализе разнообразных социальных явлений, и в первую очередь преступных проявлений.

Особый интерес к феномену женской преступности объясняется особым местом женщин в системе общественных отношений, особой ролью женщин, которую они выполняют в обществе.

Как отмечают Ю.А. Курбанов, Р.А. Абдуллаева женская преступность – «….не только сумма преступлений, а сложная их совокупность, имеющая количественную и качественную характеристику….»[4, с. 4-5].

Оценка качественных характеристик преступлений, совершенных женщинами, позволяет определить их особенности и правильно рассчитать характер и степень общественной опасности рассматриваемых деяний.

Исходя из социально-психологической концепции причинности преступности, важно отметить, что социально значимой деформацией поведения женщины является деформация нравственной, правовой и семейной психологии. Большинство преступлений женщин совершались из корыстных побуждений. В связи с этим, по всей вероятности, основными факторами проявления противоправного поведения рассматриваемых лиц являются нарушения в экономическом сознании. Формирующими условиями являются разногласия, возникшие в социально-экономической сфере государства (рост безработицы, инфляция, социальное расслоение и др.). Соответственно, в понимании большинства женщин, которые были повторно осуждены, преобладает мотивация физического выживания.

Отсутствие специальных региональных программ по профилактике женской преступности также, на мой взгляд, имеет определенно отрицательное значение для предупреждения ее проявлений. Программы и планы предупреждения преступности, принятые на региональном уровне, либо носят чисто формальный характер, либо не содержат разделения превентивных мер по видам преступлений и гендерным различиям. Региональные программы, принимаемые в этой сфере, как правило, не содержат конкретных мер профилактики и предупреждения, а также не указывают органы, ответственные за их реализацию. Принятие и реализация таких программ должны происходить при тесном взаимодействии юристов, социологов, психологов, а также работников медицинских и психиатрических учреждений с учетом специфики региона.

Предметная работа по профилактике противоправного поведения женщин должна охватывать те сферы жизнедеятельности, которые способствуют формированию криминальных мотиваций насильственного или корыстного характера. Большое значение в этом отношении имеет воспитание женственности у девушек и молодых женщин, а также формирование их нравственных качеств. Это важно для предотвращения насилия в отношении женщин и, в будущем, для воспитания их собственных детей. Желательно, чтобы обучение начиналось в семье и продолжалось в детских садах, школах и других учебных заведениях.

Еще одной проблемой профилактики и предупреждения женской преступности является настоятельная необходимость пересмотра действующего законодательства, внесения изменений в действующие нормы и принятия совершенно новых законодательных актов, регулирующих те сферы жизни, где женщины наименее защищены. Прежде всего, это трудовое право. Как вы знаете, это очень трудоемкий процесс, требующий огромных трудовых, временных и финансовых затрат.

Отсутствие должного взаимодействия между различными службами и органами государственной власти также можно рассматривать как одну из проблем предупреждения преступности среди женщин. Систематизация информации о преступлениях и правонарушениях в различных сферах жизни координируется в различных отделах и службах-несовершеннолетних в комиссиях по делам несовершеннолетних, о дебоширах и "домашних хулиганах" в службе участковых уполномоченных. К сожалению, не всегда удается быстро получить доступ к этой информации или проконтролировать лиц, склонных к совершению преступлений.

Важной проблемой является отсутствие взаимодействия между органами, ответственными за профилактику, и общественными организациями. Например, частная охрана, детективные агентства и службы безопасности предприятий.

Широко распространенное явление проституции является не только детерминантой женской преступности, но и проблемой ее предупреждения. Женщина, занимающаяся проституцией, приобретает связи в криминальной среде, нередко начиная самостоятельную преступную деятельность. Негативные последствия проституции чаще всего выражаются в последующей социальной деградации личности, неспособности создать полноценную семью и интегрироваться в общество [5, с. 74-76].

В деятельности органов внутренних дел по предупреждению женской преступности одно из центральных мест занимает осуществление общей и индивидуальной профилактики.

Однако, несмотря на существующую базу нормативных правовых актов, направленных на предупреждение преступлений, уровень женской преступности остается высоким. Это обусловливает необходимость принятия соответствующих дополнительных мер по оптимизации профилактической работы.

Одним из главных недостатков профилактики женской преступности может быть несогласованность действий не только правоохранительных органов и социальных групп, но и самих правоохранительных органов между собой, и особенно низкий уровень межрегионального взаимодействия. В результате профилактическая деятельность может носить формальный характер, а средства предупреждения преступлений используются не комплексно, а фрагментарно.

Несвоевременное реагирование на совершенные преступления, бездействие органов оперативно-розыскной профилактики; нарушение процессуальной обязанности полностью и всесторонне выявлять причины и условия, способствующие совершению преступлений, слабое взаимодействие с населением по вопросам профилактики, в том числе виктимологии, могут способствовать совершению преступлений женщинами в целом и в ходе расследования предыдущего преступления.

Международный опыт предупреждения женской преступности показывает, что основной причиной применения соответствующих профилактических мер является характер поведения осужденного при отбывании наказания и лица, освобожденного от дальнейшего отбывания наказания.

Повышенная общественная опасность женской преступности заключается в том, что ее антисоциальное, преступное поведение вносит дезорганизацию в повседневную жизнь, расшатывает семейные устои и разрушает базовые социальные институты.

Основными принципами профилактической работы с женщинами должны быть гуманность и милосердие, понимание причин, толкнувших их на преступление или аморальные поступки. Законы-уголовные, уголовно-процессуальные и другие нормативные акты должны быть проникнуты гуманностью и милосердием к женщинам.

Следует согласиться с мнением ряда криминологов, которые считают, что в силу своей специфики и криминологической значимости женская преступность и ее предупреждение являются самостоятельным объектом изучения. "Женщины имеют поразительное сходство с врожденными преступниками, но это не мешает им быть в четыре раза менее склонными к совершению преступления, чем мужчины", - сказал французский криминолог Г.

Тард." [3, с. 669].

Профилактика женской преступности это, прежде всего систематическая деятельность органов власти и общественных объединений по противодействию причинам и условиям преступности. Это требует больших материальных, трудовых и временных затрат. Многогранность этой деятельности порождает огромное количество проблем, решение которых зависит от скоординированных действий органов власти, общественных объединений, общества и каждого человека в частности. С точки зрения внедрения зарубежного опыта в законодательство страны заслуживают внимания следующие моменты:

* существование службы пробации как независимого органа, основной целью которого является предотвращение совершения лицом, совершившим преступление, нового преступления;

* установление превентивного контроля за лицами, освобожденными из мест лишения свободы;

* наличие фонда постпенитенциарной помощи, аккумулирующего средства, полученные за счет отчислений от заработной платы осужденных, отбывающих наказание.

Решение этих задач, а прежде всего подробное изучение позволит государству противодействовать криминальным процессам в обществе, устранять угрозы правам и свободам личности, создавать и укреплять атмосферу спокойствия и стабильности в государстве.

**Список литературы:**

1. Абдуллаева Р.А. Актуальные проблемы криминология: курс лекций. – Душанбе: РТСУ, 2016. – 187 с.

2. Авдийский В.И. Криминология: учебник для академического бакалавриата [и др.] // Под редакцией В. И. Авдийского, Л.А. Букалеровой. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2019. – 301 с. – (Бакалавр. Академический курс). – ISBN 978-5-534-03566-7. – Текст: электронный // ЭБС Юрайт [сайт]. – URL: https://biblio-online.ru/bcode/432130/p.20 (дата обращения: 18.01.2020).

3.Капинус О.С. Криминология: учебник для бакалавриата, специалитета и магистратуры / О. С. Капинус [и др.]; под общей редакцией О. С. Капинус. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2019. – 1132 с. – (Бакалавр. Специалист. Магистр). – ISBN 978-5-534-09795-5. – Текст : электронный // ЭБС Юрайт [сайт]. – URL: https://biblio-online.ru/bcode/428579/p.444 (дата обращения: 20.01.2020).

4.Курбанов Ю.А., Абдуллаева Р.А. Некоторые аспекты криминальной агрессии в преступности среди женщин учебное пособие. – Душанбе: «РТСУ», 2008г. – 47 с.

5.Косимова М.А. К вопросу о преступности на современном этапе // Материалы XXI Славянские чтения Научная конференция профессорско-преподавательского состава и студентов юридического факультета РТСУ.- Душанбе: - 2017г. - С. 72-77.

6.Рахмон, Э. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.12.2019 г. [Электронный ресурс] / Э. Рахмон. – Режим доступа: www.prezident.tj. (дата обращения: 10.05.2020).

**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳои мубрами замонавӣ доир ба ҷиноятҳое, ки аз ҷониби занон содир карда мешаванд**

Мақола ба мушкилиҳое, ки дар раванди пешгирии ҷиноятҳое, ки аз тарафи занон содир мешаванд, бахшида шудааст. Инчунин масъалаҳои мушаххасе, ки барои ҳалли онҳо равона карда шудаанд, пешкаш карда шудааст. Омӯзиши ҳолати тамоюли рушди муосири ҷиноятҳории занон имкон медиҳад, ки хулоса оид ба номувофиқии воситаҳои муосир ва усулҳои пешгирии ҷиноятҳо пешниҳод карда шаванд.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы предупреждения женской преступности на современном этапе**

Статья посвящена проблемам, возникающим в процессе предупреждения преступлений, совершаемых женщинами, а также предложены конкретные пути решения выделенных проблем. Исследование состояния, тенденций развития современной женской преступности позволяет сделать вывод о неэффективности современных средств и методов предупреждения преступлений.

**Annotation**

**Some issues of women's crime prevention at the present stage**

The article is devoted to the problems that arise in the process of preventing crimes committed by women, and also offers specific ways to solve the highlighted problems. The study of the state and trends in the development of modern women's crime makes it possible to draw a conclusion about the inefficiency of modern means and methods of crime prevention.

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**



**Хоҷаева Наргис,**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиноси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ОИД БА МАХСУСИЯТИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ ДАЛЕЛҲО ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

***Калидвожаҳо:*** *далел; далелҳои шайъӣ; мурофиаи судии ҷиноятӣ; таснифоти далелҳо; таҳқиқи далелҳо; истифодабарии далелҳо; нигоҳдории далелҳо.*

***Ключевые слова:*** *доказательство; вещественное доказательство; уголовное судопроизводство; классификация доказательств; исследование доказательств; использование доказательств; сохранение доказательств.*

***Key words:*** *Proof; material evidence; criminal proceedings; classification of proofs; searching proofs; u sage of proofs; keeping proofs.*

Таҳқиқи масъалаҳои марбут ба далелҳо яке аз мавзӯҳои маркази илми мурофиавии ҷиноятӣ ба шумор рафта, таваҷҷуҳи бештари олимон, мутахассисон ва қонунгузории кишварҳои мухталифро ба худ ҷалб кардааст [14, с. 493].

Дар баробари ин соли 2009 дар асоси Барномаи Ислоҳоти судӣ-хуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007 ва бо дарназардошти эътирофи як қатор санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки аз 1 апрели соли 2010 ба ҳукми амал даромад [14, с. 501].

Бори нахуст дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба масъалаи далелҳо ва намудҳои он боби алоҳида боби 9 бахшидааст. Боби 9-ум, ки аз 13-модда иборат аст (моддаҳои 72-84), таърифи далелҳо оварда шуда мазмуну моҳияти навъҳои алоҳидаи далел шарҳ дода шудаанд [15, с. 92].

Масъалаи далелҳо дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ҷой махсусро ишғол менамояд. Тамоми ҳолатҳои кор, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, дар асоси далел муайян карда мешаванд ба ибораи дигар, далел асоси мурофиаро ташкил медиҳад. Ноқисии далел ба ноқисии мурофиа оварда мерасонад. Маҳз барои ҳамин тадқиқи далелҳо диққати қисми зиёди муҳақиқонро ба худ ҷалб сохтааст [16, с. 161].

Ба андешаи донишманди тоҷик И.Д. Сафаров далелҳои судӣ дар давлати Сомониён инҳо ба ҳисоб мерафтанд: а) иқрор шудан; б) нишондоди шоҳидон; в) қасам [12, с. 166-176].

Назар ба андешаи олими тоҷик Хайруллоев Ф.С., дар мурофиаи судии мусулмонӣ се намуди делел татбиқ мешаванд: иқрор шудан, додани нишондод ва савганд ёд кардан [13, с.151]. Ҳамзамон ба андешаи ӯ нақши муҳимро дар низоми далелҳо нишондоди шоҳид ишғол менамояд. Шаҳодат аз нигоҳи ӯ ҳамчун воситаи асосии дарёфти ҳақиқат ва тасдиқи дурустии мавқеи даъвогар баромад мекунад [13, с. 153-154].

Омӯзиши масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсусро касб менамояд. Ҳарчанд мафҳуми далелҳо ва

намудҳои он дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, ин масъала зарурияти пешбурди таҳқиқотҳои илмиро дар самти муайян кардани мафҳуми далел ва намудҳои далелҳоро аз байн намебарад. Вақте сухан атрофи ашёҳо ҳамчун сарчашмаи далел меравад, дар назар бояд дошт, ки онҳо дар худ маълумотҳоеро нигоҳ медоранд, ки барои исботкунӣ заруранд [14, с. 494].

Дар зери мафҳуми далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ маълумотҳои воқеие, ки мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд, фаҳмида мешавад [5, с. 72].

Сарчашмаҳои гирифтани маълумоти вокеъӣ оид ба чиноят ба навъҳои зерин ки, дар қисми 2 моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, ҷудо мешаванд: нишондоди шоҳид, нишондоди ҷабрдида, нишондоди гумонбаршаванда, нишондоди айбдоршаванда, нишондоди судшаванда, хулоса ва нишондоди коршинос, хулоса ва нишондоди мутахассис, далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар ба ҳисоб мераванд [15, с. 93].

Ҳар як далели ишорашуда дорои хусусиятҳои хос ва сарчашмаҳои пайдоиши гуногун доранд, бинобарин ба мо зарур аст, ки ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ равшани андозем.

**Нишондоди шоҳид гуфта -** ахбори шахс дар бораи ҳама гуна ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштае мебошад, ки шахсан ё аз суханони дигар ё ҳуҷҷатҳо ба ӯ маълумшуда ва бо тартиби муқарраркардаи қонун баён намудааст [1, с. 115].

Подготовил Юрий Матвеевич достойную плеяду учеников, в том числе по проблемам уголовного наказания и его исполнения. Под его научным руководством двадцать три соискателя стали кандидатами юридических наук, некоторые из них впоследствии защитили докторские диссертации. Это российские ученые Александр Владимирович Бриллиантов, Людмила Васильевна Иногамова-Хегай, а также ученый Республики Таджикистан - Такдиршох Шарифович Шарипов.

Заслуги Юрия Матвеевича Ткачевского получили не только государственное, но и общественное признание. В 2005 году Юрию Матвеевичу была вручена Звезда Московского университета, в 2009 году он стал лауреатом ежегодной юридической премии «Фемида» в номинации «Поколение». В 2013 году награжден общественной наградой – медалью «Во славу Отечества».

Память об ученом живет до тех пор, пока о нем помнят его ученики и коллеги. В этом отношении творческий путь Юрия Матвеевича не прервался в 2016 году, он был продолжен и будет продолжаться в деятельности открытого 2015 году в МГУ имени М.В. Ломоносова Научно-образовательного центра «Проблемы уголовно-исполнительного права» (далее – НОЦ). Решением Ученого Совета Юридического факультета МГУ имени М.В. Ломоносова от 28 апреля 2017 года №4 НОЦу было присвоено имя Юрия Матвеевича Ткачевского. С момента своего образования перед сотрудниками НОЦа была поставлена задача проведения наиболее актуальных исследований уголовно-исполнительной проблематики. Это явилось бы, с одной стороны, реализацией положений Концепции развития уголовно-исполнительной системы Российской Федерации до 2020 года, с другой стороны, продолжением исследования проблем исполнения уголовных наказаний, проведенных на кафедре уголовного права и криминологии Юридического факультета МГУ в прежние годы, и в первую очередь - профессором Ю.М. Ткачевским.

Первой научно-исследовательской работой нового НОЦа стало исследование в 2016 году правовых основ исполнения уголовных наказаний и подготовка Теоретической модели Общей части нового Уголовно-исполнительного кодекса Российской Федерации. Для этого НОЦ совместно с Фондом поддержки социальных инноваций «Вольное Дело» (далее - Фонд «Вольное Дело») провел подготовительную работу по обоснованию и выдвижению на конкурс грантов Президента Российской Федерации проекта «Пенитенциарный кодекс гражданского общества». После получения гранта был создан научный коллектив, который на базе НОЦа подготовил и в мае 2016 года вынес указанную теоретическую разработку на обсуждение участников IX Российского конгресса уголовного права (МГУ, 2016). С учетом высказанных замечания модель была доработана и в 2017 году опубликована. В указанном проекте нашла отражение состоявшаяся после принятия в 1997 году Уголовно-исполнительного кодекса Российской Федерации (далее – УИК РФ) дискуссия о соотношении целей уголовного наказания и уголовно-исполнительного законодательства. Профессор Ю.М. Ткачевский в этой дискуссии занимал позицию о необходимости идентичного отражения в нормах УИК РФ целей уголовного наказания. Об этом он писал в своей статье «Соотношение уголовного и уголовно-исполнительного законодательства»[43]. На заседании авторского коллектива по подготовке Теоретической модели эта проблема также вызвала оживленные споры. Победила позиция,

[42] Ткачевский Ю.М. Российская прогрессивная система исполнения уголовных наказаний/ М., Городец, 2007. С.3.

[43] Ткачевский Ю.М. Избранные труды. Антология юридической науки, СПб, Юридический Центр-Пресс, 2010. С. 30.

учитывающая в том числе высказанное ранее мнение Юрия Матвеевича: цель восстановления социальной справедливости была указана в Теоретической модели Общей части нового УИК РФ в числе целей уголовно-исполнительного законодательства[44].

Еще одна проблема, которая стояла перед разработчиками Теоретической модели, нашла свое отражение в трудах профессора Ю.М. Ткачевского. Речь идет о соотношении уголовного и уголовно-исполнительного законодательстве. При всей распространенности точки зрения о том, что уголовное законодательство является базовым, конкретные формы взаимодействия этих отраслей права, до сих пор остаются дискуссионными. Юрий Матвеевич в своей статье «Понятие уголовной ответственности, ее суть и цели» очень образно отметил взаимопроникновение норм уголовного и уголовно-исполнительного законодательства, условно разделив наказания на две группы: наказания, карательное содержание которых исчерпывающе определено в уголовном законе (например, штраф) и наказания, в которых закрепление в уголовном законе карательного содержания носит рамочный характер (например, лишение свободы)[45]. Соответственно, по мнению Ю.М. Ткачевского, уголовно-исполнительное право является не процессуальной, а материальной отраслью права[46]. В этом проявляется самостоятельность данной отрасли права, в том числе и по отношению к уголовному.

В 2017-18 годах преподавателям, работающим в НОЦе имени Ю.М. Ткачевского, по просьбе Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации пришлось заниматься проблемами освобождения осужденных от отбывания наказания в связи с тяжелым заболеванием. Профессор Ю.М. Ткачевский исследовал проблему оснований освобождения от отбывания наказания в целом. Этому была посвящена успешно защищенная в 1966 году докторская диссертация на тему «Освобождение от отбывания наказания по действующему советскому уголовному праву», монография на аналогичную тему (1970) и ряд научных статей. В настоящее время перед исследователями вновь стояла задача отражения в норме ст. 81 УК РФ оптимального сочетания профессионально-целевых и аксиологических аспектов, а именно - интересов обеспечения противодействия преступности и пределов действия принципа гуманизма к осужденным. Именно на приоритет профессионально-целевых интересов в подходе к осужденным обращал внимание профессор Ю.М. Ткачевский, который считал покарание преступника одной из целей уголовного наказания. На наш взгляд авторами законопроекта был найден приемлемый компромиссный вариант решения этой проблемы, и проект изменения норм УК РФ, УПК РФ и УИК РФ об основаниях и порядке освобождения от отбывания наказания в связи с тяжелым заболеванием был подготовлен, передан заказчику, а затем размещен на сайте кафедры уголовного права и криминологии МГУ, в разделе НОЦ «Проблемы уголовно-исполнительного права» имени Ю.М. Ткачевского.

Следующим научно-исследовательским проектом, реализованным в 2017-2018 годах в рамках НОЦ имени Ю.М. Ткачевского, была подготовка Теоретической модели отбывания лишения свободы осужденными за совершение экономических и (или) должностных преступлений с учетом их социально-демографических и криминологических особенностей. Указанный проект был осуществлен на средства пожертвования Фонда «Вольное Дело» при организационном содействии Фонда развития юридического образования. Результаты исследования были обсуждены на X Российском конгрессе уголовного права (МГУ, 2018) и в 2019 году опубликованы в виде отдельного издания[47].

---

[44] Общая часть нового Уголовно-исполнительного кодекса Российской Федерации: итоги и обоснования теоретического моделирования. Научное издание. Рекомендовано Ученым советом ЮФ МГУ имени М.В. Ломоносова. Под науч. ред. д.ю.н., профессора В.И. Селиверстова. - М.: Изд. дом «Юриспруденция», 2017. С. 42-43.

[45] Ткачевский Ю.М. Избранные труды. Антология юридической науки, СПб, Юридический Центр-Пресс, 2010. С. 418-419.

[46] Там же. С. 420.

[47] Отбывание лишения свободы осужденными за экономические и должностные преступления: итоги теоретического исследования. Научное издание. Рекомендовано Ученым Советом ЮФ МГУ имени М.В.

В феврале 2020 года НОЦ имени Ю.М. Ткачевского завершил работу по анализу проблемы социальной адаптации (ресоциализации) осужденных, освобождаемых или освобожденных из мест лишения свободы. Указанная проблема тесно связана с достижением такой цели уголовного наказания и уголовно-исполнительного законодательства, какой является исправление осужденных. На достижение этой цели направлена прогрессивная система отбывания наказания в виде лишения свободы. Кроме того, по мнению Ю.М. Ткачевского, в 1997 году опубликовавшего монографическое исследование прогрессивной системы исполнения наказания, она способствует не только исправлению осужденного, но и его подготовке к жизни на свободе[48]. Указанная научно-исследовательская работа была осуществлена авторским коллективом НОЦ с участием ученых Юридического факультета Самарского национального исследовательского университета имени академика С.П. Королева также на средства пожертвования Фонда «Вольное Дело» при организационном содействии Фонда развития юридического образования. Результаты исследования в декабре 2019 года были обсуждены на круглом столе в МГУ и опубликованы в отдельном издании[49].

В 2020-21 годах НОЦ имени Ю.М. Ткачевского будет обеспечивать научное сопровождение проведения Девятой специальной переписи осужденных к лишению свободы и лиц, содержащихся в следственных изоляторах. Кроме указанных выше Фондов, в реализации данного проекта НОЦ имени Ю.М. Ткачевского будет тесно взаимодействовать с НИИ ФСИН России. Это достаточно важный для юридической науки проект, поскольку он дает полную социально-демографическую, уголовно-правовую, криминологическую и уголовно-исполнительную характеристику личности осужденного. Можно сказать, что это очень важная для развития юридической науки и правоприменительной практики социология исполнения уголовного наказания. Полученные результаты будут важны и для вывода об эффективности прогрессивной системы отбывания наказания в современный период времени. Они будут свидетельствовать о том, выполняются ли те условия действенности прогрессивной системы, которые ранее сформулировал профессор Ю.М. Ткачевский. Это наглядность прогрессивной системы, ее значимость для осужденных, обоснованность и неоднократность применения, доступность и бессрочность[50].

Характеризуя работу НОЦа имени Ю.М. Ткачевского, нельзя не сказать о мерах по популяризации творческого и общественно-политического наследия Юрия Матвеевича.

Так, в помещении учебно-методического кабинета НОЦа в 2017 году открыта выставка научных трудов профессора Ю.М. Ткачевского. В 2018 году при непосредственном участии сотрудников НОЦа была опубликована книга воспоминаний Юрия Матвеевича «Дальняя разведка», охватывающая детские и юношеские годы, период Великой Отечественной войны и время работы в Московском университете[51]. В предисловии к этой книге ректор МГУ академик В.А. Садовничий констатировал: «Время неумолимо. Уходит эпоха, а вместе с ней уходят и ее герои. … Герои уходят, но память о них не должна покинуть нас и будущее поколение»[52]. Этими словами и завершим нашу статью о докторе юридических наук, профессоре, Заслуженном деятеле науки Российской Федерации, Герое Советского Со-

---

Ломоносова. Под науч. ред. д.ю.н., профессора В.И. Селиверстова. - М.: Изд. дом «Юриспруденция», 2019. 458 с.

[48] Ткачевский Ю.М. Избранные труды. Антология юридической науки, СПб, Юридический Центр-Пресс, 2010. С. 380-381.

[49] Социальная алаптация (ресоциализация) лиц, освобождаемых и освобожденных из исправительных учреждений. Итоги теоретического исследования. Научное издание. Рекомендовано Ученым Советом ЮФ МГУ имени М.В. Ломоносова. Под науч. ред. д.ю.н., профессора В.И. Селиверстова. - М.: Изд. дом «Юриспруденция», 2020. 368 с.

[50] Ткачевский Ю.М. Избранные труды. Антология юридической науки, СПб, Юридический Центр-Пресс, 2010. С. 389-393.

[51] С данным изданием можно ознакомиться на сайте Юридического факультета МГУ имени М.В. Ломоносова, в разделе «НОЦ Уголовно-исполнительное право» по ссылке https://www.law.msu.ru/pages/nauchno-obrazovatelnyy_centr_problemy_ugolovno-ispolnitelnogo_prava_imeni_yu_m_tkachevskogo_krimin

[52] Садовничий В.А. Указ. раб. С. 3

юза Юрии Матвеевиче Ткачевском и о научном центре, который носит его имя.

**Список литература:**


1) Садовничий В.А. Слово ректора МГУ. В кн.: Ткачевский Ю.М. Дальняя разведка. Книга воспоминаний. (редакторы-составители: Е.Г. Афанасьева, Т.Ю. Орешкина, А.В. Шаронов). М., изд-во МГУ имени М.В. Ломоносова, 2018. С. 3-4.

2) Ткачевский Ю.М. Дальняя разведка. Книга воспоминаний. (редакторы-составители: Е.Г. Афанасьева, Т.Ю. Орешкина, А.В. Шаронов). М., изд-во МГУ имени М.В. Ломоносова, 2018. 112 с.

3) Ткачевский Ю.М. Избранные труды. Антология юридической науки, СПб, Юридический Центр-Пресс, 2010. 597 с.

4) Ткачевский Ю.М. Российская прогрессивная система исполнения уголовных наказаний/ М., Городец, 2007. 237 с.

5) Общая часть нового Уголовно-исполнительного кодекса Российской Федерации: итоги и обоснования теоретического моделирования. Научное издание. Рекомендовано Ученым советом ЮФ МГУ имени М.В. Ломоносова. Под науч. ред. д.ю.н., профессора В.И. Селиверстова. - М.: Изд. дом «Юриспруденция», 2017. 328 с.

6) Отбывание лишения свободы осужденными за экономические и должностные преступления: итоги теоретического исследования. Научное издание. Рекомендовано Ученым Советом ЮФ МГУ имени М.В. Ломоносова. Под науч. ред. д.ю.н., профессора В.И. Селиверстова. - М.: Изд. дом «Юриспруденция», 2019. 458 с.

7) Социальная адаптация (ресоциализация) лиц, освобождаемых и освобожденных из исправительных учреждений. Итоги теоретического исследования. Научное издание. Рекомендовано Ученым Советом ЮФ МГУ имени М.В. Ломоносова. Под науч. ред. д.ю.н., профессора В.И. Селиверстова. - М.: Изд. дом «Юриспруденция», 2020. 368 с.



**Аннотация:**

**К 100-летию со дня рождения профессора Юрия Матвеевича Ткачевского: жизненный, боевой и творческий путь (10.06. 1920 -30.12.2016)**

Доктору юридических наук, профессору, Почетному профессору МГУ имени М.В. Ломоносова, Заслуженному деятелю науки Российской Федерации Юрию Матвеевичу Ткачевскому 10 июня 2020 года исполнилось бы сто лет. В первой части статьи описывается его жизненный, боевой и творческий путь. Во второй части статьи раскрывается деятельность созданного в МГУ имени М.В. Ломоносова Научно-образовательного центра «Проблемы уголовно-исполнительного права» имени Ю.М. Ткачевского, рассматривается преемственность проблематики научных исследований профессора Ю.М. Ткачевского и научно-образовательного центра.

**Annotation:**

**To the 100th anniversary of the birth of Professor Yuri Matveyevich Tkachevsky: life, combat and creative path (10.06. 1920 -30.12.2016)**

Doctor of Law, Professor, Honorary Professor of Moscow State University Lomonosov, Honored Scientist of the Russian Federation Yuri Matveevich Tkachevsky June 10, 2020 would have turned one hundred years old. The first part of the article describes his life, combat and creative path. In the second part of the article, the activity of M.V. Lomonosov Scientific and Educational Center "Problems of Penal Law" named after Yu.M. Tkachevsky, considered the continuity of the problems of scientific research of Professor Yu.M. Tkachevsky and scientific-educational center.

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**



**Шарифзода Ф.Ш.,**
*муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: Farangis.sharif@bk.ru*

# ЭКСПЕРТИЗАИ ҲУҚУҚИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ ОНҲО ВОСИТАИ ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ҚОНУНГУЗОРӢ

***Калидвожаҳо:*** *сифати қонунгузорӣ; экспертизаи ҳуқуқӣ; мафҳуми экспертизаи ҳуқуқӣ; субъектҳои экспертизаи ҳуқуқӣ; санади меъёрии ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова:*** *качество законодательства; правовая экспертиза; понятие правовой экспертизы; субъекты правовой экспертизы; нормативный-правовой акт.*

***Keywords:*** *quality of legislation; legal expertise; the concept of legal expertise; the subjects of legal expertise; normative-legal act.*

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ эътироф гардида, онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳоро муайян менамоянд. Дар ин замина, ноил гардидан ба ҳадафи ҷомеаи мутамаддин, яъне гиромидошти инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ва бунёди давлати воқеан ҳуқуқбунёд тавассути рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва баланд бардоштани сифати қонунҳои муосири ҷавобгӯй ба талаботи ҷомеаи демократӣ имконпазир мегардад.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ қайд намуданд: «… то кадом сатҳу дараҷа ҳуқуқбунёд будани давлат аз сатҳу сифати қонунҳои он сахт вобаста аст.» [1].

Ҳамин аст, ки масъалаи баланд бардоштани сифати қонунҳо, мустаҳкамӣ ва самаранокии онҳо ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи субъектони ташаббуси қонунгузорӣ қарор дошта, он бо дарёфти воситаҳои муносиби баҳогузории сифати қонунгузорӣ ва бартараф намудани хатоиҳои ҳуқуқэҷодкунӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Баҳогузории сифат ва самаранокии қонунгузорӣ таҳлили маҷмӯии ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва мазмунии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи онро пешбинӣ менамояд, ки он зимни гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо ҳамчун воситаи барҳам додани норасоӣ ва ихтилоф дар қонунгузорӣ, аз байн бурдани номукаммалии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва дар ин замина таъмин намудани самаранокии қонунгузорӣ баромад менамояд. Зеро, мухолифат ё номувофиқатии байни меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ҳамон як муносибати ҷамъиятиро танзим мекунанд, инчунин ҷой надоштани меъёри ҳуқуқӣ ё набудани санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор ба танзими самараноку низомноки ҳуқуқӣ ва қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ таъсири манфии худро мерасонанд.

Мавҷуд набудани мафҳуми «экспертизаи ҳуқуқӣ» дар сатҳи Қонун боиси фаҳмиши гуногуни он мегардад.

Экспертиза аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, ба маънои ягон масъаларо дида баромадан, хулоса баровардани мутахас-

сисон, ташхис, муоина ва ҳукми экспертҳо шарҳ дода шудааст [2, с. 699]. Мафҳумҳои ба ҳамин монанд дар дигар сарчашмаҳо илмӣ низ пешбинӣ гардидаанд [3].

Дар Қонуни моделӣ «Дар бораи экспертизаи давлатӣ», ки дар Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соли 2002 қабул гардидааст, мафҳуми экспертизаи давлатӣ муайян карда шудааст. Мутобиқи Қонуни мазкур экспертизаи давлатӣ фаъолияти ташкилотҳои ваколатдор (ташкилотҳои экспертӣ) ва шахсони воқеӣ (экспертҳо) мебошад, ки аз рӯи фармоиши давлатӣ ва дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад ва бо гузаронидани таҳқиқот, омӯзиш, баҳодиҳии объекти муайян (мавзӯи экспертиза), инчунин бо тайёр намудан ва барасмиятдарории хулосаҳо, тавсияҳо (хулосаҳои экспертӣ) алоқаманд аст [4].

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти асосҳои болозикр мафҳуми экспертиза якчанд ислоҳот ва мушаххасотро тақозо менамояд. Зимнан зарур мешуморем, ки моҳияти таркибии мафҳуми экспертиза дақиқ карда шавад. Пеш аз ҳама экспертиза ин таҳлил ва ташхиси объекти он мебошад, ки аз ҷониби мутахассиси дорои дониш ва таҷрибаи касбӣ амалӣ карда мешавад. Дуюм моҳияти таркибии экспертиза ин хулоса ба шумор меравад, ки воқеияти гузаронидани таҳлилро тасдиқ менамояд.

Бояд зикр намуд, ки новобаста аз соҳаи фаъолият, экспертиза ҳамчун таҳлил, ташхис ва омӯзиш муайян гардидааст, ки барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда донишҳои махсус ва таҷрибаи кофии касбиро талаб менамояд.

Бо дарназардошти он, ки экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо бо мақсади баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ ва ба сохтори дохилии ягонаи таркибан мувофиқашуда даровардани низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад, пешниҳод намудани мафҳуми экспертизаи ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва минбаъд пешбинӣ намудани он дар сатҳи Қонун бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар баробари ин, вобаста ба мавзӯи экспертизаи ҳуқуқӣ, яъне масъалаҳое, ки зимни гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ бояд мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор дода шаванд, ақидаи олимон гуногун мебошанд. Аз ҷумла, тибқи ақидаи олими рус Рагозин В.Ю. дар раванди экспертизаи ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд:

- мутобиқати муқаррароти лоиҳаи қонун ба меъёрҳои Конститутсия;
- алоқамандии лоиҳаи қонун бо низоми умумии амалкунандаи қонунгузорӣ;
- таносуби лоиҳаи қарорҳо бо шартномаҳо ва созишномаҳо бо давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи давлат;
- асоснокии интихоби шакли санад;
- мутобиқати муқаррароти лоиҳа ба дастовардҳои муосири илм ва амалияи ҳуқуқӣ [5, с. 73-74].

Е.В. Журкина ду ҷанбаи мавзӯи экспертизаи ҳуқуқиро ҷудо менамояд:

- баҳодиҳии мутобиқати ҳуҷҷат ба низоми қонунгузорӣ;
- баҳодиҳии мутобиқати ҳуҷҷат ба талаботи техникаи ҳуқуқӣ [6, с. 15-21].

Дар баробари ин, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ зикр гардидааст, ки экспертизаи ҳуқуқӣ ба муқаррар намудани мутобиқат (ё номутобиқатӣ) – и санади меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи меъёри ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷамъият ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ равона гардидааст [7, с. 78]. Экспертизаи ҳуқуқӣ баҳодиҳии санади меъёрии ҳуқуқиро аз нигоҳи мутобиқат ба Конститутсия, алоқамандӣ бо низоми умумии қонунгузории амалкунанда, мутобиқат бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, асоснокии шакли интихобнамудаи санад, таъминоти молиявӣ, ташкилӣ ва дигар чораҳо, чораҳои ҷавобгарӣ, ҳавасмандгардонӣ ва риояи техникаи ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд [8, с. 6].

Вале, ба ақидаи мо баҳодиҳии санади меъёрии ҳуқуқӣ аз нигоҳи таъминоти молиявӣ, ташкилӣ, ҳавасмандгардонӣ ва амсоли инҳо бояд зимни гузаронидани экспертизаи молиявию иқтисодӣ амалӣ карда шавад.

Воқеан, тамоми лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ва ташаббуси қонунгузорӣ дар

натиҷаи ба вуҷуд омадани эҳтиёҷоти танзимнамоӣ ва бо дарназардошти талаботи иҷтимоӣ таҳия гардида, барои таъмини манфиатҳои ҷамъият нигаронида шудаанд.

Чуноне, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26 декабри соли 2019 иброз доштанд: «...мақсади ниҳоии қонунҳои қабулкардаи парламент, фармону амрҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат аз он иборат аст, ки пешрафти давлат, ободии Ватан ва муҳимтар аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин карда шавад» [9].

Бо дарназардошти асосҳои зикршуда ва амалия гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ чунин андешаронӣ намудан мумкин аст, ки зимни гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи он бояд ҳатман масъалаҳои зерин мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор дода шаванд:

1.Мутобиқати дохилии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи он ба муқаррарот ва талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда;

2.Алоқамандии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи он ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

3.Ҷавобгӯ будани санади меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи он ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул карда шудааст, ки принсипҳои асосӣ, мафҳум, намуд, низом, таносуби байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, эътибори ҳуқуқӣ, тартиби умумии таҳия, экспертиза, қабул, интишор, баҳисобгирӣ, бақайдгирии давлатӣ, амал, тафсир, мураттабсозии онҳо ва роҳҳои ҳалли ихтилофоти ҳуқуқиро муайян мекунад.

Ҳамзамон, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021 ва аз 6 феврали соли 2018, №1005 Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қабул карда шудаанд, ки зимни гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ нишондодҳои онҳо низ бояд ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 пешбинӣ менамояд, ки Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқии мусоидаткунанда ба рушди низоми нави ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба марҳилаи сифатан нав, ба монанди банақшагирии таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, гузаронидани тадқиқоти илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ, гузаронидани экспертизаҳои ҳуқуқӣ ва зиддикоррупсионии лоиҳаҳои қонунҳоро ворид намуд [10].

Воқеан, тамоми тадбирҳои болозикр марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодаанд.

Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2015, №673 Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки банақшагирии пешакии таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади танзим намудани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар ин замина ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия 28 декабри соли 2012, №925 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул карда шуд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тартиби умумии гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ва намудҳои он муайян гардид.

Ҳамзамон, таҳлилҳои ҳуқуқӣ собит менамоянд, ки ба сифати объекти экспертизаи ҳуқуқӣ дар баробари лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки мавриди амал қарор доранд,

баромад менамоянд. Вале, дар Қонуни болозикр танҳо экспертизаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим гардидаасту халос.

Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо қарори мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда метавонад мавриди экспертизаи ҳуқуқӣ, забонӣ, зиддикоррупсионӣ, таҳлили таъсири танзимкунӣ, молиявию иқтисодӣ, экологӣ, илмию техникӣ ва ё махсуси илмӣ қарор дода шавад [11].

Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки тартиби гузаронидани якчанд аз экспертизаҳои зикршуда, аз ҷумла экспертизаҳои экологӣ, илмӣ ва илмӣ-техникӣ ва зиддикоррупсионӣ бо қонунҳои алоҳида танзим карда шудаанд.

Новобаста аз намудҳои гуногуни экспертизаҳо ва гуногунии технологияҳои экспертӣ, ки ба иқтидори илми муосир такя менамоянд, онҳо бояд дар доираи қонунҳо амалӣ карда шаванд ва ба принсипҳои асосии фаъолияти экспертӣ тобеъ бошанд. Вагарна, сатҳи муосири экспертиза ва таъсири мусбии он ба фаъолияти қонунгузорӣ дар маҷмӯъ наметавонад таъмин гардад [12, с. 4].

Субъекти амаликунандаи экспертизаи ҳуқуқӣ низ дар қонунгузории давлатҳо ба таври гуногун муайян гардидааст.

Масалан, дар Федератсияи Россия экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо аз ҷониби Вазорати адлия ва воҳидҳои сохтории он амалӣ карда мешавад [13].

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад аз ҷониби сохтори ҳуқуқии таҳиякунанда ё мақомоти қабулкунандаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дигар ташкилотҳо мутобиқи қонунгузорӣ гузаронида мешаванд [14]. Таҳиякунанда пас аз мувофиқанамоӣ бо тамоми мақомоти манфиатдор лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод менамояд [15].

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мумкин аст экспертизаи илмӣ (ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ, забонӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва дигар) вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқии бо санадҳои мазкур танзимшаванда гузаронида шавад. Экспертизаи илмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои ваколатдори муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ва муассисаҳои олии илмии соҳаи дахлдор, экспертҳое, ки аз ҳисоби олимон ва мутахассисон вобаста ба мазмуни лоиҳаи баррасишаванда ҷалб гардидаанд, гузаронида мешавад [16].

Мутобиқи моддаи 64 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба сифати эксперт ташкилот ва шахсоне ҷалб карда мешаванд, ки дар таҳияи ҳамин лоиҳа бевосита иштирок накарда бошанд. Субъектҳои амаликунандаи экспертизаи ҳуқуқӣ бошад, дар санадҳои зерқонунӣ пешбинӣ гардидаанд.

Масъалан, тибқи Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014, №288 тасдиқ гардидааст, яке аз вазифаҳои асосии он бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳое мебошад, ки ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

Мавриди тазаккур аст, ки тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маркази миллии қонунгузорӣ, гарчанде танҳо ваколати гузаронидани экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дода шудааст, вале дар амалия бошад, на танҳо лоиҳаи қонунҳо, балки лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ ҷиҳати гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ пешниҳод мегарданд.

Вобаста ба экспертизаи фаъолияти қонунгузории парламент дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ибрози ақида карда шудааст [17, с. 262]. Инчунин, масъалаи мазкур дар Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ то андозае танзим гардидааст [18], вале ба сифати объекти экспертизаи мазкур дар мақомоти олии

қонунгузор на ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки танҳо лоиҳаи қонунҳо баромад менамоянд.

Бо дарназардошти он, ки Маркази миллии қонунгузорӣ бо мақсади аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок намудани қонунҳо, мукаммалу мушаххас гардонидани механизми татбиқи онҳо, инчунин мониторинги тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст [19], мувофиқи мақсад мебошад, ки ба Марказ дар баробари гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳо, инчунин вазифаи амалӣ намудани экспертизаи илмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо дода шавад.

Дар баробари ин, пешниҳод мегардад, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва тақвият бахшидани самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, инчунин мутобиқ намудани муқаррароти дохилии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба мавзӯи танзими он, тартиби гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар боби алоҳида танзим гардад.

Бо мақсади аз ҷиҳати илмӣ асоснок қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ экспертизаи ҳатмии илмӣ ва ҳуқуқии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мафҳуми он дар мазмуни зайл:

«экспертизаи ҳуқуқӣ - таҳлил ва баҳодиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо аз нигоҳи мутобиқати дохилӣ ва алоқамандӣ ба муқаррароту талабот ва низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби мақомот (муассиса)-и ваколатдор ва шахсони воқеии дорои дониши касбии ҳуқуқӣ (экспертҳо) амалӣ карда шуда, дар натиҷа ҷиҳати бартараф намудани ихтилоф ва норасоии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда хулоса дода мешавад» дар сатҳи Қонун пешбинӣ карда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1.Реҷаи дастрасӣ: www.prezident/tj.

2. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ.-ҷилди 2.-Душанбе.,2015.

3.Словарь русского языка.-3-е изд.-М.,1988.-Т.4.-С.751./ Большая экономическая энциклопедия.-М.:Эксмо.2008. С.816.

4.Модельный закон «О государственной экспертизе». - https://www.lawmix.ru/abro/2694.

5.Рагозин В. Ю. Правовая экспертиза законопроектов в Российской Федерации : автореф.дис.... канд. юрид. наук. М., 1998.

6.Журкина Е. В. Правовая экспертиза нормативного правового акта как средство повышения эффективности законодательства.

7.Законодательная техника – учебное пособие, г Ашхабад-2011.

8.Методические рекомендации по проведению правовой и антикоррупционной экспертизы нормативных правовых актов субъектов Российской Федерации и муниципальных образований (с иллюстрацией на конкретных примерах): – М.:, 2017.

9.Реҷаи дастрасӣ:www.prezident/tj.

10.Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028.

11.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ. 1, мод. 271).

12.Короткова О.А. Экспертиза законопроектов и законодательных актов:теоретико-правовой аспект: автореф. дис. канд. юрид. наук. Москва, 2008

13.Приказ Минюста РФ от 31 мая 2012 г. № 87 «Об утверждении Методических рекомендаций по проведению правовой экспертизы нормативных правовых актов субъектов Российской Федерации»-https://www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/70086438.

14.Закон Республики Узбекистан О нормативно-правовых актах – 2000 г.-№160-11 - https://www.lex.uz/acts/2105726.

15.Приказ Министра юстиции Республики Узбекистан «Об утверждении методических указаний о порядке подготовки, юридико-технического оформления и проведения правовой экспертизы проектов нормативно-правовых актов, вносимых органами государственного и

хозяйственного управления, органами государственной власти на местах в Кабинет министров Республики Узбекистан - https://lex.uz/docs/1999246.

16.Закон Республики Казахстан «О нормативных правовых актах» – 1998г.-№213-1 *с изменениями и дополнениями по состоянию на 16.05.2020 г.* WWW http://online.zakon.kz.

17.Имомов Ашӯрбой-Ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе-2016.

18.Ниг. Дастури маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

19.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 25 апрели соли 2008.-Ҷумҳурият, 27 апрели соли 2008.

**Аннотатсия**

**Экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо. Воситаи таъмини самаранокии қонунгузорӣ**

Дар мақола проблемаҳои экспертизаи ҳуқуқии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии қонунгузорӣ таҳлил карда шудааст.

**Аннотация**

**Правовая экспертиза нормативных правовых актов и их проектов. Средства обеспечения эффективности законодательства**

В статье анализируются проблемы правовой экспертизы нормативного правового акта, пути повышения эффективности законодательства.

**Annotation**

**Legal examination of regulatory legal acts and their projects. Means of ensuring the effectiveness of legislation**

In the article analyzes the problem of legal expertise of normative-legal act, how to improve the legislation.



**Абдураҳимзода Фаридун,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ БУҶЕТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *буҷетӣ давлатӣ; муносибатҳои буҷетӣ; қонунгузорӣ; низоми буҷетӣ; молияи давлатӣ; буҷетҳои маҳаллӣ.*

***Ключевые слова:*** *государственный бюджет; бюджетные отношения; законодательство; бюджетная система; государственные финансы; местные бюджеты.*

***Keywords:*** *state budget; budgetary relations; legislation; budget system; public finance; local budgets.*

Дар ҷаҳони муосир самаранокии рушди муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии давлат пеш аз ҳама ба мустаҳкамии идоракунии низоми молиявӣ ва низоми буҷетии он муайян карда мешавад. Татбиқи сиёсати давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа аз танзими тақсимоти дурусти маблағҳои буҷетӣ вобастаги дорад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, зеро дар моддаи 75 Конститутсия пешбинӣ гардидааст, ки Ҳукумат барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, лоиҳаи буҷети давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

Ба ғайр аз Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои буҷетӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1] барои соли молиявии навбатӣ, ки бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад, пешбинӣ гардидааст. Қонуни мазкур ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби ҳамаи манбаҳо, ҳаҷми умумии хароҷоти буҷйети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ, андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, муқаррарот оид ба ворид намудани тағйирот ба буҷети давлатӣ ва ғайраро муқаррар менамояд.

Ҳамчунин, меъёрҳои бевоситаи танзимкунандаи муносибатҳои буҷетӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2] пешбинӣ гардидааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ташкилии идоракунии молияи давлатӣ, ба низом даровардани буҷет ва гурӯҳбандии он, таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои марказонидашудаи пулиро муайян, муносибатҳои молиявии байнибуҷетиро танзим намуда, мавқеи мақомоти ҳокимият, идоракунии давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин дигар иштирокчиёни раванди буҷетиро дар таҳия ва баррасии лоиҳаҳои буҷетҳо, таҳияву тасдиқи ҳисобот ва назорати иҷрои онҳоро муқаррар менамояд.

Дар баробари қонуни дар боло овардашуда барои ноил гардидан, ҷиҳати ҳамоҳангсозии идоракунии захираҳои иқтисодии умумидавлатӣ, ташкили назорати даромаду хароҷот, ҷамъоварӣ ва истифодабарии маблаҷҳо, идоракунии иҷрои буҷети давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хазинадорӣ» [3] қабул гардида, мақомоти марказӣ ва маҳаллии хазинадориро

ухдадор намудааст, ки назорати мунтазами иҷрои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ, идоракунии суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ, суратҳисобҳои ягонаи маҳаллии хазинадорӣ ва дигар суратҳисобҳоеро, ки ба буҷети давлатӣ дахл доранд, ба роҳ монанд, таъмин ва назорати маблағгузории саривақтии моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет ва қабули дархостҳоро аз ҷониби муассисаҳои буҷетӣ оид ба маблағгузории моддаҳои хароҷотӣ ба роҳ монанд, таҳияи ҳисоботи даврӣ оид ба даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, тартиб додани санадҳои муқоисавиро бо мақомоти андоз ва гумрук ташкил намоянд, ҳисоботи давриро оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, ҳангоми ба охир расидани соли молиявӣ ҳисоботи зарурӣро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд, оид ба иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ дар воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот нашр намоянд, маблағгузории муассисаҳои буҷетиро ба мақомоти дахлдори марказӣ ва маҳаллии хазинадорӣ вобаста намоянд, ҳисоботи даврии хазинадориро оид ба маблағҳои муассисаҳои буҷетӣ сари вақт ва пурра пешниҳод намоянд.

Ғайр аз ин, бо мақсади таъмини банақшагирӣ ва самараноки истифодабарии захираҳои молиявӣ, таҳкими назорат аз болои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи ташкили системаи хазинадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 18 июли соли 1996, №327) [4] қабул намудааст, ки тибқи он дар таркиби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Идораи марказии хазинадорӣ ва вохидҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкил карда шудааст.

Ба ақидаи профессор Н.И. Химичева ҳар як давлат дорои низоми буҷетии худ ва принсипҳои сохтори он мебошад. Сохтори низоми буҷети давлатӣ аз рӯи сохти идоракунии он муайян карда мешавад. Дар давлати унитарӣ, низоми буҷет аз ду сатҳ иборат аст - буҷети давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ идора карда мешаванд[5].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асосиро дар низоми молияи давлат ҳамгироии буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мебозад, ки ба воситаи амалиётҳои буҷетӣ амалисозии барномаҳои давлатӣ оиди таъмини рушди иқтисодӣ - иҷтимоии давлат, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани дараҷаи иҷтимоии аҳолӣ, инкишоф ва такмили техникию технология ва дигар чорабиниҳои давлатӣ бевосита амалӣ карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститусияи соҳибистиқлоли худ сохти давлатии ягона (унитарӣ)- ро пеша намуда, чун дигар давлатҳои дорои сохти унитарӣ низоми буҷетӣ давлатиро ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ тақсим намудааст.

Дар сохтори системаи молиявии давлат мавқеи марказиро буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ ишғол мекунанд. Буҷети давлатӣ як ҷузъи муҳими давлат ва заминаи молиявии соҳибхтиёрии он мебошад. Буҷетҳои маҳаллӣ барои рушди ҳокимияи маҳаллӣ заминаи молиявӣ мебошанд [6].

Буҷетҳои маҳаллиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия намуда, онро мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд. Дар танзими муносибатҳои буҷетӣ мавқеи муҳим ва ҳалкунандаро муносибатҳои байнибуҷетӣ мебозад, зеро бо ёрии онҳо вазифаи танзим ва баробаркунии буҷетӣ амалӣ гардонида мешавад.

Зарурияти муносибатҳои байнибуҷетӣ аз кофӣ набудани иқтидори молиявии минтақа ва ноҳияҳо барои қонеъгардонидани талаботи онҳо ба захираҳои молиявӣ ва зарурияти ҷуброни маблағҳои норасоӣ аз ҳисоби захираҳои молиявии буҷетҳои сатҳи боло бармеояд.

Дар робита ба ин қайд кардан зарур аст, ки қонунгузорӣ оид ба танзими муносибатҳои буҷетӣ низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қабул гардида, муносибатҳои буҷетиро танзим менамояд.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси муносибатҳои буҷетӣ - ин муносибатҳое, ки байни буҷети давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешавад. Аммо вобаста ба мафҳуми муносибатҳои буҷетӣ ягон меъёри мушаххасе, ки муносибатҳои мазкурро ба таври дахлдор шарҳ диҳад, вуҷуд надорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мафҳуми муносибатҳои буҷетӣ дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Белорус пешбинӣ гардидааст[7]. Муносибатҳои буҷетӣ тибқи моддаи 1 Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Белорус ин муносибатҳои байни иштирокчиёни раванди буҷетӣ, ки дар вақти таҳия, баррасӣ, тасдиқ, иҷрои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷетҳои фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, таҳия, баррасӣ ва тасдиқи ҳисобот дар бораи иҷрои онҳо, муайян кардани ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокчиёни раванди буҷетӣ ва қарзгирии буҷетҳо, муносибатҳои байнибуҷетӣ, инчунин ҳангоми назорати иҷрои буҷет ва татбиқи масъулият барои вайрон кардани қонунгузории буҷетӣ ба миён меоянд, фаҳмида мешавад.

Аз ин рӯ, бо мақсади беҳтар намудани муносибатҳои буҷетӣ, таъмини устувории низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври самаранок иҷро намудани вазифаҳои аз тарафи давлат қабулгардида, таъмини шафофият, имкониятҳои васеъ ҷиҳати арзёбӣ ва самаранокии онҳо, инчунин такмил додани муносибатҳои буҷетӣ дар асоси барномаҳои давлатӣ ва таъмини ийрои талаботи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон[8] қабул намудани қонуни ягонаи мураттабгардида дар самти мазкур бо истифода аз таҷрибаи пешрафтаи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус ва Ҷумҳурии Қазоқистон мувофиқи мақсад мебошад.

**Рӯйхати адабиёт**:


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 ноябри соли 2019, № 1507 қабул карда шуд.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 6, мод. 436; с.2013, № 3, мод. 189, № 11, мод. 784; с. 2016, № 5, мод. 367) (Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 746, аз 12.11.2013 № 1027, аз 14.05.2016 № 1316, аз 17.05.2018 № 1535).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хазинадорӣ» аз 18 июни соли 2008 № 396
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили системаи хазинадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 июли соли 1996, №327.
5. Финансовое право: учебник / отв. ред. Н. И. Химичева. Ф59 2 - е изд., перераб. и доп. – М. : Юристъ, 2000. – 600 с.
6. Финансовое право: учебник / отв. ред. Н. И. Химичева– 4 - е изд., перераб. и доп. – М. : Норма, 2009. – 768 с.
7. Манбаи электронӣ: https://kodeksy-by.com/dictionary/b/byudzhetnye_ otnosheniya.htm.
8. Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 1021 тасдиқ шудааст


**Аннотатсия**

**Танзим ҳуқуқии муносибатҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола муаллиф танзими ҳуқуқии муносибатҳои буҷетиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Қайд менамояд, ки дар қонунгузорӣ оид ба мазмуни муносибатҳои буҷетӣ меъёри мушаххас пешбинӣ нагардидааст. Пешниҳод мегардад, ки муносибатҳои мазкур дар доираи қонуни ягонаи мураттабгардида танзим карда шаванд.

**Аннотация**

**Правовое регулирование бюджетных отношений в Республике Таджикистан**

В статье автор рассматривает правовое регулирование бюджетных отношений в Республике Таджикистан. Он отмечает, что законодательство не предусматривает конкретной нормы по содержанию бюджетных отношений. Предлагается урегулировать эти отношения в рамках единого закона.

**Annotation**

**Legal regulation of budget relations in the Republic of Tajikistan**

In the article the author considers the legal regulation of budgetary relations in the Republic of Tajikistan. He notes that the legislation does not provide for a specific norm on the content of budgetary relations. It is proposed to regulate these relations within the framework of a single la



**Ёров Абдулваҳоб Абдувоҳидович,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи иттилооти ҳуқуқӣ ва мураттабсозии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ РЕКЛАМА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *танзими ҳуқуқӣ; реклама; қонунгузорӣ; ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; рақобат; рекламаи бевиҷдонона; рекламаи нодуруст.*

***Ключевые слова:*** *правовое регулирование; реклама; законодательство; защита прав потребителей; конкуренция; недобросовестная реклама; неправильная реклама.*

***Keywords:*** *legal regulation; advertising; legislation; consumer rights Protection; competition; unfair advertising; wrong advertising.*

Танзими ҳуқуқии реклама солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар робита бо паҳннамоии фаъоли реклама, ки аз рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад, бояд ба талаботи муосири танзими тиҷорат мувофиқ бошад. Дар Қатъномаи «Принсипҳои роҳбарикунанда барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаласаи 106-ум пленарӣ аз 9 апрели соли 1985 қабулшуд, пешбини шудааст, ки реклама бояд ба талаботи хизматрасониҳои боадолатонаи истеъмолкунандагон ва навиштаҷоти қонун мутобиқат намояд [1].

Набояд фаромӯш кард, ки реклама як намуди иттилоот ба ҳисоб рафта, барои ҷалби муштариён дар фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ равона шудааст. Истилоҳи «реклама» оғози худро аз забони лотинии «reclamare» гирифта, маънои «садои баланд»-ро дорад. Реклама дар як маврид бо муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар раванди хариду фурӯши мол ба миён омадаанд, ба вуҷуд омада, дар замони муосир як муҳарики пешравии фаъолияти соҳибкорӣ гардидааст [2].

Реклама имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои қонунгузории худ мебошад. Ҷараёни ташаккулёбии қонунгузории бахши рекламаи муосир аз ду марҳилаи пайдарҳам ташкил меёбад, ки давраи ташаккулёбӣ ва танзими фаъолият, талаботҳои нисбат ба иштирокчиёни реклама пешниҳодшавандаро дарбар гирифта, аз таҳкими қонунгузории миллӣ дар ин самт бо дарназардошти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иборат мебошад. Марҳилаи якуми ташаккулёбии самти реклама қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Марҳилаи дигари реклама, ки аз танзими бевоситаи он иборат мебошад, ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» мебошад.

Зинаи марказии қонунгузории муосири рекламаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ташкил медиҳад, ки 1 август соли 2003, таҳти №34 қабул карда шудааст ва аз 5 боб 32 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳои соҳаи рекламаро (ба истисноӣ рекламаи сиёсӣ) ба танзим дароварда, онро аз рақобати бевиҷдонона ҳифз менамояд ва рекламаи номуносиберо, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад ё ба саломатии онҳо, молумулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тарзи ҳаёт, шаъну шараф ё эътибори кории шахсони мазкур зарар расонад, инчунин ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид кунад, пешгирӣ ва манъ менамояд. Мутобиқи моддаи 3 он «қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар бораи реклама ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад [3]. Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки қонунгузории реклама пеш аз ҳама, муносибатҳо дар самти рекламаро на танҳо дар асоси Қонуни реклама қабулшуда ба танзим медароранд, балки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки муқаррароти онҳо ба ин ё он андоза самти рекламаро ба танзим медароранд, дарбар мегирад. Маслан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат» ба андозаи пурра ба самти реклама дахл дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» сарчашмаи ягонаи мукаммалгардонидашуда дар самти танзими муносибатҳои рекламавӣ ба ҳисоб рафта, мафҳумҳои асосии дар самти реклама истифодашаванда, тавсифи умумии муносибатҳои ҳуқуқии реклама ва вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни асосии бозори рекламавиро муайян менамояд.

Ба вазифаҳои афзалиятноки худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҳимояи рақобати бовиҷдонона дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ, таъмини ягонаи фазои иқтисодӣ ва додани кафолати амалисозии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба дастраси бовиҷдонона ва рекламаи воқеӣ вобаста менамояд. Ба ғайр аз ин, қонунгузор ба масъалаҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар самти реклама ва роҳ надодан ба рекламаи нодуруст, ки дар натиҷаи паҳннамоии он ба истеъмолкунанда зарар мерасонад, диққати махсус медиҳад.

Дар баробари ин, як қатор принсипҳо, ки ба реклама ва фаъолияти рекламавӣ татбиқшаванда бевосита дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда мешавад: фазои ягонаи иқтисодӣ; муомилоти озоди мол ва хизматрасонӣ; дастгирии рақобат; фаъолияти озоди иқтисодӣ (мод. 12 КҶТ) [4]. Дар робита ба ин, А.В. Минбалеев дуруст қайд менамояд, ки реклама ба сифати асбоби пешбурди мол (кор, хизматрасонӣ) дар бозори дохилии кишвар ба ҳисоб рафта, фаъолияти рекламавӣ бошад ба ташаккулёбии фазои ягонаи иқтисодӣ мусоидат менамояд [5].

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими реклама нақши назарраси худро доро мебошад. Муносибатҳои рекламавӣ чун қоида ба шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ такя менамоянд ва муносибатҳо дар самти реклама дар қисмати бастан ва иҷрои шартномаҳои рекламавӣ, пеш аз ҳама бо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ ба танзим даровarda мешаванд. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор меъёрҳои махсусро дар самти танзими реклама пешбинӣ намудааст. Ҳамин тавр, дар моддаи 469 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки «реклама ё дигар пешниҳоде, ки ба гурӯҳи шахси номуайян манзур шудаанд, ҳамчун даъвати бастани оферта эътироф мешавад, ба шарте ки дар таклиф тартиби дигаре дақиқ инъикос наёфта бошад [6]. Моддаи 549 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мазмуни офертаи оммавиро шарҳ медиҳад, муқарраротро дар он хусус пешбинӣ менамояд, ки «пешниҳоди мол, ки тамоми шартҳои муҳими шартномаи хариду фурӯши чаканаи моли дар рекламаи мол, феҳраст (каталог) зикргардидаро дарбар гирифтааст, инчунин дигар навъи тасвири мол, ки ба доираи номуайяни ашхос нигаронида шудааст, офертаи оммавӣ эътироф карда мешавад. Дар ҳолати мазкур ба он факти ҳуқуқӣ диққат бояд дод, ки реклама ба сифати офертаи оммавӣ танҳо дар он маврид баррасӣ карда мешавад, ки агар дар мазмуни он «иродаи рекламадиҳанда ба бастани шартнома ба ҳамаи шахсоне, ки ба шартҳои зикргардида розӣ мебошад, дар сурате, ки реклама тамоми шартҳои муҳими шартномаро дошта бошад, баста мешавад» [7]. Ба таври назаррас қисмати муносибатҳои ҳуқуқии реклама таҳти танзими меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳуқуқҳои вобаста ба он, қонунгузорӣ дар бораи тамғаҳои молӣ қарор дода мешавад.

Яке аз санадҳои қонунгузории муҳим, ки муқарраротро дар самти танзими фаъолияти рекламавӣ пешбинӣ менамояд, ин Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҷавобгарии маъмуриро барои вайрон кардани қонунгузории реклама пешбинӣ менамояд. Масалан, тибқи

моддаи 546 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз ҷониби рекламадиҳанда паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи истеҳсол ё фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки дар онҳо иттилооти аз ҳақиқат дур ҷой дошта, истифодабарандагони рекламаро гумроҳ месозад, инчунин барои рекламаи маҳсулоти ҳатман сертификатсияшавандае, ки сертификатсияи мутобиқат надорад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Ба ғайр аз ин дар якчанд меъёрҳои Кодекси мазкур ҷавобгариҳоро дар самти реклама пешбинӣ намудааст, аз ҷумла дар моддаҳои 545-551[2] ҷавобагриҳои гуногунро дар самти реклама муқаррар намудааст [8].

Ба сифати қисми таркибии қонунгузории реклама Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» бояд баррасӣ намуд, зеро дар моддаи 6 он зикр шудааст, ки интишори… реклама барои бо зӯрӣ сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, ба содир намудани ҷиноят, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, зулму зӯроварӣ… ё предметҳои порнографиро таблиғ ва ташвиқ мекунад, манъ аст [9].

Аҳамияти ниҳоят муҳимро дар самти танзими реклама Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ишғол менамояд, ки дар моддаи 16 зикр намудааст, ки ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оид ба хусусият, тарз, ҷои истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолӣ, сифатӣ ва миқдори мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад, рақобати бевиҷдонона ҳисобида мешавад. Ба ғайр аз ин, дар моддаи мазкур реклама бо тамғаҳои молӣ, нишонаи фирмавии дигар субъектони хоҷагидорро рақобати бевиҷдонона шумоpидааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» бошад ин гуна амалҳоро рекламаи бевиҷдонона номбар намудааст.

Ҳамин тавр, маълумотҳои нодуруст дар бораи моли (кор, хизматрасонӣ) рақобаткунанда на танҳо меъёрҳои қонуни ҳимояи рақобатро вайрон меунанд, балки муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон»-ро низ дарбар мегирад, ки инчунин онро метавон ба сифати қисми таркибии қонунгузории реклама баррасӣ намуд. Мутобиқи моддаи 9 қонуни мазкур истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд ва истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ӯҳдадор аст сари вақт ба истеъмолкунанда дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) маълумоти зарурӣ ва боэътимоде пешниҳод намояд, ки имконияти интихоби дурусти онро таъмин созад.

Амалисозии талаботи дар Қонуни ҳимояи рақобат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва реклама пешбинигардида аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ амалӣ карда мешавад. Дар Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, таҳти №227 тасдиқ карда шудааст, хадамоти зиддинҳисорӣ назорати фаъолияти рекламавиро амалӣ менамояд [10]. Ба ғайр аз ин, тибқи банди 6) моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектони хоҷигидор» мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти зиддиинҳисорӣ танзим ва санҷиши фаъолияти рекламавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, яъне мақомоти зиддиинҳисорӣ муқаррароти қонунҳоро, ки самти рекламаро ба танзим даровардаанд, баҳри амалӣ гардидани онҳо мусоидат менамояд [11].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро инчунин метавон қисми қонунгузории реклама ҳисобид, зеро эътироф намудани забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ дар Конститутсия ва қонуни мазкур истифодаи онро дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар тамоми соҳаҳои расмии муносибатҳо бидуни ишораи махсус ба он дар назар дорад. Дар моддаи 13 Қонуни мазкур зикр гардидааст, ки реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони давлатӣ интишор карда мешавад ва бо забонҳои дигар низ интишор намудани он манъ намебошад. Аз меъёри мазкур бармеояд, ки

реклама бо забони тоҷикӣ ва дилхоҳ забонҳои хориҷӣ итҷозат дода шудааст.

Ба ғайр аз ин, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон зикр шудааст, ки иттилоот, маълумотҳо (реклама низ дохил мешавад, зеро иттилоот шуморида мешавад) ва истифодаи иттилоот ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ба муқобили амнияти иттилоотӣ, барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, хусумати иҷтимоӣ, таҷовуз ба шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таблиғи фаҳшу фуҷур (порнаграфия) манъ аст.

Дар заминаи асосҳои таҳлили қонунгузории реклама гузаронидашуда метавон хулосабарорӣ намуд, ки баҳри танзими ҳуқуқии самти мазкур гирифтани таҷрибаи дигар давлатҳои хориҷӣ доир ба масъалаҳои алоҳидаи амалисозии реклама ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Аз ҷумла, гирифтани муқаррарот аз қонунгузории ИМА дар самти иловаҳои фаъоли биологӣ қобили қабул дониста мешавад. Самти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қадри имкон ба танзим даровада нашудааст. Дар ИМА Комиссияи федералии оид ба тиҷорат амал мекунад, ки принсипҳои сиёсат оид ба масъалаҳои рекламаи ИФБ-ро бевосита дар қонуни дурустии рекламаашон пешбинӣ намудаанд. Мутобиқи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур реклама набояд истеъмолкунандаро ба гумроҳӣ барад, бояд ҳақиқат дошта бошад ва рекламадиҳандагон бояд далелҳои саҳеҳ дар бораи моли рекламашаванда дошта бошанд, ки чунин маълумотҳо бояд аз ҷониби мақомоти ваколатдор ва илман асоснок бошанд. Дар баробари ин дар Федератсияи Россия дар боби 3 Қонуни реклама хусусиятҳои рекламаҳои намудҳои алоҳидаи молҳо пешбинӣ гардидаанд, ки дар қонунгузории мо танзими худро наёфтааст.

Дар робита ба ин, баҳри такмили танзими ҳуқуқии самти реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки вобаста ба самҳои хусусиятҳои рекламаҳои намудҳои алоҳидаи молҳо боби $2^1$ пешбинӣ гардида, дар он моддаҳо вобаста ба рекламаи молҳои спиртӣ, рекламаи маводҳои доруворӣ, намунаҳои тиббӣ, хизматрасонии тиббӣ, усули профилактикӣ, ташхис, табобат, рекламаи иловагиҳои фаъоли биологӣ ва иловагиҳои ғизогӣ, молҳои ғизои кӯдакона, рекламаи молҳои таъиноти ҳарбӣ ва аслиҳа, рекламаи бозиҳои таваккалӣ ва гаравӣ (шартӣ), рекламаи хизматрасониҳои молиявӣ ва фаъолияти молиявӣ, рекламаи қоғазҳои қимматнок, рекламаи бастани шартномаҳои гражданию ҳуқуқӣ, рекламаи медиаторон ва арбитрҳо муқаррар карда шаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Мавлоназаров О.А. Право потребителей на надлежащую рекламу и его защита по законодательству Республики Таджикистан. Автореферат на соиск. уч. степ. кан. юр. наук. Душанбе. 2017. С. 23
2. Спиридонова Г.В. Реклама в современной экономике: теория и практика зарубежных стран. Реклама в XXI веке: современные тренды: доклады и материалы научно-практической конференции XVI Международного студенческого фестиваля рекламы. Москва, 23-25 апреля 2014 г. / Отв. ред. Р.Т. Мухаев. – М.: Издательство Московского гуманитарного университета, 2014. С. 45.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 457; с. 2007, №6, мод. 432; с. 2008, №10, мод. 824; с. 2011, №12, мод. 843; с. 2012, №4, мод. 262; с. 2014, №11, мод. 672; с. 2015, №3, мод. 224; Қонунҳои ҶТ аз 18.07.2017 с., №1456; аз 02.01.2018 с., №1457.
4. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Зери таҳрири. Маҳмудов М.А., Душанбе 2009. С.70
5. Минбалеев А.В. Правовое регулирование рекламной деятельности: учебное пособие / Под ред. д.ю.н. В.В.

Кваниной. – М.: ИД «Юриспруденция». 2010. – С. 48-49.

6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334

7. Российское предпринимательское право / Под ред. В.А. Хохлова. – 2-е изд. – М.: РИОР; ИНФРА-М, 2014. – С. 293.

8. Кодекси хуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳзани маркази иттилоотию ҳуқуқии «Адлия» [Манбаи электронӣ] (санаи муроҷиат 10.06.с.2020)

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахборӣ омма» аз 19 марти соли 2013, тахти №961 URL: http//www.mmk.tj [Манбаи электронӣ] (санаи муроҷиат 10.06.с.2020)

10. URL: http://www.ams.tj/nizomnoma [Манбаи электронӣ] (санаи муроҷиат 11.06.с.2020)

11. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №12, қ. 1, мод. 1115; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1459

**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур қонунгузории танзими ҳуқуқии реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муайян гардид, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» бо қонунгузории гражданӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳимояи рақобат, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон алоқамандии зич дорад. Ҳамчунин, аз натиҷаи таҳлили гузаронидашуда хулосабарорӣ карда шуда, пешниҳодҳои зарурӣ барои такмили қонунгузории реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардиданд.

**Аннотация**

**Правовое регулирование рекламы в Республике Таджикистан**

В данной статье был проведен анализ правового регулирования законодательства Республики Таджикистан о рекламе и было выяснено, что Закон Республики Таджикистан «О рекламе» тесно связан с гражданским, административным, защите прав потребителей, защите конкурентными законодательствами. А также, в результате проведенного анализа были сделаны выводы и выдвинуты необходимые предложения совершенствования законодательство рекламы в Республике Таджикистан.

**Annotation**

**Legal regulation of advertising in the Republic of Tajikistan**

This article analyzed the legal regulation of the legislation of the Republic of Tajikistan on advertising and it was found that the Law of the Republic of Tajikistan "On Advertising" is closely related to civil, administrative, consumer protection, protection by competition laws. And also, as a result of the analysis, conclusions were drawn and the necessary proposals were put forward to improve the advertising legislation in the Republic of Tajikistan.



**Султанова Фотима Октамовна,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҚАРЗГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА ҚАРЗЕ, КИ АЗ ҶОНИБИ ДАВЛАТ КАФОЛАТ ДОДА МЕШАВАД

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт; қарз; қарзи давлатӣ; шартҳои қарз; кафолати давлатӣ; стратегия.*

***Ключевые слова:*** *экономика; кредит, государственный кредит; условия кредита; государственная гарантия; стратегия.*

***Keywords:*** *economica; credit, stateloan; loanconditions; stateguarantee; strategy.*

Масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар самти қарзгирии давлатӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳо дар низоми ҳуқуқӣ - молиявии аксарияти давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Падидаи қарзи давлатӣ ҳамчун низоми муносибатҳо дар робита бо ҷамъоварии давлатии маблағҳои муваққатан озоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба миён омада, воситаи муҳими бартараф кардани касри буҷет, ноил шудан ба тавонзуни даромад ва хароҷоти буҷет, инчунин ҷалби захираҳои сармоягузорӣ мебошад.

Дар замони муосир масъалаҳои ба танзими меъёрию ҳуқуқӣ қарзи давлатӣ алоқаманд буда, пеш аз ҳама, бо интихоби дурусти сиёсати қарзӣ ҳамеша аҳамиятнок ҳисобида мешавад. Таваҷҷуҳ ба ин масъала бо он асоснок карда мешавад, ки мушкилоти қарзи давлатӣ калиди оромӣ дар ҳар як кишвар мебошад. Аз қабули қонунҳои танзимкунанда дар самти қарзгирии давлатӣ вазъи буҷети давлатӣ, захираҳои тиллову асъор, устувории қурби пули миллӣ, сатҳи тавварум ва фазои сармоягузорӣ вобастагӣ дорад.

Дар робита бо ин, бояд қайд намуд, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, тавассути Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, зеро дар моддаи 57 Конститутсия зикр шудааст, ки ризоят ба додугирифти қарзи давлатӣ ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Ба ғайр аз ин, дар моддаи 75 Конститутсия зикр шудааст, ки Ҳукумат барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд. Аммо шарту шароит ва масъалаҳои марбут ба қарзгирии давлатӣ дар қонуни алоҳида пешбинӣ шудааст.

Қонуне, ки бевосита муносибатҳоро дар самти қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад танзим менамояд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» мебошад.

Бори нахуст Қонуни мазкур 11 декабри соли 1999, №886 қабул шуда, аз 4 боб ва 21 модда иборат мебошад [1]. Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар рафти қарзгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарзгирии ғайридавлатиеро, ки аз ҷониби намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъмини кафолати давлатӣ ба вуқӯъ мепайванданд, танзим намуда, инчунин ҷараёни идора намудани қарзи давлатӣ ва қарзи бо кафолати давлатӣ гирифта шударо таъмин менамояд. Қонуни

зикргардида қонуни ягона ва мушаххасе ба ҳисоб меравад, ки муносибатҳои қарзи давлатиро ба танзим медарорад.

Мутобиқи моддаи 1 қонуни мазкур қарзи давлатиро маблағи гирифташуда ва бозпардохт нагардидаи пули қарзи давлатӣ дар муҳлати муқаррар гардида, меҳисобад. Мақсади қарзгирии давлатӣ аз ҷалб намудани воситаҳои зарурӣ барои иҷрои буҷет ва бозпардохти қарзи давлатӣ иборат аст. Қарзи давлатӣ аз ҷониби мақомотҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Бонки миллии Тоҷикистон;
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Комиссияҳои байниидоравӣ оид ба қарзҳои берунаи давлатӣ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба, ҳангоми тартиб додани лоиҳаи буҷети давлатӣ, барномаи қарзгириро дар соли оянда қабул менамояд ва оид ба зарурияти ҷалб намудани пули қарзи давлатӣ ё пули қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, қарор қабул менамояд ва самти мазкурро идора менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон бошад дар ҷараёни амалӣ намудани қарзи давлатӣ хизматрасониҳои техникӣ, ба Ҳукумат қарз медиҳад ва мутобиқи қонун метавонад қарзи давлатӣ бигирад.

Вазорати молия дар самти мазкур барнома, дурнамоҳо, қарорҳои дахлдор оид ба ҳисобкунии он, қоғазҳои қимматнок мебарорад ва вобаста ба қарзҳои давлатӣ дар асоси қарорҳои Ҳукумат кафолати давлатии онро медиҳад.

Комиссияҳои байниидоравӣ оид ба қарзҳои берунаи давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорат аз болои қарзҳои хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ҷалбшаванда, ки қарзҳои давлатии беруниро ташкил медиҳанд, таъсис дода мешавад.

Худ қарзи давлатӣ ба намудҳои қарзи дохилӣ ва берунӣ тақсим мешавад ва шаклҳои қарзи давлатӣ низ дар қонун танзим карда шудааст, ки он аз шаклҳои зерин иборат мебошад:

- қоғазҳои қимматноки давлатӣ;
- созишномаҳо оид ба пули қарз [2].

Дар қонунгузории қарзи давлатӣ ба ғайр аз мақомот ва шаклҳои қарзи давлатӣ масъалаҳои Қарзгирии давлатӣ ва қарзи давлатӣ, кафолати давлатӣ аз рӯи пули қарз, истифодаи воситаҳое, мувофиқи созишномаи (карордоди) қарзии пешбинишуда ва ҷавобгарӣ дар самти мазкурро ба танзим даровардааст.

Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло овардашуда барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дарозмуддат ва нишондиҳандаҳои ниҳоят муҳим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти қарзгирии давлатӣ як қатор стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шуданд: Аз ҷумла:

1. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2011, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №526 тасдиқ карда шудааст;
2. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №199 тасдиқ карда шудааст;
3. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 аз 31 марти соли 2014, №214 тасдиқ карда шудааст.
4. Страегияи идоракунии қарзи двлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2017 № 486 тасдиқ карда шудааст [3].
5. Шартномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябрии соли 2017, №485 тасдиқ карда шудааст.

Вобаста ба қарзҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду қонун амал мекунанд, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори қоғазҳои қимматнок».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар самти қарзи дохилӣ нақши амиқи худро доро мебошад. Ҳангоми додани қарзи давлатӣ дар дохили кишвар ба ташкилотҳо, шахсони ҳуқуқӣ тавассути қонуни мазкур иҷозат дода мешавад, ки ҳангоми пардохтнопазир будани ташкилотҳое, ки ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна машғуланд, баҳри дастгирии давлатии онҳо тавассути зовияи хусусигардонии маблағҳои ба қарз додашуда бегона карда шаванд. Яъне, танҳо дар асоси қонуни мазкур қарзҳои давлатӣ метавонанд хусусӣ карда шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз намудҳои амалӣ намудани қарзӣ давлатӣ ин ба муомилот баровардани қоғазҳои қимматнок мебошад. Дар моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори қоғазҳои қимматнок» зикр шудааст, ки амалиёт бо нархгузории қоғазҳои қиматнок, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, инчунин бо мақсади идораи қарзи давлатӣ дар бозори қоғазҳои қиматнок амалӣ мегардад, қаллобӣ ба ҳисоб намеравад [4]. Яъне, амалиётҳои гузаронидашавандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ ва Вазорати молия бо мақсади идораи қарзи давлатӣ дар бозори қоғазҳои қимматнок иҷозат дода шудааст, ки каме ҳам бошад муносибатҳои қарзи давлатӣ вобаста ба қоғазҳои қимматнок танзим намудааст.

Дар самти қарзи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ вобаста ба қарзӣ берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қабул карда шудааст. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомнома дар бораи Коммисияи байниидоравӣ оид ба қарзи беруна аз 10 майи соли 2000, №215 тасдиқ карда шудааст. Низомномаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорат аз рӯи ҷалб ба ҷумҳурӣ қарзҳои хориҷӣ, ки қарзи берунаи давлатиро ташкил медиҳанд ва иҷрои созишномаҳо ва кафолатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон аз ҷониби Комиссияи зикргардида қабул карда шудааст. Дар низомнома мақсадҳои фаолияти комиссияи қарзӣ ва сохтори он муайян карда шудааст, ки дар самти қарзи давлатӣ назорати бевосита ва ҷалби қарзи давлатиро амалӣ менамояд.

Ба ғайр аз ин, вобаста ба танзими қарзи давлатӣ Қарор дар бораи тасдиқи тартиби ҷалби лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ, истифодабарӣ, рӯпушнамоӣ, баҳисобгирӣ ва бақайдгирии маблағҳои қарзҳои хориҷӣ, инчунин қарзҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашуда, ки қарзи берунаи давлатиро ташкил медиҳанд аз 21 сентябри соли 2000, № 385 қабул карда шудааст.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки самти қарзгирии давлатӣ бештар ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ» алоқамандии зич дорад. Аслан тибқи Қонуни мазкур ҳаҷми умумии касри буҷети давлатӣ ва манбаъҳои пӯшонидани қарзи давлатӣ пешбинӣ карда мешавад, ки барои муайян намудани дурнамои он барои соли оянда мусоидат менамояд. Ба ғайр аз ин дар Қонуни мазкур масъалаҳои додани қарзи давлатӣ ба ҷамъиятҳо, ташкилотҳо, инчунин ҳисоби фоизҳои он дарҷ карда мешавад. Дар Қонун инчунин масъалаи гирифтан ё додани андозаи қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар соли оянда муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, аз таҳил ва омӯзиши танзими ҳуқуқии қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, муайян карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти зикргардида аз Қонуни олии кишвар, яъне Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, то ба Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда шудааст. Танзими самти мазкур ба таври дахлдор ва назаррас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли худро ёфтааст. Аммо санадҳои зикргардида аз камбудиҳо низ холӣ нестанд. Бо қабул гардидани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 зарурат ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» ба миён омадааст.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №12. – Мод. 326
2. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе: ЭР-граф, 2008. – 450 с.
3. Манбаи дастрасӣ: URL: minfin.tj (санаи муроҷиат: 25.08.2020).
4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – № 6. – Мод. 456; 2014. – № 3. – Мод. 151; 2015. – № 11. – Мод. 976; 2016. – № 11. – Мод. 889.

**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад**

Мақолаи мазкур бо масъалаи танзими ҳуқуқии қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, бахшида шудааст. Тадқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки танзими ҳуқуқии қарзгирии давлатӣ ба воситаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» ва якчанд санадҳои меъёрҳои зерқонунӣ ба амал бароварда мешавад. Танзими самти мазкур ба таври дахлдор ва назаррас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли худро ёфтааст.

**Аннотация**

**Правовое регулирование государственного долга и его гарантии со стороны государство**

Данная статья посвящена вопросу о правовом регулировании кредита, который гарантируется государством. Проведенное исследование показало, что правовое регулирование государственного заимствования осуществляется через Конституции Республики Таджикистан, Закон Республики Таджикистан «О государственном заимствовании и долге, гарантированном государством», и ряда подзаконных актов. Регулирование данного направления было решено надлежащим образом и значительно в Республике Таджикистан.

**Annotation**

**Legal regulation of state and state-guaranteed borrowing and debt**

This article is devoted to the issue of legal regulation of credit, which is guaranteed by the state. The research has shown that the legal regulation of state borrowing is carried out through the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Law of the Republic of Tajikistan On state borrowing and debt guaranteed by the state, and a number of by-laws. The corresponding regulation of this area has been resolved properly and significantly in the Republic of Tajikistan.



**Асозода Фарзона Ҳоҷибек,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail:asoyeva98@bk*

## НАҚШИ ЗАНОН ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

***Калидвожаҳо:*** *зан-модар; терроризм; экстремизм; нақши зан дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм.*

***Ключевые слова:*** *женщина –мать; терроризм; экстремизм; роль женщин в борьбе с экстремизмом и терроризмом.*

***Keywords:*** *woman-mother; terrorism; extremism; the role of woman in the fight against terrorism and extremism.*

Агар ба таърих назар афканем, пушти ҳар муваффақияти бузурги инсонӣ ҳатман зан-модарро дармеёбем. Тамоми абармардони башарият, ки тавонистаанд, дар ҷаҳон такони бузургеро ба вуҷуд оварда, боиси тағйиротҳои куллӣ гарданд, аз домони поки модар рӯйида, аз таълиму тарбияи зиндагисоз ва роҳнамоии ӯ баҳравар гардидаанд. Зан-модар мураббии насли башар, тарбиятгари инсон ва комилкунандаи ақлу зеҳни онон ба шумор меравад. Инсон аз овони тифлӣ ҳамчун устоди аввалини худ модарро дарёфта, тафовут миёни баду некро низ аз лаҳзаҳои нахустин аз ӯ меомӯзад. Танҳо меҳри модар ва навозишҳои гарми ӯ тифлро бо одаму олам ошно месозад. Ин силсила аз овони ба дунё омадани тифл шурӯъ гардида, то замони бузургсолӣ ва ҳатто боло аз он идома меёбад. Яъне, инсон ҳангоми бузургсолӣ низ ба маслиҳату насиҳат ва роҳнамоии модар ниёзманд буда, ба дурустии он эътимоди қавӣ дорад. Ин ҷост рисолати бузурги як зан!

Дар партави ин гуфтаҳо барои тақвияти сухан басо бамаврид аст, ки суханони сарвари давлатро, ки дар вохӯрӣ бо занону бонувони кишвар изҳор доштанд, қайд намоем: «Модари тоҷик фарзандони фарзонаеро, мисли, устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедилу Сайидо, Аҳмади Дониш, Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, Низомулмулк, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва ҳазорон мардони бошараф ва номбардори миллатро ба дунё овардааст, ки имрӯз ифтихори мо - тоҷикон мебошанд. Занону духтарони мо дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар шикасти фашизм низ саҳм гирифтаанд. Аз 290 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон, ки дар муҳориба бар зидди фашизм иштирок намуданд, 180 нафарашон занон буданд. Мо имрӯз номи Ойгул Муҳаммадҷоновaро, ки бо тайёраи ҷангии худ ба муқобили фашизм қаҳрамонона мубориза бурдааст, бо ифтихор ба забон оварда метавонем» [1].

Яъне метавон аз ин ҳама хулосабарорӣ намуд, ки модар бо алфози ширину зиндагисози худ рӯҳу равони фарзандро навозиш намуда, шахсият меофарад. Тамоми шахсиятҳои бузург низ дар аввал нобиға набуда, танҳо модари бузурге доштаанд, ки тавонистааст аз онҳо нобиғаеро бисозад. Дар ҳама давраҳои таърихӣ низ, ҳангоме ки инсоният ба проблемаҳои гуногун дучор мегардид, зан-модар бо анҷоми ин рисолати бузургу азалии хеш тавонистааст, ки ба дардҳои замони худ, даво ва ба захмҳо шифо бахшад. Аммо қарни бисту як бо мураккабият ва душвории мушкилоту масоиби худ фарққунанда буда, дар ин аср як қатор падидаҳои номатлубу зуҳуроти хатарафзо инсонро пайгирӣ намудааст. Аз қабили чунин

мушкилот, ки боиси нигаронии насли башар ба умеди имрӯзу фардои накӯст, ин мушкилоти терроризм ва экстремизм мебошад. Худ аз мафҳуми ин истилоҳ бармеояд, ки мақсади асосии намояндагони ин раванд эҷоди тарсу таҳлука дар замири инсон барои расидан ба ҳадафҳои муайяни террористӣ мебошад. Ин вабо ҷомеаи ҷаҳониро ба коми худ фурӯ бурдан хоста, барои бароварда сохтани ғаразҳои нопоки худ динро, ки аз паҳлуҳои ногусастанӣ ва басо таъсиргузор барои ҳар як фард ба ҳисоб меравад, воситаи муҳим қарор додааст. Дар ин раванди тунду мураккаб ва ҳалкунанда қурбонии асосии ин гурӯҳҳои муташаккил нафароне мегарданд, ки аз асоси дин бехабар буда, миёни некиву бадӣ фарқгузорӣ карда наметавонанд ва ин раванди марговару барҳамзанандаи сулҳу салоҳро дар ҳаёти инсонҳо бо дини поки Ислом, ки ҳадафи асосиаш таъмини ҳаёти осоиштаи дар асоси арзишҳои муҳими инсонӣ шаклгирифта дар дунё ва охират мебошад, бо ин раванди тунд, ки ҳама гуна омилҳои ҳаёти осоиштаро барои инсон барҳам мезанад, омехта мекунанд. Далели равшани ин гуфтаҳо, гаравидани аксаран ҷавонон ба ин гурӯҳҳои муташаккил, ки саводи мухтасари динӣ надошта, бо пайравиҳои кӯр-кӯрона боиси марги худ ва даҳҳо нафарони бегуноҳ мегарданд, мебошад.

Ин ҷо бояд мақоми арзишманд ва калидии зан-модар дар мубориза бар зидди терроризму экстремизм дарк карда шавад. Яъне, на танҳо мардон метавонанд, бар зидди ин зуҳуроти номатлуб мубориза баранд, занон низ дар баробари мардон ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар дар тамоми соҳаҳои ҳаётӣ ва ҷамъиятӣ доранд, аз ҷумла дар мубриза бар зидди терроризм ва экстремизм ва роҳҳои пешгирии он. Дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъи назар аз ҷинс, ҳуқуқу озодиҳо кафолат дода шуда, баробарҳуқуқии мардон ва занон таъкид гардидааст [2].

Бо мақсади амалисозии моддаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд, ки онҳо барои дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва бавосита иштирок намудани занон мусоидат менамоянд [3].

Чунончӣ, давлат барои таъмини баробарҳуқуқии мардону занон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»-ро қабул намуд [4].

Қонуни мазкур муносибатҳо оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғ. ба танзим медарорад, ҳуқуқпоймолкуниро аз рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ мекунад ва амалигардонии имкониятҳои баробарҳуқуқии онҳоро муқаррар менамояд.

Барои таъмини воқеии баробарҳуқуқии занон фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» [5] қабул гардид, ки он моҳиятан санади нодири ҳуқуқӣ мебошад. Фармони мазкур ба таъмини иштироки фаъолонаи занон ба хидмати давлатӣ равона гардида, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ вазифадор гардидаанд, ки намояндагии занонро бо дарназардошти салоҳиятнокӣ ва сифатҳои касбию кордониашон ба ҳайати роҳбарикунандаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, ҷамоатҳо, мақомоти прокуратура ва суд, таълимгоҳҳои олӣ ва дигар муассисаҳои маориф таъмин намоянд.

Чунин тадбирҳо боиси таъмин гардидани баробарии гендерӣ мегардад. Мавқеъ ва рисолати зан-модар дар ҷомеа мустаҳкам гардида, бо истифода аз ин имкониятҳо зан-модар метавонад дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм нақши ҳалкунанда дошта бошад.

Шояд дар зеҳн суоле ба миён ояд, ки чӣ гуна зан-модар дар баробари ҷинси латиф будани худ, бо ин ҳама назокату латофат метавонад бар зидди терроризм ва экстремизм мубориза барад?

Барои ҷавоби ин суол сухани тиллоиеро ҳачун мисол овардан бамаврид аст, ки дархӯри ин гуфтаҳо мебошад: «Хирадмандон ба

решаҳо назар мекунанд, дар ҳоле, ки дигарон гирифтори намои берунии он мегарданд». Яъне, барои ҳалли қазия на ба натиҷаҳо, балки ба сабабҳо бояд таваҷҷӯҳ кард, то мушкилӣ ҳаллу фасл гардад.

Дар зеру буни масъалаи мазкур бошад, огоҳиву дарки дуруст надоштани як гурӯҳ ҷавонон аз дини Ислом ва омезиши он бо раванди ҳалокатбори терроризму экстремизм ва радикализми сиёсӣ мебошад. Зеро танҳо дарки ин амр, ки дин аз давлат ҷудо буда, ҳаргиз набояд бо сиёсат омехта гардад, метавонад ин гурӯҳи ҷавононро аз бисёр лағжишҳо эмин намояд. Талқини ин амр ва фаҳмонидани он, тарбияи дурусту саривақтӣ, ки бештар ба он зан-модар машғул мебошад битавонад сипари мустаҳкаме пешорӯйи мушкилоту масоиби ҷаҳони муосир барои фарзандон гардад. Маҳз шеваи гӯйиш ва алфози ҷонофарини зан-модар, ки аз тинати поки ӯ сарчашма мегираду аз гузаштаҳои дур, дар марҳилаҳои гуногун, бо гузашти замон дар ӯ ташаккул ёфта, сарчашма мегирад, метавонад аз ин ҳама нобасомониҳо ва гаравидани ҳарчи бештари ҷавонон ба гурӯҳҳои тундгаро ҷилавгирӣ намояд.

Яъне, решаи асосии мушкилии мазкур ин тарбияи нодуруст ва надоштани донишҳои кофӣ, малакаи фарқгузорӣ миёни баду нек мебошад. Ин нақши калидии зан-модар дар пешгирӣ аз ҳама гуна зуҳуроти номатлуб набояд сарфи назар гардад. Барои ҳосил гардидани ин мақсадҳо, бояд пеш аз ҳама модарон соҳибмаърифат бошанд, то аз ин роҳ ин ҳама нозукиҳоро, ки метавонад дар зиндагӣ пешорӯйи фарзанди онҳо қарор гирад, оқилона ҳал намоянд. Зеро огоҳӣ аз ин ҳама масоиб, қадами аввал дар роҳи муваффақияти ҳар як инсон мебошад. Қадами дигар, дарку фаҳмиши ин нозукӣ мебошад, зеро на ҳама касоне, ки медонанд, ба фаҳму дарки он мерасанд, ки ин ҳама аз донишу маърифати як модар вобаста мебошад.

Аз ҳамин ҷост, ки дар ин самт гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз қабили вохӯрии масъулон бо занону модарон, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, фарогирии занону модарон ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ муҳиму саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Зеро, маҳз бо талқину ҳидоятҳои модар фарзандон пайгири роҳи дуруст дар зиндагӣ мегарданд.

Мутахассисони байналмилалӣ низ зикр менамоянд, ки рафтору кирдори мард дар хонавода аксаран инфиродӣ буда, ба худаш хос аст, аммо ақида ва амалу гуфтори модар аз ҷониби фарзандон пазируфта шуда, ба таври худкор аз он пайравӣ карда мешавад [6]. Дар такя ба ин тадқиқот метавон гуфт, ки як зани худогоҳу соҳибмаърифат ва дорои донишҳои зарурӣ мактаби бузурги шахсиятсозӣ ва инсонсозиро мемонад. Маҳз модар аст, ки метавонад ба фарзанд арзишҳои умумиинсониро талқин намуда, ба ҳифзу нигаҳдории муқаддасоте, чун Ватану меҳан фарзандро раҳнамоӣ намуда, аҳамияти аввалиндараҷаи сулҳу осоиштагӣ ва Ваҳдату ягонагиро бо овардани мисолҳои ҳаётӣ асоснок намояд. Маҳз модар аст, ки метавонад ба фарзанд дарси оламу одамшиносиро омӯзонида, аз ин роҳ ӯро аз шахсони ғаразманду манфиатҷӯй эмин намояд. Маҳз модар аст, ки холигиҳои зеҳну тинати фарзанди худро бо донишу маҳорат ва малакаҳои муҳими зиндагӣ, аз қабили тафовут гузоштан миёни некиву бадӣ, бархӯрди дуруст бо одамон дар ҷомеа, таҳлили дурусти маълумот дар тарозуи ақл, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва сохтани зиндагӣ дар асоси арзишҳои умумиинсонӣ, ки ба ин арзишҳо мафҳумҳое чун сулҳу салоҳ, ваҳдату ягонагӣ, ҳаёти осоишта, амният, саломатӣ, оила, камолоти маънавӣ ва хирадпешагӣ дохиланд, пур месозад. Дар акси ҳол, холигиҳои зеҳни эшон дар шабакаҳои интернетӣ бо маълумоти нодуруст ва ё аз ҷониби шахсони ғаразҷӯ ба таври ғалат пур мегардад, ки паёмади нохуши он гаравидани шумораи зиёди ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мегардад.

Зан дар мавқеи ҳамсар низ бо огоҳиву дарк метавонад боиси пешгирии ин паёмадҳои нохӯш гардад. Чуноне, ки аз таҳлилҳо бармеояд, зиёданд ҷавононе, ки на танҳо аз роҳи ҷаҳолату дарки нодуруст худро, балки ҳамсар ва фарзандони худро ба майдони оташу ҷанг кашонидаанд, ки ба азобу машаққат ва ҳатто марги онҳо оварда расонидааст. Аз ин мавқеи зан дар шахсияти

ҳидоятгор бояд ба таври бояду шояд истифода гардида, занону модарон низ дар ҷилавгирӣ аз инкишофи ин падидаҳои номатлуб, чун терроризму экстремизм ҳиссагузор бошанд.

Метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки зан-модар на танҳо дар пешгирӣ аз гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро метавонад ҳиссагузор бошад, балки нақши зан-модар дар ин раванди муҳим калидӣ буда, бояд ҳар як ҷомеа ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд. Яъне, ҳалли ин мушкилии глобалиро на дар берун ва дар дигар ҷо, балки дар тарбия, талқин ва фаҳмонидану огоҳманд сохтани занон аз фарзандони худ бояд ҷӯст. Чун ин мавқеъ муайян гардид, моро зарур аст бо иродаи қавӣ ба амалӣ сохтани он, яъне саравал огоҳманду донишманд сохтани занону модарон аз роҳи гузаронидани нақша-чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва муҳимтар аз ҳама фаҳмонидани ҳамин нақши калидии онҳо шуруъ намоем ва ин падидаи номатлубро аз миён барем.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили омӯзиши фаъолияти зан-модар, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ чун узви комилҳуқуқи ҷомеа фаъолият мебаранд, хулоса кардан мумкин аст, ки нақши онҳо дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм муҳим мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов дар мулоқот бо намояндагони занони мамлакат. - Душанбе, 7 марти соли 2006.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Ганҷ», 2016.- С.22.
3. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Шарқи озод», 2009.- С.97.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005, №89. // www. mmk.tj (санаи муроҷиат 28.05.2020).
5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999, №5 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.06.2020).
6. Жыпара Ракишева, национальный координатор Управления ООН по наркотикам и преступности (УНП) ООН.



**Аннотатсия**

**Нақши занон дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм.**

Дар мақолаи мазкур нақши калидии зан дар сохтани ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва озоду осоишта, дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм арзёбӣ гардидааст. Нақши зан ҳамчун тарбиятгар ва роҳнамои хонавода дар ду мавқеъ - ҳамсар ва модар барои ҷилавгирӣ аз рушду инкишофи терроризм ва экстремизм таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Муаллиф сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ғамхорӣ нисбати занону бонувон муайян намуда, ҷалби занону бонувонро ба фаъолият дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа аз иқдомҳои саривақтии роҳбари давлат мешуморад.



**Аннотация**

**Роль женщин в борьбе с терроризмом и экстремизмом**

В статье рассматривается ключевая роль женщин в построении правового и свободного общества, в борьбе с терроризмом и экстремизмом. Анализируется и обсуждается роль женщин как воспитателя и путеводителя семьи в двух позициях, как супруга и матери по предотвращению развития терроризма и экстремизма.

Автор определяет политику, проводимую Основателем мира и национального единства –

Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном в уходе за женщинами, и рассматривает вовлечение женщин в различные сферы общества как своевременные шаги главы государства.

**Annotation**

**The role of woman in the fight against terrorism and extremism**

This article examines the key role of women in building a law-abiding, free and peaceful society, in the fight against terrorism and extremism. Suggestions in this direction have also been made by the international community. The author defines the policies pursued by the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in caring for women, and considers the involvement of women in various spheres of society as timely steps by the head of state.



**Одинаев Шоҳрух Хисравович,**
*котиби директори Маркази миллии қонунгузории*
*назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru*

# ТАНЗИМИ МЕЪЁРӢ ВА ТЕХНИКИИ ЗАМИНСОЗӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *санади меъёрии ҳуқуқӣ; заминсозӣ; ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии заминсозӣ; ҳуҷҷатҳои техникӣ; меъёрҳои техникӣ-ҳуқуқӣ; мақоми ваколатдори давлатӣ дар танзими ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникӣ.*

***Ключевые слова:*** *нормативный правовой акт; землеустройство; нормативно-правовые документы по землеустройству; техническая документация; технические и правовые нормы; уполномоченный государственный орган по регулированию нормативных правовых и технических документов.*

***Keywords:*** *normative legal act; land management; regulatory documents on land management; technical documentation; technical and legal standards; authorized state body for regulation of regulatory legal and technical documents.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати камзамин мебошад ва аҳолиаш дар ҳолати босуръати зиёдшавӣ қарор дорад, албатта ин проблема дастрасии аҳолиро ба қитъаи замин ба миён меоварад. Барои ҳалли ин масъала бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки заминҳои мавҷудаи дар гардиши кишоварзӣ қарордошта пурраву самаранок истифода ва заминҳои бекорхобидаву аз гардиши кишоварзӣ дурмонда ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шаванд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда чандон кам нестанд, аз ин лиҳоз бояд қонунгузориро ба роҳбарӣ гирифта, истифодаи онҳо ба роҳ монда шавад. Заминсозӣ бошад, дар ин асно яке аз механизми муҳим баромад менамояд, чунки ташкили заминистифодабарии нав ва танзими заминистифодабарии мавҷуда яке аз мақсадҳои он мебошад. Механизми асосии истифодаи пурра, оқилона ва самараноки замин ин заминсозӣ ба ҳисоб меравад [1].

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, № 356 [2] ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ, ки дар танзими муносибатҳои заминсозӣ нақши назаррас доранд, пешбинӣ шудааст. Дар моддаи 13 Қонуни мазкур оид ба субъект ва тартиби қабул, доираи татбиқи онҳо ба танзими муносибатҳои заминсозӣ, самти танзими ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникии заминсозӣ зикр карда шудааст.

Бояд зикр кард, ки пайдоиши «танзими техникӣ» дар қонунгузории Тоҷикистон пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки дар қонунгузории байналмилалии техникӣ истилоҳоти мазкур ба таври васеъ истифода шуда ва қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» аз 19 майи соли 2009 [3] аз зарурати воридшавии кишвари мо ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба миён меояд. Аз тарафи дигар, танзими техникӣ асоси худро аз мафҳуми «меъёрҳои техникӣ-ҳуқуқӣ» мегирад, зеро қисми зиёди меъёрҳое, ки ба он дохил мешаванд аз рӯйи табиати худ меъёрҳои ҳуқуқӣ бо мазмуни техникӣ мебошанд [4, с. 6].

Ба андешаи Ю.В. Тихомиров агар меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои байни одамонро ба танзим дарорад, он гоҳ меъёрҳои техникӣ муносибатҳои инсонро бо воситаҳои меҳнат, ҷараёнҳои истеҳсолию техникӣ ва

маҳсулот ба танзим медарорад [5, с. 12]. Танзими техникӣ на танҳо як намуди танзими ҳуқуқӣ, балки шакли танзими давлатии иқтисодиёт мебошад. Танзими техникӣ дорои аломатҳое мебошад, ки моҳияти онро ифода менамояд. Ба онҳо хусусияти идоракунӣ доштани фаъолияти мазкур, субъект, объект ва мақсад дохил мешавад [6, с. 290].

Санадҳои техникӣ дар соҳаҳои алоҳидаи қонунгузории кишвар мавриди истифода қарор дода шуда истодааст. Вобаста ба масъалаи санадҳои техникӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи бамеъёрдории техникӣ» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи стандартонӣ» [7] қабул карда шудааст. Қонуни ҶТ «Дар бораи бамеъёрдории техникӣ» муносибатҳоеро, ки ҳангоми таҳия ва тасдиқи талаботи техникии иҷрояшон ҳатмӣ нисбат ба маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ ба амал меоянд, танзим намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни ин муносибатҳоро муқаррар менамояд. Дар соҳаи танзими техникӣ ва стандартизатсия санадҳои меъёрии ҳуқуқии техникӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд.

Санадҳои техникӣ бо мақсадҳои таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон ва дигар мақсадҳо қабул карда мешаванд. Санадҳои меъёрии техникӣ дар соҳаи танзими техникӣ ва стандартизатсия ба регламенти техникӣ, рамзи техникӣ, стандартҳо (давлатӣ ва ташкилотҳо) ва шароити техникӣ таснифбандӣ карда мешаванд.

Регламенти техникӣ ин санади меъёрии техникӣ, ки дар ҷараёни бамеъёрдарории техникӣ таҳия шуда, талаботи техникии риояашон ҳатмиро вобаста ба бехатарии маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ муқаррар мекунад. Регламентҳои техникӣ дар худ метавонанд муқаррароти зайлро дошта бошанд:

а) қоида ва шаклҳои тасдиқи мутобиқат ба талаботҳои санадҳои техникӣ дар робита ба ҳар як объекти танзими техникӣ, аз ҷумла, қоидаҳо ва усулҳои назорат, санҷиш, андозаи зарурӣ барои риояи онҳо;

б) қоидаҳои нишон додани объектҳои танзими техникӣ, риояи қоидаҳои техникии онҳо;

в) талабот оид ба иҷрои назорати давлатии риояи меъёрҳои техникӣ.

Стандартонӣ бошад, ин фаъолиятест барои муайян намудани меъёр, қоида ва хусусиятҳо ҷиҳати таъмини корҳои зайл: бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ барои ҳаёт ва саломатӣ, амвол ва ҳифзи муҳити зист; талабот нисбати мутобиқат ва қобили иваз будани маҳсулот; мутобиқати сифати маҳсулот, кору хизматрасонӣ ба иҷрои вазифаҳои марбута мувофиқи сатҳи пешрафти илму техника ва технология, қобили рақобат будани он дар бозори ҷаҳонӣ; ҳифзи манфиат ва ҳуқуқи истеъмолгарон; қобилияти мудофиавӣ ва ба сафарбарӣ омода будани давлат.

Ҳуҷҷати техникӣ – маҷмӯи ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби ташкилоти лоиҳакашӣ мувофиқи шартнома бо фармоишгар таҳия карда мешавад. Ҳуҷҷати техникӣ системаи маълумоти графикӣ, ҳисобӣ ва матнии ҳангоми сохтмон, таҷдид ё таъмири асосӣ, инчунин дар ҷараёни истифодабарии бино ва иншоотҳо истифодашавандаро дар бар мегирад.

Ҳуҷҷатҳои техникии заминсозӣ маҷмӯи маводҳои матнӣ ва графикӣ мебошад, ки раванди чорабиниҳоро оид ба истифодаи пурра, оқилона ва самараноки замин, ташкили заминистифодаи нав, танзими заминистифодаи мавҷуда бе татбиқи унсурҳои лоиҳакашӣ амалишавандаро танзим менамояд. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, № 356 мафҳуми ҳуҷҷатҳои техникии заминсозӣ пешбинӣ нагардидааст ва дар қонунгузории баъзе аз мамлакатҳои хориҷӣ мустаҳкам гардидааст. Масалан, дар м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи заминсозӣ» аз 22 майи соли 2003, № 858 – IV [8] мафҳуми ҳуҷҷати техникии заминсозӣ ба таври зайл муқаррар гардидааст: «ҳуҷҷати техникӣ оид ба заминсозӣ ин маҷмӯи маводҳои матнӣ ва нақшавӣ мебошад, ки раванди техникии чорабиниҳоро оид ба истифода ва

ҳифзи замин бе татбиқи унсурҳои лоиҳавӣ муайян мекунад» [9].

Ҳуҷҷатҳои техникии заминсозӣ ба намудҳои зерин тақсим карда мешаванд:

а) ҳуҷҷатҳои техникии заминсозӣ оид ба муқаррар намудани ҳудуди ҷойгиршавии қитъаи замин;

б) ҳуҷҷати техникии заминсозӣ оид ба тақсим ва ташкил намудани қитъаи замин;

в) ҳуҷҷати техникии заминсозӣ оид ба ташкили ҳудуди қитъаи замин, ки ба ҳуқуқи зериҷора, сервитут вобаста аст;

г) дигар намуди ҳуҷҷатҳои заминсозӣ, ки тибқи қонунгузорӣ қабул карда шудаанд.

Муқаррар намудани ҳудуди ҷойгиршавии қитъаи замин дар асоси ҳуҷҷатҳои техникии мавҷудаи заминсозӣ амалӣ карда шуда, бо кумаки он маҳали ҷойгиршавии нуқтаҳои бозгашти қитъаи замин дар минтақа муайян карда мешавад.

Ҳуҷҷати техникии заминсозӣ оид ба ташкил ва тақсим кардани қитъаи замин инҳоро фаро мегирад:

а) тавсифи тавзеҳот;

б) шартҳои ҳуҷҷат барои тайёр кардани ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби фармоишгар тасдиқ шудааст;

в) нақшаи кадастрии қитъаи замине, ки дар як қитъаи замин ё қисмҳои қитъаи замине, ки ба қисмҳои алоҳида ҷудо карда мешавад, дохил карда шудаанд;

г) маводи корҳои геодезӣ;

д) рӯйхати рамзҳо оид ба ҳуқуқҳои замин, маҳдудиятҳои истифодаи он;

е) розигии нотариалӣ ба тақсим ё маҷмӯи қитъаи замине, ки молики гарав, истифодабарандагони қитъаи замин (агар қитъаи замин дар гарав монда шуда бошад ва истифода бурда шавад);

ё) розигии соҳибони қитъаи замин барои заминҳои давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин дар ташкил ва тақсим кардани заминистифодабарӣ.

Ҳуҷҷати техникии заминсозӣ оид ба ташкили ҳудуди қитъаи замин, ки ба ҳуқуқи зериҷора, сервитут вобаста аст, мутобиқи маводҳои топографӣ, геодезӣ ва харитасозӣ сурат мегирад. Ба ҳуҷҷати техникии заминсозӣ оид ба ташкили ҳудуди қитъаи замин, ки ба ҳуқуқи зериҷора, сервитут вобаста аст, инҳо дохил мешаванд:

а) шарҳи тавзеҳот;

б) мазмуну муҳтавои ҳуҷҷат барои тайёр кардани ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби фармоишгар тасдиқ шудааст;

в) нақшаи кадастрии қитъаи замин, ки сарҳади қитъаи замини он ҳуқуқи иҷораи заминистифодабаранда ё сервитутро фароҳам меоварад;

г) маводи корҳои геодезӣ;

д) нусхаи ҳуҷҷатҳо, ки барои пайдоиши ҳуқуқҳои зеркироя ё сервитут асос мебошанд.

Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ тартиби ташкил ва иҷрои корҳои заминсозӣ, талабот ба он, меъёрҳо ва қоидаҳои иҷрои онҳоро муқаррар менамоянд. Мазмун ва моҳияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникии заминсозӣ чунин талаботҳоро вобаста ба заминсозӣ бояд фарогир бошад:

а) тартиби ташкил ва иҷрои корҳои заминсозӣ;

б) талабот ба тартиби иҷрои корҳои заминсозӣ;

в) меъёрҳо ва иҷрои ин меъёрҳо.

Ин маънои онро дорад, ки ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникии заминсозие, ки қабул карда мешаванд, ҳатман бояд яке аз унсурҳои дар боло номбаршударо пешбинӣ намоянд. Масалан, ҳуҷҷати техникии заминсозӣ оид ба ташкили ҳудуди қитъаи замин тартиби ташкили ҳудуди қитъаи замин, талаботҳои вобаста ба гузаронидани ташкили ҳудуди қитъаи замин ва чанде дигар талаботҳоро фарогир мебошад.

Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин таҳия карда шуда, дар доираи салоҳияташ тасдиқ карда мешаванд. Дар ин қисмати моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, № 356 субъектони қабули ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникии заминсозӣ пешбинӣ шудааст. Аз моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, № 356 бармеояд, ки субъекти қабули ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникии заминсозӣ танҳо мақоми

ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, мақомоти маҳаллии вакодатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин низ метавонанд дар доираи салоҳияти худ ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникии заминсозиро қабул намоянд.

Ҳуҷҷатҳое, ки тасдиқи онҳо ба салоҳияти мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин дохил намешаванд, аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ мегарданд. Ҳукумати ҶТ ҳамчунин, дар доираи ваколатҳои худ метавонад ҳуҷҷатҳои заминсозиеро қабул намояд, ки қабули онҳо ба доираи ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин шомил намешаванд. Ҳукумати ҶТ вобаста ба гузаронидани корҳои заминсозие, ки хусусияти умумиҷумҳуриявӣ доранд ва ё бо мақсади татбиқи барномаҳои ҷумҳуриявӣ равона карда шудаанд, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникии заминсозӣ қабул менамояд. Масалан, қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои ҷудо кардани қитъаҳои замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 1 сентябри соли 2005 ва қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои истифодаи қитъаҳои ҳамшафати роҳҳои автомобилгард» аз 6 майи соли 2006 аз қабили ин ҳуҷҷатҳо мебошанд.

Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ барои танзими давлатии фаъолияти заминсозӣ таъин гардида, иҷрои меъёрҳои онҳо барои ҳамаи иштирокчиёни корҳои заминсозӣ ҳатмӣ мебошанд. Иҷроиши талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ, ки барои танзими давлатии фаъолияти илмӣ, техникӣ, истеҳсолӣ равона гардидаанд, ҳангоми таҳияи чорабиниҳо ва иҷрои корҳои заминсозӣ ҳатмӣ мебошанд.

Ҳамаи заминистифодабарандагон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, фармоишгарон, таҳиягарони ҳуҷҷатҳои заминсозӣ ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои заминсозӣ уҳдадор мебошанд, ки талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозиро риоя ва иҷро намоянд. Ба инобат нагирифтани талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ мумкин аст, боиси беэътибор эътироф намудани иҷрои корҳои анҷомдодаи заминсозӣ ва ё ҳуҷҷатҳои заминсозии қабулнамуда гардад.

Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникӣ қоидаҳои иҷрои корҳои заминсозӣ, гузаронидани экпертизаи корҳои заминсозӣ, назорати муаллифӣ, супоришҳои техникӣ ва дигар фаъолияти заминсозиро таъмин намуда, барои ҳалли масъалаҳои баҳснок низ асос шуда метавонанд. Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ таъмини муътадилии фаъолияти заминсозиро дар баробари дигар санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои заминсозӣ таъмин менамоянд.

Зимни ҳалли баҳсҳои вобаста ба заминсозӣ ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ ба сифати асос баромад карда метавонанд. Мақомоти баррасикунадаи баҳсҳои замин ва заминсозӣ истиноди тарафҳои баҳсро ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникии заминсозӣ, ки тибқи тартиби муқарраршуда қабул шудаанд, ба инобат мегиранд.

Тибқи м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи геодезия ва харитасозӣ» аз 3 марти соли 2006 [10] ҳуҷҷатҳои меъёрию техникии соҳаи фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ стандартикунонии маҳсулотро дар соҳаи геодезия ва харитасозӣ, инчунин тартиби ташкили корҳои геодезӣ ва харитасозӣ, талаботи техникӣ ба онҳо, меъёру қоидаҳои иҷрои онҳоро муқаррар намуда, аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геодезия ва харитасозӣ тасдиқ мегардад.

Риояи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникии соҳаи фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ барои ҳамаи субъектҳои фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ ҳатмӣ буда, баҳри стандартикунонӣ, танзими давлатии фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ муқаррар карда мешаванд ва барои гузаронидани санҷишҳо, амалӣ намудани назорати давлатии геодезӣ оид ба фаъолияти геодезию харитасозӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои баҳснок асос ба ҳисоб мераванд [11].

Танзими техникӣ – танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар доираи муқарраркунӣ,

истифодабарӣ ва иҷрокунии талаботи ҳатмӣ ба маҳсулот, ҷараёни истеҳсолот, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, кашонидан, баамалбарорӣ ва истифодабарии партовҳо, инчунин дар доираи муқарраркунӣ ва истифодабарии ихтиёрии талабот ба маҳсулот, ҷараёни истеҳсолот, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, кашонидан, баамалбарорӣ ва истифодабарии партовҳо, иҷрокунии корҳо ё расонидани хизматҳо ва танзими муносибатҳо дар доираи баҳодиҳии муносиб мебошад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии техникӣ – стандартҳои давлатӣ ва байнидавлатӣ, меъёру қоидаҳои сохтмони давлатӣ, классификаторҳои маълумоти техникӣ-иқтисодӣ, қолабҳои ҳисоботи омории давлатӣ ва дастурҳо оид ба пуркунии онҳо, стандартҳои соҳавии тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ тасдиқгардида (мавриди амал қарор гирифташуда) мебошанд.

Аз нишондодҳои дар боло оварда шуда, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки меъёру унсурҳои дарҷгардида, вобаста ба танзими ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ бояд дар фаъолияти мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва сохторҳои маҳаллии он ба инобат гирифта, васеъ истифода бурда шаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Сохибов М.М. Становление и развитие института гражданско-правового регулирования сделок о праве пользования земельным участком / М.М. Сохибов // Вестник ТГУПБП (научно-теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2017. – №3 (72). – С. 107–119.

2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008. – №1. қ. 2. – Мод. 21, с. 2016. – №1343. – Мод. 366.

3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009. – №5. – Мод. 329; с. 2011. – №6. – Мод. 439.

4. Белых В.С., Кванина В.В., Лукьянова В.Ю., Панова А.С. Техническое регулирование экономики и предпринимательской деятельности: монография. – М., 2016. – С. 6.

5. Лукянова В.Ю., Калмыкова А.В. Опыт и правовые проблемы технического регулирования // Журнал росийского права. – 2008. – №3. – С. 12.

6. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – С. 290.

7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996. – №23. – Мод. 358; с. 2002. – №4, қ. 1. – Мод. 230.

8. В редакции Законов от 05.03.2009. – №1066-VI, 04.06.2009. – №1443-VI, 05.11.2009. – №1702-VI, 17.02.2011. – №3038-VI, 03.03.2011. – №3123-VI, 07.07.2011. – №3613-VI (см. сроки вступления в силу), 22.09. 2011. – №3774-VI, 23.02.2012. – №4444-VI, 21.06.2012. – №5003-VI, 06.09.2012. – №5245-VI (вступил в силу 01.01.2013 г.), 02.10.2012. – №5394-VI (см. сроки вступления в силу), 02.10.2012. – №5395-VI, 16.10.2012. – №5462-VI, 02.07.2013. – №365-VII, 02.07.2013. – №367-VII, 12.02.2015. – №191-VIII, 02.06.2015. – №497-VIII, 08.12.2015. – №863-VIII, 17.01.2017. – №1817-VIII, 01.03.2018. – №2314-VIII, 10.07.2018. – №2498-VIII.

9. Сохибов М.М. Особенности наследования пожизненно наследуемое пользование земельным участком по законодательству Республики Таджикистан / М.М. Сохибов // Вестник ТГУПБП (научно–теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2015. – №4 (65). – С. 127–136.

10. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006. – №3. – Мод. 162; с. 2008. – №12. – қ. 2. – Мод. 1008.

Сохибов М.М. Развитие института наследования права пользования земельным участком по законодательству Республики Таджикистан / М.М. Сохибов // Вестник РТСУ. – №4 (60) 2017. – С. 100–109.



**Аннотатсия**

**Танзими меъёрӣ ва техникии заминсозӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Танзимоти меъёрӣ-ҳуқуқии заминсозӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникӣ дар мақолаи мазкур нишон дода шудааст. Ҳамзамон, муаллиф мафҳум, мақсад ва намудҳои

ҳуҷҷатҳои техникии заминсозиро равшан намуда, иҷрои талаботи санадҳои мазкурро аз ҷониби субъектони баамалбарорандаи он ҳатмӣ арзёбӣ намудааст.

**Аннотатция**

**Нормативно-техническое регулирование землеустройства в соответствии с законодательством Республики Таджикистан**

Нормативно-правовое регулирование землеустройства посредством нормативных правовых и технических актов показано в данной статье. В то же время автор уточнил понятие, назначение и виды технической документации землеустройства и дал оценку выполнению требований этих документов субъектами ее реализации.

**Annotation**

**Normative and technical regulation of land management in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan**

Regulatory regulation of land management through normative legal and technical acts is shown in this article. At the same time, the author clarified the concept, purpose and types of technical documentation of land management and assessed the implementation of the requirements of these documents by the subjects of its implementation.

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**



***Дилшод Давлатзода,***
*мутахассиси пешбари бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маасъалаҳои ҳуқуқӣ, унвонҷӯи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ВАҲДАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди Шӯравӣ; ваҳдати миллӣ; истиқлолияти давлатӣ; сиёсати давлатӣ; ғояҳои ифротгаройӣ; давлати исломӣ.*

***Ключевые слова:*** *Советский Союз; национальное единство; государственный суверенитет; государственная политика; экстремистические идеи; исламское государство.*

***Keywords:*** *Sovet Union; national unity; state independence; state policy; extremist ideas; Islamic state.*

**«Ба пояи сиёсати давлатӣ бардошта шудани ҳисси худшиносиву ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва вахдати миллӣ, бешак, дастоварди бузурги мо дар ин давра аст».**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

Солҳои 90-уми асри гузашта баъд аз барҳам хӯрдани давлати пуриқтидори Иттиҳоди Шӯравӣ, аз як тараф ба ҷумҳуриҳои он имконият фароҳам овард, ки соҳибистиқлол гарданд ва аз тарафи дигар, ба давлатҳои абарқудрати Ғарбу Шарқ имкон фароҳам овард, то онҳо ҳадафҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии худро дар фазои давлатҳои пасошӯравӣ амалӣ созанд.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, Консепсияи дурнамоии геоиқтисодии абарқудратони Ғарбу Шарқ дар он буд, ки онҳо бояд захираҳои нафту газро дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ азхуд намуда, мисли ҳарвақта, барои расидан ба ҳадафҳои геополитикӣ аз усулҳои иғвоангезонаи худ истифода баранд. Онҳо пеш аз ҳама тарғиби исломизатсия, ташкили муборизаи миллатҳоро барои истиқлолият ва эҳёи манфури таърихии миллатҳоро нисбат ба якдигар ба кор бурданд. Воситаи истифодаи нерӯи тундгаро ва ифротгароёни диниро аз ҷониби мамлакатҳои ғарб дар Ироқ, Либиё, Миср, Суриё ва мисоли онҳоро дар солҳои сипаришуда бараъло мушоҳида кардан мумкин аст. Агар дар Либиё нақшаи Ғарб бомуваффаққият амалӣ шуда бошад ҳам, дар Миср ҳукмронии бемуваффақ ва кӯтоҳмуддати ифротгароёни динӣ аз тарафи нерӯҳои тамаддунпарвари ин кишвар, дар симои артиши миллӣ, бартараф гашт.

Аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тундгароёни динии бегонапараст якбора сар баланд намуда, мардумро гумроҳ сохта, хуб медонистанд, ки дар он марҳила кишвари мо барои амалӣ намудани нақшаҳои тарҳрезишудаашон шароити мувофиқи сиёсӣ – иҷтимоӣ дорад.

Дар он замон аллакай, дар маркази як қатор шаҳру ноҳияҳо тундгароёни динӣ ҳамроҳи баъзе зиёиёни гумроҳ фаъолона шиорҳои барангезандаи адовати миллиро, ки бар зидди миллатҳои ғайритоҷик равона буд, тарғиб намуда, як қисми аҳли зиё ба ҷои он, ки ба рисолати иҷтимоии худ, яъне тарғиби донишу илм, фарҳангу санъат машғул бошанд, ба ташвиқу тарғиби ғояҳои ифротгаройӣ ва тундгароии динӣ даст заданд.

Дар сурате, ки инсон зиндагии худро пурра идора карда натавонад, яъне бар ҳастии худ ҳоким набошад, бар шуури худ низ ҳоким

шуда, ба ҳодисаву воқеаҳо мустақилона баҳо дода наметавонад. Дар чунин ҳолат инсон соҳиби истиқлолияти фикрӣ нахоҳад шуд. Барои он, ки истиқлолияти фикрӣ дар ҷомеа ба як падидаи фарогир табдил ёбад, дарку шуури мардум бояд ба дараҷаи зарурии худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ расад, дар замири аҳли ҷомеа ва пеш аз ҳама ҷавонон эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ амиқ ҷой гирад, заҳмату талошҳои холисона ва содиқонаи адибон, олимон, рассомон, табибон, рӯзноманигорон, хулоса зиёиён, ки табақаи пешсаф ва раҳнамои ҳар халқу миллатанд, зарур аст.

Яке аз сабабҳои сар бардоштани тундгароёни динӣ дар он буд, ки миллати тоҷик дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳиби Пешвои миллӣ, ки қудрати сарҷамъ намудани қишрҳои ҷомеаро дошта бошад, набуд. Зимнан, дар ҷанги таҳмилии шаҳрвандие, ки дар Тоҷикистон оғоз гардид, нақши асосиро тундгароёни динӣ бозиданд, зеро ҳадафи асосии онҳо аз оғози фаъолияташон танҳо сарнагун намудани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барпо намудани давлати исломӣ буд.

Вазъияти вазнини сангини бавуҷудомада ба майдон омадани пешвои сиёсиеро талаб мекард, то ки муҳимтарин сифатҳоро доро бошад ва ниёзи мардумро хуб дарк намуда, аз рӯи манфиату арзишҳои умумимиллӣ амал намояд, ба маҳдудияти минтақавӣ ва маҳалгароӣ роҳ надода, ҷаҳонбинии васеъ, дурандешии сиёсӣ ва иродаи қавӣ дошта, дар амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ собитқадам ва устувор бошад. Хушбахтона, дар Тоҷикистон дар раванди ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ нерӯи нуроние пайдо гардид, ки ҳадафҳои ғаразноки тундгароёни динӣ ва хоҷагони онро ошкор сохт. Ин нерӯи бузург дар симои Эмомалӣ Раҳмон барои амалишавии нақшаҳои геостратегии абарқудратони ҷаҳонӣ дар Осиёи Марказӣ монеаи ҷиддӣ шуд. Вакилони мардумӣ низ ин нерӯро дар симои Эмомалӣ Раҳмон дарёфтанд ва моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шахсияти таърихии барҷастаро Раиси Шӯрои Олӣ – Сарвари давлат интихоб намуданд. Зарур ба ёдварист, ки нахустин суханони Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамон айёми худсӯзиҳо садо дод, -ин: **«…ман ба шумо сулҳ меорам»** буд ва он пурра амалӣ гардида, сулҳу ваҳдати миллии мо дар партави сиёсати Пешвои муаззами миллат пойдору қавӣ гашт.

Аз ҷониби Раиси Шӯрои Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаи Ваҳдати миллӣ пешниҳод шуд, ки барои амалӣ сохтани он ба неруи созанда ва тамаддунгарои ҷомеаи тоҷик такя намуда, тамоми истеъдоди сиёсии худро баҳри овардани Сулҳ ва Ваҳдати миллӣ равона намуданд.

Дар лаҳзаҳои ҳассос ва тақдирсоз барои ояндаи давлату миллати мо – тоҷикон ба эътидол овардани вазъ кори басо мураккаб буд ва масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, худогоҳиву худшиносии миллӣ Сарвари давлатро ба интихоби тарзу усули ғайримуқаррарии фаъолият ва ҷасурӣ водор кард.

Президенти кишвар дар он айёми тақдирсоз вазифаҳои авалиндараҷаро муайян карда, барои ҳалли он кӯшишҳои беандоза ба харҷ доданд ва тавре аён буд, вазифаи нахустин хомӯш намудани оташи ҷанг ва аз муқовимати мусаллаҳона ба гуфтушуниди натиҷабахш оғоз кардан муқаррар гардида, гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ бояд ба Ватан ва ҷои зисти доимиашон баргардонда мешуданд. Ҳамзамон ба масъалаи волоияти қонуният ва таъмини мардум бо маводҳои ғизоӣ чораҳои таъҷилӣ андешида шуда, бояд таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти пешомадаи давлати куҳанбунёди Тоҷикистони азиз ҷалб карда мешуд.

Бо ин мақсад солҳои 1994 – 1997 ҳашт даври гуфтушунид байни тоҷикон, аз ҷумла: дар шаҳрҳои Москва (даври 1 ва 7), Теҳрон (даври 2, 6 ва 8), Исломобод (даври 3), Алмаато (даври 4), ва дар шаҳри Ашқобод (даври 5) гузаронида шуда, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид.

Дабири Кулли ҳамонвақтаи Созмони Милали Муттаҳид Кофи Анан аз натиҷаи гуфтушуниди мухолифини тоҷик бо Ҳукумати кишвар ва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллие, ки миёни онҳо ба имзо

расид, натиҷагирӣ карда, иброз дошт: «Тоҷикистон намунаи нодиреро пешорӯи дигар кишварҳо гузошт, ки чӣ гуна низоъҳои дохилиро метавон бартараф кард. Фикр мекунам, ки ин саҳми назарраси Тоҷикистон ба таърихи сулҳофарист».

Қобил ба зикр аст, ки маҳз дар давраи гузаронидани музокироти байни тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташаккули фарҳанги ваҳдатгароӣ замина гузоштанд, ки он унсури ҷудонашавандаи тафаккури сиёсии қишрҳои ҷомеа буда, фаъолияти минбаъдаи ин сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ нишон дод, ки ҳадафу вазифаҳои дарпешгузошташуда, пурра иҷро гардида, дар роҳи ба даст овардан ва мустаҳкам намудани сулҳу Ваҳдати миллӣ, барқарорсозии низоми сиёсӣ, тамомияти арзӣ, ҳастӣ ва эҳёи худогоҳиву худшиносии миллӣ корҳои судманд анҷом ёфтанд.

Дар он замони ояндасоз яке аз ҳадафҳои дурнамои Президенти кишвар дар он буд, ки таъсиру нуфузи қувваҳои хориҷиро, ки пайваста ба раванди сиёсати дохилии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва Ваҳдати миллӣ дахолат менамуданд, монеа эҷод мекарданд, ботадриҷ кам намоянд. Имрӯз дар мисоли Афғонистони ҳамсоя дидан мумкин аст, ки нерӯҳои хориҷӣ ба корҳои дохилии он мудохила намуда, ҳатто имкон намедиҳанд то ки онҳо музокироти худро оғоз.

Аммо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба арсаи сиёсӣ қадам ниҳоданашон зиракии сиёсии худро аз даст надода, тавонистанд ба бозиҳои геополитикии кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар Тоҷикистон хотима бахшанд.

Дар ниҳоят, ҳаминро бояд гуфт, ки аҳамияти геополитикии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон аз он иборат аст, ки он боиси таъмини сулҳу субот на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар Осиёи Марказӣ гардид. Пешвои миллат бо иродаи қавии сиёсӣ, истодагарӣ ва ҷасорат ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, амният ва суботро дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин намуданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди он шуд, ки миллати тоҷик дорои Пешвое мебошад, ки на танҳо дар муттаҳид намудани миллати худ, балки ҳамчун сиёсатмадори шинохта барои таъмини амнияти минтақа нақши калидӣ бозиданд. Дарвоқеъ, фарзанди фарзонаи миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувваи худро дар роҳи хотима бахшидан ба низоъ ва хусумати дохилӣ, инчунин пойдор ва мустаҳкам намудани сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва боз намудани роҳ ба сӯи созандагиву бунёдкорӣ, рушду шукуфоии Тоҷикистони азиз сафарбар намуда, сатҳи баланди эътироф ва эҳтироми милливу ҷаҳониро сазовор гардид.

Ҳоло раванди ташаккулёбии мактаби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо барои шаҳрвандони кишвар, балки барои тамоми тоҷикони ҷаҳон мактаби навест, ки дар сарҷамъ намудани миллати тоҷикон, муаррифии тоҷику тоҷикистониён ва рушду инкишофи кишвари азизамон нақши муҳим дорад.

Дар раванди фаъолияти сарвариашон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушду амалишавии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар тадбирҳои боварибахшу ташаббусҳои ҷаҳониеро анҷом доданд, ки дар иртибот ба онҳо эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфт. Ин буд, ки мардуми шарафманди тоҷик бо сарбаландӣ ба Сарвари хеш унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро сазовор донистанд. Сулҳ ва Ваҳдати миллие, ки Пешвои муаззами миллат ба ҳамватанони маҳбубаш овард, кафили истиқлолияти сиёсии натанҳо Тоҷикистон, балки тамоми Осиёи Марказӣ гардид.

Таърихи гузашта барои мо як мактаби бузурги ҳаёт ва сабақи нотакрори давлату давлатдорӣ, марҳилаи ибратомӯзи расидан ба сулҳу Ваҳдати миллӣ, як қадами устувори рӯ овардан ба нақшаҳои азими созандагӣ ва бунёдкориҳое гардид, ки ҳадафҳои бузурги он бо тақдири наслҳои оянда вобаста ва равона аст. Муносибати эҳтиёткорона ба Ватан, ғамхорӣ ба он, садоқат ба дӯстии самимӣ ва қабул накардани ҳама гуна фишор аз берун рамзи генетикӣ ва фарҳангии мо буда, рӯзи Ваҳдати миллӣ дурустии онро ифода мекунад – дӯст доштани Ватан, ифтихор аз он ва ифтихори он.

Мардуми сарбаланди тоҷик пас аз он, ки фоҷиаи сахти миллиро паси сар кард, ҳоло бо шинохти ҳастии хеш оғоз намуда, зарурати Ваҳдати миллӣ ва якпорчагии давлати миллиро беш аз пеш дарк намудааст, ки он сарчашмаи асосӣ ва омили муҳимтарини пешрафти босуръати ҳар як миллат мебошад.

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки барои рушду нумӯи ояндаи давлату миллати аҷдодии худ ва фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ барои наслҳои имрӯзу оянда аз ин неъмати пурарзиш истифода намуда, дар баробари он зирракии сиёсиро аз даст надода, дар роҳи дурахшони Тоҷикистони биҳиштосо даст ба дасти ҳамдигар гирифта дар атрофи Пешвои муаззами худ муттаҳид бошем ва сулҳу субот, Ваҳдати милливу истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамонро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

**Аннотатсия**

**Ваҳдати миллии тоҷикон**

Дар мақолаи мазкур муаллиф вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ мавриди баррасӣ қорор дода, ваъияти мураккаби сиёсии Тоҷикистонро дар солҳои 90- уми асри гузашта ёдоварӣ намудааст.

Инчунин дар мақола нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар эъмори давлатдории навини тоҷикон, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳу субот ва амнияти сартосарии кишвар ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳшои инсон ва шаҳрванд махсус таъкид гардидааст.

**Аннотация:**

**Национальное единство таджиков**

В этой статье автор обсуждает политическую ситуацию в Республике Таджикистан в первые дни государственной независимости и напоминает о сложной политической ситуации в Таджикистане в 90-х годах прошлого века.

В статье также подчеркивается роль Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в построении новой таджикской государственности, восстановлении конституционного порядка, обеспечении мира и стабильности на всей территории страны, защите прав и свобод человека и гражданина.

**Annotation:**

**National unity of Tajiks**

In this article, the author discusses the political situation in the Republic of Tajikistan in the early days of state independence and recalls the difficult political situation in Tajikistan in the 90s of the last century.

The article also emphasizes the role of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in building a new Tajik statehood, restoring constitutional order, ensuring peace and stability throughout the country, protecting human and civil rights and freedoms.

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

## НАВИГАРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ ГРАЖДАНӢ

Дар семоҳаи дуюми соли 2020 бо дарназардошти тақозои рушди ҷомеа 2 апрели соли 2020, №1689 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Кодекси мазкур аз 18 боб ва 137 модда иборат буда, муносибатҳоро вобаста ба ҳамлу нақли бор, мусофир, бағоҷ, фаъолияти нақлиётию экспедитсионии байни субъектҳо, новобаста аз шакли моликият, бо мақсади фароҳам овардани шароит барои амалишавии низоми нақлиёти автомобилӣ дар асоси механизмҳои муосир ва мусоидат ба таъмин ва рушди хизматрасонии аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш танзим менамояд.

**Шуъбаи қонунгузории граждании,**
**соҳибкорӣ ва оилавӣ**

## НАВИГАРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ МОЛИЯ

Дар семоҳаи дуюми соли 2020 дар қонунгузории соҳаи молия бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи мазкур тағйиру иловаҳо ба **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020” ворид гардид.**

**Аз ҷумла,** ба моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» аз 26 ноябри соли 2019 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2019, №11. мод. 682) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

- дар қисми 13 калимаҳои «суперэлита ва элита,» ба калимаҳои «суперэлита, элита ва репродуксияи якум, тухмии хушсифати кирмак барои пиллапарварӣ, гулу буттаҳои ороишӣ, дарахтони ороишӣ ва мевадиҳанда,» иваз гардиданд;

- қисмҳои 14, 15, 16 ва 17 бо мазмуни зерин илова карда шуданд:

«14. Дар соли 2020 иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз тарафи намояндаи фармоишгар – консортсиуми «Tractebel Engineering S.A.» (филиали ««Tractebel Engineering S.A.» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) оид ба сохтмони иншооти Нerугоҳи барқи обии «Роғун», ки тибқи шартномаи тарафайн амалӣ мешавад, аз пардохти андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, инчунин, иҷрои кор ва хизматрасонии зерпудратчиёни консортсиум аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуданд.

15. Дар соли 2020 воридоти қисмҳои эҳтиётӣ, мавод ва ҷузъҳои алоҳидаи барои васлу истеҳсоли таҷҳизот ва мошинолоти кишоварзӣ пешбинигардида аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшидаи «Агротехсервис» - и шаҳри Ҳисор, инчунин, таҳвили минбаъдаи таҷҳизот ва мошинолоти кишоварзии истеҳсолнамудаи ҷамъияти мазкур аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд.

16. Дар соли 2020 воридоти як адад чархболи тамғаи «Airbus H125» аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр» аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд.

17. Дар соли 2020 воридоти молу масолеҳи сохтмонӣ бо мақсади бунёди 10 қароргоҳ барои қабули меҳмонони сатҳи олӣ дар шафати бӯстонсарои ҳукуматӣ, воқеъ дар хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия,**
**андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ**

## НАВИГАРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ ЭКОЛОГӢ

Дар семоҳаи дуюми соли 2020 дар қонунгузории соҳаи экологӣ Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид.

Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 апрели соли 2020, № 1688 қабул гардид, ки аз 13 боб ва 95 модда иборат мебошад. Кодекси мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани об ва объектҳои об танзим намуда, ба ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои об, инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони об равона гардидааст.

Дар боби якуми Кодекси мазкур масъалаҳои вобаста ба мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи об, вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи об, принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи об, фонди давлатии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, объектҳои об, заминҳои фонди давлатии об, ҳуқуқи моликият ба об, ҳуқуқи истифодаи объектҳои об ва иншооти хоҷагии об, ки таъйиноти махсуси стратегӣ доранд, ҷой дода шудаанд.

Бобҳои дуюм, сеюм ва чорум бошад, масъалаҳои вобаста ба танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об, иштироки ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шахсони воқеӣ дар татбиқи чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилона ва ҳифзи объектҳои об ва банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва мониторинги давлатии истифодаи захираҳои обро пешбинӣ мекунад.

Дар бобҳои панҷум, шашум ва ҳафтум масъалаҳои истифодаи об, тартиб ва шартҳои ба истифода додани объектҳои об ва ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истифодабарандагони об ҳангоми истифодаи объектҳои об муқаррар карда шудаанд.

Инчунин дар Кодекси зикршуда, масъалаҳои асосӣ ва тартиби қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи об, истифодаи объектҳои об, ҳифзи объектҳои об, ҳалли баҳсҳо дар соҳаи муносибатҳо вобаста ба об, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муносибатҳо вобаста ба об ва муқаррароти хотимавӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд.

Бо қабули Кодекси мазкур Кодекси оби мавриди амал қарордошта аз 29 ноябри соли 2000, №34 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, №11, мод. 510; с. 2006, №3, мод. 164; с. 2008, № 3, мод. 200; с. 2009, №12, мод. 824; с. 2011, № 6, мод. 455; с. 2012, №4, мод. 271) аз эътибор соқит дониста шуд.

**Шуъбаи кишоварзӣ, истифодаи**
**сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист**

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

– насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

– номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – қайди давлат, шаҳр (бо се забон);

– почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);

– акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗӮӢ

Нишон додани рамзи «КУД» ё «КОА» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 3 см. аз чап, 1 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman TJ 14 кгл; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).

***Фосила:*** 1,5.

***Сархат***: 1,25 см.

***Ориентатсия***: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1.СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень, если иностранец / иностранцы – указать страну, город (на трех языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается код УДК или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 3 см. слева, 1 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).

***Интервал***: 1,5.

***Абзацный отступ***: 1,25 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Редактор формул***: пакет Microsoft Office

***Барномаи таҳририӣ***: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.

***Номи мақола***: дар маркази сатр, бе сархат, бо ҳарфҳои калон.

***Матн***: баробаркунӣ – «по ширине».

***Ҳаҷми саҳифа***: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

## ШАКЛИ НАМУНАВИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ РӮЙХАТҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

### 1. МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО

Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – № 12, қ. 1. – Мод. 699.

Баҳриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷинояткорӣ // Қонунгузорӣ. – 2011. – № 1. – С. 68-72.

### 2. МОНОГРАФИЯҲО:

Тарасова В.И. Политическая история Латинской Америки: монография. – 2-е изд. – М.: Проспект, 2006. – 241 с.

### 3. АВТОРЕФЕРАТҲО

Глухов В.А. Исследование, разработка и построение системы электронной доставки документов в библиотеке: автореф. дис. … канд. техн. наук. – Новосибирск, 2000. – 18 с.

### 4. ДИССЕРТАТСИЯҲО

Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 213 с.

### 5. ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ

Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

### 6. МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО

Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

***Программа редактирования***: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.

***Название статьи***: по центру, без отступа, прописными буквами.

***Текст***: выравнивание «по ширине».

***Объем страниц***: не менее 7 страниц (для научной статьи).

## ПРИМЕРНЫЙ ФОРМАТ ОФОРМЛЕНИЯ БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ СПИСКОВ

### 1. СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ

Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2004. – № 12, ч. 1. – Ст. 699.

Баҳриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷинояткорӣ // Законодательство. – 2011. – № 1. – С. 68-72.

### 2. МОНОГРАФИИ

Тарасова В.И. Политическая история Латинской Америки: монография. – 2-е изд. – М.: Проспект, 2006. – 241 с.

### 3. АВТОРЕФЕРАТЫ

Глухов В.А. Исследование, разработка и построение системы электронной доставки документов в библиотеке: Автореф. дис. … канд. техн. наук. – Новосибирск, 2000. – 18 с.

### 4. ДИССЕРТАЦИИ

Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 251 с.

### 5. АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ

Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

### 6. МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ

Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

**7. ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ**

Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [Манбаи электронӣ] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (санаи муроҷиат: 12.10.2016).

**7. ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ**

Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Электронный ресурс] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (дата обращения: 12.09.2016).

Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте» от 5 марта 2007 года [Электронный ресурс] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (дата обращения: 12.10.2016).

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» бо мақсади мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, интишори тафсири илмию амалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯши чакана бароварда мешавад.
Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.
Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.
**Индекси обуна:** - 77710.
**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**
**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.
**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.
**С/муросилотӣ:** 22402972000002.
**БИК:** 350101800.
**РМА:** 010082702.
**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.
**Телефон:** 227-47-71; 227-45-53; 227-08-07.
**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал «Законодательство» издается четыре раза в год.

В розничную продажу журнал поступает в ограниченном количестве.
Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.
Подписка на журнал «Законодательство» осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.
**Подписной индекс:** - 77710.
**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**
**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.
**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.
**Расчетный счет:** 20204972712010100002.
**К/счет:** 22402972000002.
**МФО:** 350101800.
**ИНН:** 010082702.
**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.
**Телефоны:** 227-47-71; 227-45-53; 227-08-07.
**Электронный адрес:** info@mmk.tj.

**МУРАТТИБОН**
***Манучеҳр Ҳамидзод***
***Абдураҳимзода Фаридун***
***Тоирзода Малика Тоир***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ «Нашрияи Нур» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Ба матбаа 29.06.2020 супорида шуд. Ба чопаш 03.07.2020 иҷозат дода шуд. Коғази офсетии № 1. Андозаи 60x84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

---

**СОСТАВИТЕЛИ**
***Манучехр Хамидзод***
***Абдурахимзода Фаридун***
***Тоирзода Малика Тоир***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО «Нашрияи Нур». Сдано в печать 29.06.2020. Разрешен к печати 03.07.2020. Бумага офсетная №1. Формат 60x84 1/8. Шрифт Times New Roman Tj. Условный печатный лист 10,0. Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*